П
24471

# Синдбоди

## ДАРЬЁГАРД

*Афсонаҳо*
*аз ҳазору*
*як шаб*



# Синдбоди
## дарьёгард

*Афсонаҳо
аз ҳазору
як шаб*

НАШРИЁТИ «МАОРИФ»
ДУШАНБЕ 1978

С58
И(Араб)

И $\frac{70803-156}{М504(13)-76}$ 154 — 76

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ
«КИТОБХОНАИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН»
П 24471
И (Араб)

С58 **Синдбоди дарьёгард.** Афсонаҳо аз ҳазору як шаб. (Барои бачагони синни миёна ва калони мактабӣ). Душанбе, «Маориф», 1976.

128 саҳ.

Дар ин китоб чанде аз афсонаҳои марғуби «Ҳазору як шаб» интихобан фароҳам омадаанд.

Синдбад-Мореход.

И (Араб)

000087831
Китобхонаи миллии Тоҷикистон.



# ҲИКОЯТИ АСПИ АҶОИБ

Аз ҷумлаи ҳикоятҳо ин аст, ки дар замони қадим подшоҳе буд бошавкат, вай се духтари офтобрӯй ва як писари моҳрӯй дошт. Рӯзе аз рӯзҳо подшоҳ бар тахт нишаста буд, ки се тан олимон ба пеши ӯ даромаданд, ки яке аз онҳо товусе дошт заррин ва бо дигаре карнайчае буд нуқрагин ва бо сеюмин аспе буд аз устухони фил ва чӯби сиёҳ.

Подшоҳ ба онҳо гуфт:

— Инҳо чистанд ва чӣ манфиат доранд?

Соҳиби товус гуфт:

— Хосияти ин товус ин аст, ки ҳар чанд соат аз шабу рӯз гузарад, ин товус ба шумораи он болу пар занад ва овоз диҳад.

Соҳиби карнай гуфт:

— Агар ин карнайро ба дарвозаи шаҳр бигузорӣ, барои шаҳр ба ҷои посбон хоҳад буд. Агар душмане хоҳад, ки ба шаҳр дарояд, ин карнайча овоз диҳад, пас он душманро шинохта, дастгир кардан осон аст.

Соҳиби асп гуфт:

— Хосияти ин асп ин аст, ки чун касе ба ин асп савор шавад, ба ҳар шаҳре, ки қасд кунад, ин асп ӯро ба он шаҳр бирасонад.

Подшоҳ гуфт:

— То манфиати ин чизҳоро таҷриба накунам, ба шумо ҳеҷ гуна мукофот нахоҳам дод.

Пас аз он товусро таҷриба кард, онро ба тарзе ёфт, ки соҳибаш гуфта буд. Он гоҳ карнайчаро таҷриба кард, ба он ранг ёфт, ки соҳиби он гуфта буд. Подшоҳ ба он ду олим гуфт:

— Он чӣ аз ман таманно доред, бигӯед!

Онҳо гуфтанд:

— Ба ҳар кадоми мо яке аз духтарони худро никоҳ карда биде҃ҳ.

Подшоҳ ба ҳар яке аз онҳо яке аз духтарони худро никоҳ карда дод. Он гоҳ олиме, ки соҳиби асп буд, пеш омад ва замин бибӯсид ва гуфт:

— Эй подшоҳи олам, ба ман низ ба монанди ёронам мукофот деҳ!

Подшоҳ гуфт:

— То хосияти аспатро надонам, ба ту мукофот нахоҳам дод. Дар он вақт писари подшоҳ омада гуфт:

— Эй падар, ман ба ин асп савор шавам ва онро бисанҷам, то хосияти онро донам.

Подшоҳ гуфт:

— Эй фарзанд, майлат, онро бисанҷ.

Подшоҳзода дарҳол бархост ва ба асп савор шуд, пойҳои худро ба узангу монд, вале асп аз ҷои худ наҷунбид. Подшоҳзода гуфт:

— Эй олим, куҷост он иддао, ки ту кардӣ?

Дар он вақт олим ба назди подшоҳзода омад ва мурватеро, ки дар он асп шинонда буданд, биҷунбонид, дарҳол асп ба ҳаракат омад ва бар ҳаво баланд шуд ва подшоҳзодаро ба сӯи ҳаво бурд, то аз чашмҳо нопадид гашт. Дар он ҳангом подшоҳзодаро пушаймонӣ рӯй дод ва дар кори худ ҳайрон монд ва бо худ гуфт, ки ин олим дар ҳалоки ман ҳилае сохтааст. Пас аз он дар тамоми аъзои он асп диққат кард, чизе ба монанди сари хурӯс дар шонаи рости ӯ ва ҳамчунин дар шонаи чапаш низ сурати сари хӯрус би-

дид. Ба худ гуфт, ки дар ин асп ба ҷуз ин ду нишона чизе намебинам, пас мурватеро, ки дар шонаи рости асп буд, тоб дод. Асп ба боло тезтар парид, пас аз он мурвати шонаи чапро биҷунбонид, ки асп аз боло рафтан боз монд ва пайваста ба сӯи замин фуруд меомад. Подшоҳзода худро дар болои зин нигоҳ дошта буд. Чун подшоҳзода ин ҳолат бидид ва манфиати асп донист, дилаш аз он шод ва хуррам гашт ва пайваста ба сӯи замин меомад ва рӯи аспро ба ҳар сӯ, ки мехост, мегардонид, то ин ки аз ин сӯ ба он сӯ рафтанро омӯхт. Рӯи асп ба сӯи замин боз гардонид ва ба шаҳрҳо ва дарьёҳо тамошо мекард ва ҳеҷ як аз онҳоро намешинохт. Аз ҷумла шаҳре дид, ки хуррам ва сабз буд. Дарахтон ва чашмаҳои равон дошт. Ба худ гуфт: «Кош медонистам, ки ин шаҳр чӣ ном дорад ва дар кадом иқлим аст». Чун рӯз ба охир расида буд, подшоҳзода ба худ гуфт: «Ман аз барои худ беҳтар аз ин шаҳр ҷое нахоҳам ёфт, беҳ аз он нест, ки имшабро дар ин шаҳр ба рӯз оварам, чун рӯз шавад, ба сӯи мамлакати худ бозгардам ва моҷаро ба падарам гӯям ва он чӣ дар ин асп дидам, ӯро хабардор намоям». Пас, ҷоеро тафтиш мекард, ки дар он ҷо касе ӯро ва аспро набинад. Ногоҳ дар миёни шаҳр қасри баланд бидид, ба худ гуфт, ки «Ин қаср аз ҳама маконҳои шаҳр беҳтар аст». Пас мурватеро, ки аз тоб додани он асп ба зер меомад, тоб дод, дарҳол асп фуруд омад ва ба боми қаср расид. Он гоҳ подшоҳзода аз асп фуруд омад ва бар боми қаср бинишаст, то он ки донист, ки мардумони шаҳр хуфтаанд, ва чун подшоҳзода гурусна буд, аз беҳолӣ бархоста наметавонист. Ба худ гуфт: «Албатта, чунин қаср аз хӯрданӣ холӣ нахоҳад буд». Пас аспро дар он ҷо гузошта, ба лаби бом омад, нардбоне дар он ҷо дид, аз нардбон ба зер омада, ҳавлии хуррамтар аз биҳишт дид ва аз иморатҳои накӯи он ҳайрон монд, валекин дар ин қаср касеро наёфт. Ҳайрон бистод ва ба чапу рост назар мекард ва намедонист, ки ба кадом сӯ равад. Ба худ гуфт: «Беҳ аз он нест, ки ман ба он маконе, ки асп дар он ҷост, боз гардам ва имшаб дар назди асп ба сар барам, чун бомдод шавад, савор гашта биравам».

Пас подшоҳзода истода дар фикр буд, ки ногоҳ партаверо дид, ки ба сӯи он макон меомад. Чун дар он равшаной тааммул кард, дид, ки ходиме бо шамшери баркашида ва ҷамоате аз канизакон ва духтараке офтобрӯй дар миёни онҳост. Он духтарак духтари подшоҳи он шаҳр будааст ва падараш аз ғояти муҳаббате, ки ба ӯ дошт, ин қасрро аз барои ӯ бино карда буд ва ҳар вақт, ки он духтарак тангдил мешуд, бо канизакони худ ба сӯи ин қаср омада, як рӯз дар он чо ба сар мебурд. Пас аз он ба сарои падар боз мегашт. Иттифоқан духтарак бо канизакон дар он шаҳр барои тамошо ба қаср омад ва ба сӯҳбату шӯхӣ машғул шуданд. Дар он ҳангом подшоҳзода ба онҳо расид ва ходимро як тарсакӣ зад, ӯ бехуд афтод ва шамшер аз дасти ӯ гирифта рӯй ба канизакон овард ва онҳоро ба чапу рост пароканда кард. Чун духтари подшоҳ ҳусну ҷамоли ӯро дид, гуфт: «Шояд, ту он бошӣ, ки дирӯз маро аз падар хостгорӣ кардӣ ва ӯ хоҳиши туро қабул накард ва ӯро гумон ин буд, ки ту баднамой. Ба худо қасам, падарам нафаҳмидааст, ту хеле хубрӯй ҳастӣ».

Аз қазо хостгори ӯ писари подшоҳи Ҳинд буд ва хеле зиштрӯй будааст. Духтари подшоҳ гумон кард, ки ин подшоҳзода ҳамон аст, ки ӯро хостгорӣ карда буд. Пас, рӯ ба ӯ оварда дар оғӯшаш кашид ва ӯро бӯсид. Канизакон ба духтари подшоҳ гуфтанд:

— Ин на он аст, ки туро хостгорӣ карда буд, ӯ зиштрӯй буд ва ин писар хеле хубрӯй аст ва он, ки туро хостгорӣ карда буд ва падарат хоҳиши ӯро қабул накард, шоистаи хизматгории ин натавонад буд, валекин, эй хотун, кори ин ҷавон корест бузург.

Пас аз он канизакон ба сӯи ходим рафта, ӯро ба хуш оварданд. Ходим тарсон бархост ва шамшери худро ҷустуҷӯй карда наёфт.

Канизакон гуфтанд:

— Он кӣ туро бехуд андохт ва шамшер аз ту гирифт, инак бо духтари подшоҳ нишастааст.

Ин ходимро подшоҳ ба посбонии духтараш гумошта буд. Пас ходим бархоста ба сӯи онҳо омад ва парда ба як сӯ карда духтарро дид, ки бо он подшоҳзо-

да нишастааст ва сӯҳбат мекунад. Ходим ба подшоҳзода гуфт:

— Эй ҷаноб, ту аз инсиён ҳастӣ ё аз ҷинниёя?

Подшоҳзода ба ӯ гуфт:

— Эй палидтарини ғуломон, чӣ гуна авлоди подшоҳонро аз ҷинҳо гумон мекунӣ?

Пас аз он шамшер ба даст гирифта, ба ғуломак гуфт:

— Ман домоди подшоҳ ҳастам ва подшоҳ духтари худро ба ман никоҳ карда додааст.

Чун ходим ин сухан аз ӯ шунид, гуфт:

— Эй ҷаноб, агар аз одамиён бошӣ, духтари подшоҳ ба ҷуз ту касеро нашояд ва ту бар ӯ аз дигарон сазовортарӣ.

Пас аз он ходим фарьёдзанон ва ҷомадарон ва хок барсаркунон ба сӯи подшоҳ рафт. Чун подшоҳ фарьёди ходим шунид, ба ӯ гуфт:

— Ба ту чӣ шудааст?

Ходим гуфт:

— Эй подшоҳ, духтари худро дарьёб, ки яке аз ҷинҳо дар сурати одамиён назди духтари ту омадааст.

Чун подшоҳ ин сухан шунид, қасди куштани ходим кард ва ба ӯ гуфт:

— Чаро аз духтари ман бехабар мондӣ, ки ин воқеа рӯй додааст?

Пас аз он подшоҳ рӯй ба қасре, ки духтар дар он ҷо буд, бигузошт. Чун ба қаср расид, аз канизакон пурсид, ки духтари маро чӣ воқеа рӯй додааст?

Гуфтанд:

— Эй подшоҳ, мо нишаста будем, ки ин писари моҳрӯй бо шамшери баркашида омад ва гуфт, ки подшоҳ духтари худро ба ман никоҳ кардааст ва ба ҷуз ин чизи дигарро намедонем ва ӯро намешиносем, ки аз одамиён аст ё аз ҷинҳо. Лекин, эй подшоҳ, ӯ басе покдоман ва бо адаб аст, ки кори бад аз ӯ сар назадааст.

Чун подшоҳ ин сухан шунид, хашмаш фурӯ нишаст ва пардаро оҳиста бардошта дид, ки писари подшоҳ бо духтар нишаста сӯҳбат мекунанд, вале он

писар хеле зебо ва ниҳоят хубрӯй аст. Подшоҳ аз ғайрате, ки дошт, худдорӣ карда натавонист ва ӯ пардаро бардошта, бо шамшери баркашида, монанди дев ба онҳо ҳамла кард. Чун подшоҳзода ӯро дид, ба духтари подшоҳ гуфт:

— Падари ту ҳамин аст?

Духтарак гуфт:

— Бале.

Дар он ҳангом подшоҳзода бар пой хост ва шамшер бардошта бонге бар подшоҳ зад. Подшоҳ ӯро аз худ далертар ёфта, шамшер дар ғилоф кард ва биистод ва ба подшоҳзода бо мулоимат гуфт:

— Эй ҷавон, ту аз одамиёнӣ ё аз ҷинниён?

Подшоҳзода гуфт:

— Агар ман ҳурмати ту ва духтари туро нигоҳ намедоштам, дар ҳар ҳол хуни туро мерехтам. Чаро маро ба ҷинҳо нисбат медиҳӣ ва ҳол он ки ман писари подшоҳ ҳастам, ки агар ирода кунад, мамлакат ва салтанататро аз ту бигирад ва моли туро ба ғорат барад.

Чун подшоҳ сухани ӯро шунид, тарсид ва ба ӯ гуфт:

— Агар ту аз авлоди подшоҳ бошӣ, чӣ гуна ба қасри ман омадӣ ва ба духтари ман аз куҷо расидӣ, чаро худро шавҳари ӯ дониста ва ин даъво чаро кардӣ, ки ӯро ба ман падараш никоҳ карда? Ман бисьёр подшоҳон ва подшоҳзодагонро, ки духтар аз ман хостгорӣ кардаанд, куштаам. Агар ман бонг бар ғуломони худ занам ва ба куштани ту фармон диҳам, туро аз кушта шудан кӣ халос мекунад?

Чун подшоҳзода ин суханон шунид, ба подшоҳ гуфт:

— Маро аз ту аҷаб омад ва аз нодонии ту ҳайрон шудам, ки духтари туро аз ман беҳтар шавҳар кадом аст? Ту магар аз ман далертар касеро дидай?

Подшоҳ гуфт:

— Ба худо, ки надидаам, валекин мехоҳам, ки ту ӯро ошкоро хостгорӣ кунӣ, то ман ӯро ба ту никоҳ кунам. Зеро дар миёни шоҳон ба беғайратӣ овоза хоҳам шуд.

Подшоҳзода ба ӯ гуфт:

— Ту рост гуфтӣ, валекин, эй подшоҳ, агар ғуломон ва ходимони ту ҷамъ оянд ва маро, чунон ки ту гумон кардаӣ, бикушанд, боз худро расво хоҳӣ кард ва як қисми мардум сухани туро рост гумон кунанд ва қисми дигарашон дурӯғ медонанд. Маслиҳат ин аст, ки ту ҳар чӣ ки ман гӯям, қабул кун.

Подшоҳ гуфт:

— Бигӯ!

Подшоҳзода гуфт:

— Яке аз ин ду корро кун: ё имшаб ману ту муборизa кунем, ҳар кӣ он дигареро бикушад, ӯ ба салтанат сазовортар аст ва ё ин ки имшаб маро дар ин ҷо бигузор, чун бомбод шавад, бо сипоҳ ва ғуломони худ ба муборизa биё, вале шумораи лашкар ба ман бигӯй.

Подшоҳ гуфт:

— Лашкари ман чиҳил ҳазор савор аст, ба ғайр аз ғуломон, ки хосони ман ҳастанд ва онҳо низ чиҳил ҳазоранд.

Подшоҳзода гуфт:

— Чун офтоб бароядˌ ту бо лашкар ва ғуломони худ ба муборизаи ман баро ва ба онҳо гӯй, ки ин писар духтари маро хостгорӣ кардааст ва бо ман аҳд бастааст, ки ба ҳамаи шумо муборизa кунад.

Ба онҳо гӯй, ки ин писарро даъвӣ ин аст, ки шуморо ғалаба хоҳад кард. Пас, маро бигузор бо онҳо мубориза кунам. Агар онҳо маро кушанд, рози ту пӯшонида хоҳад монд ва агар ба онҳо ғалаба кунам, шоистаи домодии ту хоҳам буд.

Чун подшоҳ ин сухан шунид, қабул кард ва ӯро аз ин суханон бузург шумурд. Баъд аз он ба сӯҳбат нишастанд ва подшоҳ ходимро пинҳонӣ фармуд, ки ба назди вазир рафта, ӯро ҷамъ овардани лашкар бифармояд. Ходим ба сӯи вазир рафт ва ӯро аз фармони подшоҳ огоҳ кард. Вазир дарҳол сардорони лашкарро бихост ва онҳоро фармуд, ки аслиҳаи ҷанг пӯшида савор шаванд. Онҳоро кор ҳамин гуна шуд ва подшоҳ пайваста ба подшоҳзода дар сӯҳбат буд, то ин ки субҳ дамид, он гоҳ подшоҳ бархоста ба тахти

мамлакат бинишаст ва лашкарро фармони савор шудан дод. Аз барои подшоҳзода аспе аз аспони хос биёварданд ва зини мурассаъ ба он ниҳоданд. Подшоҳзода ба ӯ гуфт:

— Эй подшоҳ, то ман ба лашкар наздик нашавам ва онҳоро набинам, савор нахоҳам шуд.

Подшоҳ гуфт:

— Ҳар он чӣ хоҳӣ, кун.

Пас подшоҳзода мерафт, то ба майдон расид ва лашкарро назора кард ва анбӯҳи онҳоро дид. Он гоҳ подшоҳ ба лашкариён гуфт:

— Ин писар духтари маро хостгорӣ мекунад, ман ҳаргиз аз ӯ хубрӯтар ва далертареро надидаам. Ӯро гумон ин аст, ки танҳо ҳамаи шуморо мағлуб хоҳад кард. Даъво мекунад, ки агар шумо сад ҳазор бошед, дар пеши ӯ хатаре нахоҳад дошт. Акнун шумо бо ӯ ба мубориза бароед ва ӯро тӯъмаи найзаҳо кунед, ки ӯ кори бузург дар пеш гирифтааст.

Пас аз он подшоҳ ба подшоҳзода гуфт:

— Ин ту ва ин лашкар, акнун ҳангоми озмоиш аст.

Подшоҳзода гуфт:

— Эй подшоҳ, инсоф надорӣ, ки ман чӣ гуна бо инҳо пиёда мубориза кунам?

Подшоҳ гуфт:

— Ман аспони худро ба ту бинамоям, ҳар аспе, ки ихтиёр кунӣ, савор шав.

Подшоҳзода гуфт:

— Аз аспони ту маро писанд намеафтад ва мэн савор нашавам магар бар аспе, ки худам савор шуда, ба ин ҷо омадаам.

Подшоҳ гуфт:

— Аспи ту куҷост?

Подшоҳзода гуфт:

— Аспи ман бар боми қаср аст.

Подшоҳ чун ин сухан шунид, гуфт:

— Ин аввалин дурӯғест, ки гуфтӣ, асп чӣ гуна бар боми қаср қарор гирад?

Пас подшоҳ рӯй ба ходимон карда гуфт:

— Ба боми қаср равед ва ҳар чизе, ки ба боми қаср мебинед, ба ин ҷо биёред.

Лашкари подшоҳ аз сухани подшоҳзода ҳайрон буданд ва ба якдигар мегуфтанд, ки асп чӣ гуна аз нардбон ба зер меояд. Пас фиристодагони подшоҳ ба боми қаср баромаданд ва асперо диданд, ки истодааст ва аз зебогии он асп ҳайрон шуданд. Он гоҳ пеш рафта, диданд, ки он асп аз устухони фил ва чӯби сиёҳ сохта шудааст. Чун ходимони подшоҳ инро диданд, ба якдигар нигоҳ карда хандиданд ва гуфтанд: «Бо чунин асп он ҳунарҳо, ки он писар гуфт, нахоҳад буд. Ин писар, гумон дорем, ки девона мебошад, вале ба зудӣ кори ӯ ба мо ошкор хоҳад шуд. Валекин басо аст, ки дар ин кор рози бузурге бошад, ки мо онро надонем». Пас аспро ба даст гирифта овардаид ва дар пеши рӯи подшоҳ бидоштанд. Мардум ба он асп гирд омаданд ва онро тамошо карда, аз зебоии асп ва хубии зину лаҷоми он ҳайрон шуданд. Подшоҳ он аспро таҳсин кард ва ба подшоҳзода гуфт:

— Аспат ҳамин аст?

Подшоҳзода ҷавоб дод:

— Бале ва ба зудӣ аз ӯ аҷоибҳо хоҳед дид.

Подшоҳ ба ӯ гуфт:

— Аспи худро бигир ва савор шав.

Подшоҳзода гуфт:

— То лашкариён аз ман дур нашаванд, ӯро савор намешавам.

Пас подшоҳ лашкариёни худро фармуд, ки аз гирди он асп пароканда шуданд ва як тиррас аз ӯ дур гаштанд.

Подшоҳзода гуфт:

— Эй подшоҳ, ман ба аспи худ савор гашта, ба лашкари ту ҳамла меорам ва онҳоро ба чапу рост пароканда мекунам ва заҳраи онҳоро мешикофам!

Подшоҳ гуфт:

— Ҳар он чӣ хоҳӣ, бикун, ки онҳо низ ҳар он чӣ хоҳанд, аз ту дареғ надоранд.

Пас подшоҳзода ба асп бинишаст ва лашкар сафҳо биёростанд. Яке гуфт:



— Чун ин писар бирасад, ӯро ба нӯги найзаҳо бардорем.

Ва яки дигар мегуфт:

— Ба худо қасам, ки куштани ин ҷавони хубрӯй кори душвор аст.

Ва дигаре мегуфт:

— Ба худо қасам, ки аз ин ҷавон кори бузурге рӯй хоҳад дод.

Чун подшоҳзода бар пушти асп қарор гирифт, мурвате, ки асп аз тоб додани он бар ҳаво мепарид, тоб дод ва лашкариён тамошо мекарданд, ки асп ба ҷунбиш омад ва монанди аспони ҳақиқӣ, ки худро ҷамъ кунанд, худро ҷамъ кард ва бар ҳаво баланд шуд. Подшоҳ бонг бар лашкариён зад, ки:

— Даст гиред, ки ин писар парида наравад!

Дар он вақт вазир гуфт:

— Эй подшоҳ, ба мурғони парранда чӣ гуна тавон расид ва кори ин ҷавон кори фалокате буд, ки худо туро аз ӯ халос кард. Ту ба худо шукр кун.

Чун подшоҳ инро аз подшоҳзода бидид, ба сӯи қаср боз гашт ва ба назди духтар рафт ва ӯро аз он чӣ бо подшоҳзода рӯй дода буд, огоҳонид. Духтари подшоҳ ба ҳасрат ва афсӯс ғӯтавар шуд ва дар фироқи ӯ ба бистар афтод. Чун подшоҳ ӯро ба он ҳолат дид, ба синаи худ гирифта, чашмони ӯро бӯсид ва гуфт:

— Эй духтар, ба худо шукр кун, ки моро аз ин ҷодугар наҷот дод.— Подшоҳ аз ин гуна суханҳо ба духтари худ бисьёр мегуфт, вале духтар ба сухани ӯ гӯш намедод ва пайваста гирья мекард.

Духтар ба худ гуфт: «Ба худо қасам, ки хӯрданӣ нахӯрам ва нӯшиданӣ нанӯшам, то худо миёни ман ва ӯро ҷамъ оварад».

Подшоҳро аз ин кор андӯхи бузург рӯй дод ва кори духтар бар ӯ душвор шуд ва ҳар чӣ ба духтар меҳрубонӣ мекард, ӯро шавқи ишқ зиёд мешуд. Подшоҳро бо духтар кор ба ин ҷо расид, аммо подшоҳзода номи шаҳри подшоҳ пурсида буд ва он шаҳр Санъои Яман будааст. Чун подшоҳзода бар ҳаво баланд шуд, дар рафтан шитобид, то ба шаҳри падар расид ва бар боми қасри падар фуруд омад. Аспро

дар он ҷо гузошта, худ ба назди падар рафт. Падарро дид, ки аз дурии ӯ малул ва андӯҳгин нишастааст. Чун подшоҳ ӯро бидид, бархоста дар оғӯш гирифт ва хурсанд шуд. Он гоҳ подшоҳзода олимеро, ки аспро сохта буд, ҷӯён шуд. Падараш гуфт:

— Худо он олимро баракат надиҳад, ки ӯ сабаби дурии ту аз ман гашт ва ӯ акнун дар зиндон аст.

Подшоҳзода халосии ӯро талаб кард. Пас олимро аз зиндон бароварда, дар пеши подшоҳ ҳозир сохтанд.

Подшоҳ ӯро хилъат дод ва ба ӯ некӯиҳо кард. Вале духтар ба ӯ надод. Олим аз ин сабаб хашмнок гардид ва донист, ки подшоҳзода хосияти аспро донистааст ва кайфияти сайри ӯро шинохтааст. Пас аз он подшоҳ ба подшоҳзода гуфт:

— Фикри ман ин аст, ки ту ба ин асп наздик нараві ва пас аз ин ӯро савор нашавӣ, барои ин ки ту ҳолати ӯро намедонӣ, ки аз ӯ бар ту зарар хоҳад расид. Подшоҳзода моҷарои духтари подшоҳи Санъо ва он чӣ бо падари ӯ дар миён гузашта буд, ба падари худ нақл кард.

Подшоҳ гуфт:

— Агар падари он духтар куштани туро мехост, дар ҳар ҳол мекушт, валекин туро дар аҷал мӯҳлате будааст.

Пас аз он подшоҳзодаро шӯри ишқи духтари подшоҳи Санъо дар сар гирифт ва бархоста ба сӯи асп рафт ва бар асп биншаст ва мурвате, ки аз тобидани он асп бар ҳаво мешуд, битобид. Асп паридан гирифт. Чун бомдод шуд, подшоҳ писарро кофтуков кард ва ӯро бар ҷой наёфт, ба боми қаср баромада ба ҳаво нигоҳ кард. Писарро дид, ки бар ҳаво меравад ва ба ҷудоии писар афсӯс хӯрду пушаймон шуд, ки чаро асп аз ӯ нагирифтам ва бо худ гуфт: «Агар писарам бори дигар ба сӯи манояд, асп аз ӯ бигирам, ки бо будани он асп аз писар эмин нахоҳам буд». Пас аз он аз ҷудоии писар андӯҳнок шуда гиря мекард. Подшоҳро кор ба ин гуна шуд, аммо подшоҳзода дар ҳаво ба шаҳри Санъо мерафт, то ба он ҷо расид, ки пештар фуруд омада буд. Дарҳол аспро он ҷо гузошта, худ

ба сӯи макони духтари подшоҳ бирафт. Духтар ва канизакон ва ходимро дар он ҷо, ки дида буд, наёфт. Кор ба ӯ душвор шуд ва андӯҳнок гардид. Хонаҳои қасрро ягон-ягон тафтиш мекард, то ин ки ба хонаи духтари подшоҳ расид, дид, ки ба бистар афтода ва канизакон дар гирди ӯ нишастаанд. Подшоҳзода ба назди онҳо даромад ва ба онҳо салом кард. Чун духтарак овози подшоҳзодаро шунид, дарҳол бар по хоста, ӯро дар оғӯш кашид ва лабони ӯро бӯсид. Подшоҳзода гуфт:

— Эй хотун, дар ин муддат аз дурии ту ба ваҳшат будам.

Духтари подшоҳ гуфт:

— Маро ваҳшат аз ту афзунтар буд, агар ту ҳамин соат намеомадӣ, ман ҳалок мешудам.

Подшоҳзода гуфт:

— Эй хотун, ҳолати ман бо падари худ чӣ гуна дидӣ? Ба худо қасам, агар муҳаббати ту дар ман намебуд, албатта ӯро мекуштам. Вале аз баҳри хотири ту ӯро низ дӯст медорам ва озурдан намехоҳам.

Духтари подшоҳ ба ӯ гуфт:

— Агар ту бори дигар аз ман ҷудо шавӣ, зиндагонии ман табоҳ хоҳад шуд.

Подшоҳзода гуфт:

— Агар ту маро итоат кунӣ, корҳо осон гардад.

Духтари подшоҳ гуфт:

— Дигар ба ҳар чӣ ту гӯӣ, мухолифат накунам, ки бе ту маро айш муяссар намешавад.

Подшоҳзода гуфт:

— Бояд ба шаҳри ман биёӣ!

Духтари подшоҳ гуфт:

— Ба ҷон миннатдорам!

Подшоҳзода, чун ин сухан аз ӯ шунид, хушвақт шуд ва бо ӯ паймон баст. Пас аз он ба бом баромаданд, подшоҳзода ба асп савор шуд ва духтари подшоҳро низ савор кард ва ӯро бар худ маҳкам баст ва мурвати шонаи рости аспро тоб дод. Асп онҳоро ба ҳаво баланд кард. Дар он ҳангом канизакон фарьёд бароварданд ва модару падари духтарро хабар карданд. Онҳо ба боми қаср баромада, ба ҳаво нигоҳ

карданд, аспи аҷоиброро диданд, ки дар ҳаво мепарад. Подшоҳ фарьёд баровард ва гуфт:

— Эй подшоҳзода, туро ба худо қасам медиҳам, ки ба мо раҳм кун ва миёнаи мо ҷудой наяндоз!

Подшоҳзода гумон кард, ки духтар аз ҷудоии падар ва модар пушаймон аст.

Ба ӯ гуфт:

— Эй фитнаи рӯзгор, агар хоҳӣ, туро ба падар ва модарат бозгардонам.

Духтар гуфт:

— Эй хоҷа, ба худо қасам, муроди ман ин аст, ки ҳар ҷо ту бошӣ, ман бо ту бошам, ки маро муҳаббати ту аз падару модар зиёдтар аст.

Чун подшоҳзода сухани ӯро шунид, хушвақт гашт ва аспро оҳиста-оҳиста меронд, ки духтар озурда нашавад. Онҳо мерафтанд, то ин ки марғзори хурраме, ки чашмаҳои равон дошт, диданд ва дар он ҷо фуруд омада, бихӯрданд ва бинӯшиданд. Пас аз он подшоҳзода савор гашта, духтари подшоҳро низ савор кард ва дар ҳаво ҳамерафтанд, то ба шаҳри падари подшоҳзода расиданд. Подшоҳзода ниҳоят хушвақт шуд ва хост, ки мамлакати падарро ба духтар бознамояд ва ба ӯ маълум кунад, ки мамлакати падари ӯ бузургтар, васеътар аз мамлакати падари духтар аст.

Пас ӯро дар яке аз боғҳо, ки падараш аз баҳри сайру тамошо ба он ҷо мерафт, фуруд овард. Ӯро дар қасре, ки аз барои падараш муҳайё буд, ҷой дод ва аспро дар қаср гузошт ва духтарро ба нигоҳдории асп муайян кард ва ба ӯ гуфт:

— Дар ҳамин ҷо бинишин, то ки фиристодаи ман ба пеши ту ояд. Ман ҳоло ба пеши падарам меравам, то ки аз барои ту қасри ҷудогона муҳайё кунам ва шавкати худро ба ту боз намоям.

Духтари подшоҳ чун ин сухан шунид, хушвақт шуд ва ба ӯ гуфт:

— Ҳар он чӣ хоҳӣ, бикун! Ӯро ба хотир гузашт, ки ӯ ба шаҳр нахоҳад рафт, магар ба иззат ва шавкат, ба он сон, ки шоистаи ӯ бошад. Пас подшоҳзода духтари подшоҳро дар он ҷо гузошта, худ ба наз-

ди падар омад. Чун падар ӯро дид, ба омаданаш хушҳол шуд ва подшоҳзода ба падар гуфт:

— Эй падар, бидон, ки духтари подшоҳи Санъоро оварда, дар хориҷи шаҳр, дар яке аз боғҳо гузоштам ва омадам, ки туро огоҳ кунам, то ту ба мулоқоти ӯ берун равӣ, ҳашамат ва шавкат ва бисьёрии лашкари худро ба ӯ бинамой.

Подшоҳ дарҳол фармон дод, ки шаҳрро оро диҳанд ва бузургони давлатро бо лашкариён ҷамъ овард ва бо ҳашамати комил савор гашт. Подшоҳзода захираҳоеро, ки сазовори подшоҳон аст, ҳозир кард ва аз барои духтар макони шоҳона тартиб дод ва дар он макон канизакони ҳиндӣ, румӣ ва ҳабашиpo ҳозир овард. Баъд худ ба сӯи боғ рафта, ба қасре, ки духтарро дар он ҷо гузошта буд, даромад. Аммо духтаракро дар он ҷо наёфт ва аспро низ дар қаср надид. Он гоҳ тарсакӣ ба сару рӯи худ зад ва ҷома бар тан дарид ва ба гирди боғ мегашт. Асаре аз духтар наёфт. Пас аз он бо худ гуфт: «Ин духтар хосияти ин аспро аз куҷо донистa бошад, ки ман ба ӯ нишон надода будам. Шояд, олиме, ки ин аспро сохтааст, ба ӯ дучор омада ва ӯро ба бадали бадиҳои падари ман бурдааст». Пас аз он, подшоҳзода боғбонҳоро чеғ зад ва ба онҳо гуфт:

— Оё шумо касеро дидед, ки аз ин ҷо бигузарад ва ё ба ин боғ дарояд?

Онҳо гуфтанд:

— Мо ба ҷуз олими форсӣ каси дигарро надидем. Ӯ ба боғ даромад, ки барои дору гиёҳ ҷамъ кунад.

Чун подшоҳзода сухани онҳоро шунид, донист, ки олим духтарро бурдааст. Аз қазо, вақте ки подшоҳзода духтаракро дар боғ гузошта, назди падар рафта буд, олими форсиро гузар ба дари қаср афтод ва аспро дар он ҷо дид. Аз дидани он хеле хушвақт шуд ва аъзои ӯро тафтиш карда, ҳамаро солим ёфт ва хост, ки онро савор гашта биравад. Бо худ гуфт: «Албатта, подшоҳзода бо ин асп касеро оварда ва ӯро ин ҷо гузоштааст». Пас ба қаср даромада, духтаракеро дар он ҷо дид, ки нишастааст ва ба офтоб монанд аст. Пас ба он духтар нигоҳ карда донист, ки

ҳамон духтарро подшоҳзода овардааст ва дар ин қаср гузошта, худ ба сӯи шаҳр рафтааст. Дар ин ҳангом олим ба назди моҳрӯй омада, замин бибӯсид. Зӯҳрачабин чашм бардошта, ӯро дид ва ӯ бисьёр зиштрӯй ва бадсурат буд. Ба ӯ гуфт:

— Ту кистӣ?

Олим гуфт:

— Эй хотун, ман одами подшоҳзода ҳастам. Вай фармуд, ки туро аз ин ҷо ба ҷои дигар, ки ба шаҳр наздик аст, гирифта барам.

Духтарак, чун ин сухан шунид, ба ӯ гуфт:

— Подшоҳзода дар кучост?

Олим гуфт:

— Дар шаҳр, ба пеши падари худаш нишастааст ва ба зудӣ ба сӯи ту меояд.

Духтар ба ӯ гуфт:

— Магар подшоҳзода ба ҷуз ту касе наёфт, ки ба сӯи ман фиристонад?

Олим аз сухани ӯ хандид ва гуфт:

— Эй хотун, подшоҳзода маро ба назди ту фиристод ба сабаби зиштии рӯи ман, ки ӯ басе муҳаббат бо ту дошт. Рашк овард, ки дигареро фиристад. Вагарна подшоҳзодаро ходимону ғуломон чандон ҳастанд, ки ба шумор наёянд.

Духтари подшоҳ ин суханонро бовар кард ва рост донист ва бо ӯ бархост. Даст ба дасти ӯ биниҳод ва гуфт:

— Эй падар, чӣ овардаӣ, ки савор шавам?

Олим гуфт:

— Эй хотун, аспе, ки бо ӯ омадӣ, савор шав.

Духтари подшоҳ гуфт:

— Ман танҳо бар он асп савор шуда наметавонам.

Олим аз сухани ӯ табассум кард ва гуфт:

— Ман бо ту савор мешавам. Пас олим савор шуд ва ӯро савор карда, ба худ маҳкам баст ва ӯ намедонист, ки чӣ қасд дорад. Пас аз он олим мурвати шонаи ростро тоб дод, асп дарҳол биҷунбид ва ба ҳаво баланд шуд ва онҳоро бурд, то ин ки шаҳр аз назари онҳо нопадид гашт. Духтар ба олим гуфт:

— Куҷост он сухане, ки аз подшоҳзода гуфтӣ?

Олим гуфт:

— Подшоҳзодаро худо бикушад, ки палидтарини мардумон аст.

Духтарак гуфт:

— Вой бар ту, чӣ гуна фармони хоҷаро мухолифат кунӣ?

Олим гуфт:

— Ӯ хоҷаи ман нест. Магар ту маро намешиносӣ?

Духтар гуфт:

— На, ту худро ба ман шиносон.

Олим гуфт:

— Ман он суханро аз роҳи ҳила ба ту гуфтам, ки фиристодаи подшоҳзода ҳастам ва туро фиреб дода, оташи ҳасрат ба дили подшоҳзода ниҳодам. Бидон, ки ман аз барои ин асп ба афсӯс будам, барои он ки асп санъати ман аст ва подшоҳзода бар ин асп даст ёфта буд ва акнун худоро шукр, ки ман ба ту ва асп ҳар ду даст ёфтам ва дили подшоҳзодаро сӯхтам, чунон ки ӯ дили маро сӯхта буд. Дигар ӯ туро ҳаргиз нахоҳад дид. Вале ту хушдил бош, ки ман аз барои ту аз ӯ дида фоидамандтарам.

Чун духтарак ин сухан шунид, тарсакӣ ба рухсор зад ва овоз ба нола баланд карда гуфт:

— Вой бар ман, на ҳабиб ба даст овардам ва на дар назди падару модарам бимондам.

Пас духтарак аз ин ҳодиса сахт гирист ва олим ӯро ҳамебурд, то ба шаҳри Рум расиданд. Ба марғзори хуррам фуруд омаданд ва он марғзор ба шаҳр наздик буд ва он шаҳр подшоҳи баландпоя дошт. Иттифоқан дар он рӯз подшоҳ аз баҳри шикор берун омада, бар он марғзор бигузашт. Олимро дид, ки бо духтараке дар паҳлуи аспи аҷоиб истодаанд. Ғуломони подшоҳ гирди онҳоро гирифтанд ва олимро бо духтар, инчунин аспи аҷоибро бардошта, ба пеши подшоҳ оварданд. Подшоҳ чун зиштии манзари олим ва хубрӯии духтаракро дид, ба духтар гуфт:

— Эй хубрӯй, ин шайхро бо ту чӣ нисбат аст?

Олим ба ҷавоб пешдастӣ карда гуфт:

— Ин зани ман ва духтари амаки ман аст.

Духтарак гуфт:

— Эй подшоҳ, дурӯғ мегӯяд, ба худо қасам ӯ шавҳари ман нест ва ман ӯро намешиносам, ӯ маро ба ҳила гирифтааст.

Чун подшоҳ сухани духтарак шунид, ба озурдани олим бифармуд. Ӯро чандон заданд, ки ба ҳалокат наздик расид. Пас аз он подшоҳ фармуд ӯро бардошта, дар шаҳр ба зиндон андозанд. Подшоҳ духтарак ва аспро бо худ гирифта бурд. Вале хосияти аспро намедонист. Олимро бо духтарак кор ба ин гуна шуд.

Аммо подшоҳзода чун аз духтари подшоҳ навмед шуд, либоси сафар пӯшида, аз паи онҳо равон гашт. Аз шаҳре ба шаҳре мерафт ва аз аспи аҷоиб мепурсид, лекин асаре аз олим ва духтарак намеёфт. Пас аз он ба шаҳри Санъо, ки шаҳри падари духтарак буд, бирафт ва аз духтарак ҷӯён шуд, хабаре нашунид ва падари духтаракро андӯҳгин ёфт. Аз он ҷо бозгашта, қасди шаҳри Рум кард ва мерафт ва суроғ менамуд. Иттифоқан ба корвонсарое фуруд омад ва ҷамъе аз бозургононро дид, ки нишаста сӯҳбат мекунанд. Ба онҳо наздик нишаста шунид, ки яке аз онҳо мегуфт:

— Чизи аҷибе дидам.

Гуфтанд:

— Чӣ дидай?

Гуфт:

— Ба фалон шаҳр рафта будам, аз мардумони шаҳр шунида будам, ки рӯзе подшоҳи он шаҳр ба шикоргоҳ рафта, ба марғзоре гузашта буд ва дар он ҷо мардеро бо духтараке дар паҳлуи аспи аҷоиб истода ёфт ва он мард бисьёр зишт ва духтарак ниҳоят хубрӯй будааст ва аммо аспи аз чӯби сиёҳ сохташуда сурати аҷиб ва санъати ғариб доштааст.

Ҳозирон аз он мард пурсиданд, ки подшоҳ бо онҳо чӣ кардааст?

Он мард гуфт:

— Подшоҳ он марди зиштро гирифта, аз ҳолати духтарак ҷӯён шудааст, ӯро даъвӣ ин будааст, ки ин духтарак маро зан ва духтари амак мешавад, вале духтарак сухани ӯро тасдиқ накарда, ӯро ба дурӯғ

ва бӯҳтон нисбат додааст ва гуфтааст, ки ӯ маро ба ҳила ба даст овардааст. Пас подшоҳ духтаракро аз ӯ гирифта, ӯро ба зиндон партофтааст ва аммо аспи аҷоиброро надонам, ки чӣ кор кардаанд.

Подшоҳзода чун ин сухан аз бозургон шунид, ба наздики ӯ рафта, бо ҳурмат ва мулоимат бо ӯ сухан гуфт ва аз номи шаҳр ва номи подшоҳи шаҳр пурсид ва номи онҳоро ёд гирифт ва он шабро бо хурсандӣ ба рӯз овард. Чун рӯз шуд, аз он шаҳр берун омада равон гашт ва мерафт, то ба он шаҳре, ки бозургон гуфта буд, расид. Чун хост, ки ба шаҳр дарояд, дарбонон ӯро гирифта ба назди подшоҳ оварданд, то подшоҳ аз ҳолати ӯ боз пурсад ва сабаби омадани ӯро ба он шаҳр бидонад ва агар соҳиби санъате бошад, санъати ӯро бишиносад. Подшоҳро одат ҳамин будааст. Чун омадани подшоҳзода ба он шаҳр ҳангоми шом буд, дар он вақт фурсати ҳозир омадан ба назди подшоҳ нашуд, дарбонон ӯро ба зиндон burданд. Чун зиндонбонон ҳусну ҷамоли ӯро диданд, написандиданд, ки ӯро ба зиндон кунанд, пас дар беруни зиндон дар назди худ шиноданд. Чун хӯрданӣ оварданд, подшоҳзода бо онҳо таом хӯрд ва ба сӯҳбат биништанд. Зиндонбонон аз подшоҳзода пурсиданд:

— Ту аз кадом шаҳрӣ?

Гуфт:

— Аз шаҳри форс меоям.

Зиндонбонон ба сухани ӯ хандиданд ва ба ӯ гуфтанд:

— Эй ҷавони порсӣ! Мо сухани мардуми порсӣ хеле шунидем ва ҳолати онҳо бисьёр дидаем, вале ин марди порсӣ, ки дар назди мост, дурӯғгӯтар аз ӯ кас надидаем.

Дигаре гуфт:

— Аз ӯ зишттар низ кас нахоҳад буд.

Подшоҳзода ба онҳо гуфт:

— Аз дурӯғи ӯ ба шумо чӣ ошкор гаштааст?

Гуфтанд:

— Ӯро гумон ин аст, ки подшоҳи мо ӯро дар шикоргоҳ дидааст, ки бо духтараки соҳибҷамол истода будааст ва аспи аҷоиб бо онҳо будааст, ки мо ҳар-

гиз ба он хубӣ санъат надидаем ва акнун он духтарак дар назди подшоҳ ҳаст ва подшоҳ ба ӯ мафтун гаштааст, вале он духтарак девона аст, агар ин олим ростгӯй мебуд, дар ҳар ҳол ӯро муолиҷа мекард, ки подшоҳ дар муолиҷаи ӯ ҳеҷ чизро дареғ намедорад. Аммо аспи аҷоиб дар хазинаи подшоҳ аст ва он марди баднамо дар назди мо, дар зиндон аст ва ҳар ними шаб аз гиръяю нола моро намегузорад, ки хоб равем.

Чун зиндонбонон хабари олими порсӣ ба подшоҳзода гуфтанд, ӯро ба хотир гузашт, ки тадбире кунад, то ба мақсади худ расад. Чун зиндонбонон хостанд, ки ба хоб шаванд, подшоҳзодаро ба зиндон даровварда, дарро бар рӯи ӯ бастанд. Подшоҳзода шунид, ки олим гиръя мекунад ва ба порсӣ мегӯяд, ки чӣ гуна ба худ, ба подшоҳзода ва ба духтарак ситам кардам. На духтарак аз барои подшоҳзода гузоштам ва на худ ба муроди худ расидам. Ва инҳо ҳама аз бадкории ман будааст, барои он ки чизеро, ки ношоистаи ман буд, талаб кардам ва ҳар кас чизеро, ки сазовори ӯ нест, талаб кунад, ба чунин ҳолате, ки ман афтодам, биафтад.

Чун подшоҳзода сухани олим шунид, ба порсӣ ба ӯ гуфт:

— То кай ба ин сон нолон ва гирьён ҳастӣ? Магар чунон донистаӣ, ки он чӣ ба ту расида, ба каси дигар нарасидааст?

Чун олим сухани ӯро шунид, ба ӯ унс гирифт ва ҳолати худ ба ӯ шикоят кард ва машаққате, ки ба ӯ рӯй дода буд, боз гуфт. Чун рӯз шуд, дарбонон подшоҳзодаро гирифта оварданд, подшоҳро огоҳ карданд, ки ин ҷавон дӯш ба ин шаҳр омад ва фурсати овардан ба назди подшоҳ нашуд. Подшоҳ ба подшоҳзода гуфт:

— Аз кадом шаҳрӣ ва чӣ ном дорӣ ва санъати ту чист ва ба ин шаҳр аз баҳри чӣ омадаӣ?

Гуфт:

— Номам ба порсӣ Ҳурмуз ва шаҳри ман Порс ва маро санъат илму дониш аст. Хосса илми тибро нек донам ва дар муолиҷаи девонагон устодам ва ба

ин сабаб дар шаҳрҳо мегардам, то ба илми худ илме афзоям ва агар ягон бемореро бинам, муолиҷа кунам.

Чун подшоҳ сухани ӯро шунид, хушвақт шуд ва ба ӯ гуфт:

— Эй донишманд, ба ҳангоми ҳоҷат ба назди мо расидӣ. Он гоҳ ӯро аз ҳолати духтарак огоҳ кард ва гуфт:

— Агар ту он духтаракро муолиҷа кунӣ ва ӯро аз ҷунунӣ халос намоӣ, ҳар чӣ аз ман тамаъно кунӣ, туро бидиҳам.

Чун подшоҳзода сухани подшоҳ шунид, гуфт:

— Эй подшоҳ маро хабар деҳ, ки чанд вақт аст, ки ӯ девона шудааст ва ӯро аз куҷо овардаӣ?

Подшоҳ ҳикоятро аз аввал то охир гуфт ва маълум кард, ки он шайхи зиштрӯй дар зиндон аст.

Подшоҳзода гуфт:

— Эй подшоҳ, ба аспи аҷоиб чӣ кардаӣ?

Подшоҳ гуфт:

— Асп дар хазина аст.

Подшоҳзода ба худ гуфт: «Маслиҳат ин аст, ки ман пеш аз ҳама кор макони аспро донам. Агар аъзои он солим бошад, маро мақсад ҳосил ояд, вагарна бояд ба ҳилае аз ин варта ҷон халос кунам». Он гоҳ ба подшоҳ гуфт:

— Эй подшоҳ, ман мехоҳам, ки он аспро бинам, шояд дар он асп чизе бошад, ки дар муолиҷа маро ёрӣ кунад.

Подшоҳ бархоста дасти ӯро гирифт ва ба маконе, ки асп дар он ҷо буд, даромаданд. Подшоҳзода ба гирди асп гашт ва ба аъзои ӯ диққат кард. Чун аспро солим ёфт, хушвақт шуд ва ба подшоҳ гуфт:

— Эй подшоҳ, мехоҳам, ки духтаракро бинам ва умедворам, ки муолиҷаи ӯ дар дасти ман бошад.

Дарҳол подшоҳ ва подшоҳзода ба назди духтарак рафтанд. Подшоҳзода ӯро чун девонагон ёфт, вале девона набуд, худро чунон менамуд, ки касе ба ӯ наздик нашавад. Чун подшоҳзода ӯро ба он ҳолат дид, ба ӯ гуфт:

— Эй фитнаи рӯзгор, боке нест.

Пас бо ӯ бо меҳрубонӣ ва нармӣ сухан мегуфт, то худро шиносонид. Чун духтарак ӯро шинохт, фарьёди баланде баровварда, аз ғояти хурсандӣ бехуд афтод. Подшоҳзода дарҳол даҳон ба гӯши ӯ ниҳод ва гуфт:

— Эй хотун, сабр кун, то ҳилае кунам ва аз ин подшоҳ халос шавем, вагарна ману ту дар вартаи бузург ҳастем ва акнун тадбир ин аст, ки ман ба подшоҳ мегӯям, ки ин духтарак девона аст ва ман муоличаи ӯро зоминам, шумо банд аз ӯ бардоред. Чун банд аз ту бардоранд, ту ба подшоҳ сухан санҷида бигӯй, то гумон кунад, ки муоличаи ман туро судманд афтодааст, шояд мақсади мо ҳосил гардад.

Духтарак гуфт:

— Ҳар чӣ гӯй, чунон кунам.

Пас подшоҳзода гуфт:

— Эй подшоҳ, аз иқболи ту дарди духтаракро донистам ва доруи ӯро шинохтам ва ӯро аз ҷунун андаке халос кардам.

Пас подшоҳ бархоста ба назди духтарак рафт, чун духтар подшоҳи он шаҳрро бидид, бархоста замин бибӯсид. Подшоҳ аз дидани ин ҳолат хурсанд шуд ва канизаконро фармуд, ки ба хизмати ӯ ҳозир бошанд ва ӯро ба ҳаммом бурда, аз баҳри ӯ зеварҳои заррин тартиб диҳанд. Канизакон зеварҳои заррин ва ҷомаи шоҳона ба ӯ пӯшонида, гарданбанди гавҳар аз гардани ӯ овехтанд ва ӯро ба ҳаммом бурда, ба хизматаш кӯшиш карданд. Пас аз он аз ҳаммом баровварданд, ки ба моҳи тамом монанд буд. Чун ба назди подшоҳ омад, подшоҳро салом дод ва остони подшоҳро бӯсид. Подшоҳро шодии бузург рӯй дод ва ба подшоҳзода гуфт:

— Ҳамаи инҳо аз баракати қадами ту буд.

Подшоҳзода гуфт:

— Эй подшоҳ, ӯро муолиҷа ҳамон вақт тамом мешавад, ки ту бо лашкари худ ба он марғзоре, ки инро дар он ҷо ёфтаӣ, барӣ ва аспи аҷоибро бо худ биёрӣ, ки ман дар он ҷо деверо, ки ба ӯ часпида буд, бибандам ва ба зиндон карда бикушам, ки ҳаргиз ба сӯи ӯ боз нагардад.

Подшоҳ сухани ӯро қабул кард, бо лашкариён савор гашт ва аспи аҷоиб ва духтаракро бардошта ба сӯи он марғзор бирафтанд. Мардумон намедонистанд, ки подшоҳзода чӣ мақсад дорад. Чун ба он марғзор бирасиданд, подшоҳзода табибсурат амр кард, ки духтаракро бо аспи аҷоиб як тиррас масофат аз подшоҳ ва лашкариён дуртар бигузоранд. Он гоҳ подшоҳзода ба подшоҳ гуфт:

— Ба ман рухсат деҳ то ҳазориспанд дар оташ кунам ва дуо бихонам ва деверо, ки ба духтар часпида буд, кушта, ба зиндон кунам, ки ҳаргиз ба сӯи ӯ боз нагардад. Валекин бояд вақти дуо хондан ман ва духтарак бар аспи аҷоиб савор бошем.

Чун подшоҳ сухани ӯро шунид, хушвақт шуд ва подшоҳзодаи табибнаморо иҷозат дод. Подшоҳзода бар асп нишаст ва духтаракро низ савор кард, подшоҳ бо лашкариён ба сӯи ӯ нигоҳ мекарданд, ки подшоҳзода духтаракро ба худ маҳкам баст ва мурвати шонаи рости аспро тоб дод. Асп бар ҳаво баланд шуд ва лашкариён нигоҳ мекарданд, то аз дидаи онҳо нопадид шуданд. Подшоҳ то ҳангоми шом ба интизори боз гаштани ӯ нишаст. Чун боз нагашт, ӯро пушаймонии бузург рӯй дод ва бо лашкари худ ба сӯи шаҳр боз гашт. Аммо подшоҳзода қасди шаҳри падар карда мерафт, то ба қасри падар даромад ва духтаракро дар қаср фуруд оварду худ ба назди падар рафта, ӯро салом дод ва аз овардани духтарак огоҳонид. Подшоҳ асбоби айш муҳайё кард ва аз барои мардуми шаҳр тӯй дод, то як моҳ бисоти айш паҳн буд. Пас аз он подшоҳзода ба ҳуҷраи духтарак рафт ва бо ӯ бо хушию шодмонӣ умр ба сар бурд.

Падари подшоҳзода аспи аҷоибро шикаст ва мактубе ба падари духтарак навишт, дар он саргузашти духтарро ба ӯ пайғом дод ва бо мактуб ҳадьяҳои қиматбаҳо ба сӯи подшоҳи Санъо бифиристод.

Чун фиристода ба Санъои Яман бирасид ва падари духтарак мактубро хонд, хушвақт шуд ва ҳадьяҳоро қабул кард ва фиристодаро иззату ҳурмат намуд. Пас аз он ҳадьяҳои қиматӣ аз барои духтар ва домоди худ бо ҳамон фиристода равон кард ва ҳар

сол подшоҳи Санъо аз барои домоди худ ҳадьяҳо мефиристод, то ин ки падари подшоҳзода даргузашт ва ӯ ба ҷои падар бар тахти мамлакат бинишаст ва ба айшу хурсандӣ ба сар мебурд, то ин ки барҳамзанандаи лаззатҳо ва парокандакунандаи ҷамоатҳо ва харобкунандаи қасрҳо ба онҳо расид.



# ҲИКОЯТИ ШАҲЗОДАИ ЯКЧАШМА

Дар замони қадим дар шаҳри Бағдод чанд тан ёрони мувофиқ буданд, ки бо навбат ҳар рӯз дар хонаи яке аз ёрон асбоби айшу нишот муҳайё карда, ба ҳадис дар мепайвастанд.

Рӯзе аз рӯзҳо ҳар яке саргузашти хешро ҳикоят карда дод. Ҳангоме ки навбат ба шаҳзодаи якчашма расид, вай пеш омада гуфт:

— Эй ёрон, ман аз модар нобино назодаам, вале нобиноии ман ҳикояти аҷибест ва он ин аст, ки ман подшоҳ ва подшоҳзодаам. Дар даҳсолагӣ қуръон ба ҳафт қироат хондан ва ҳамаи илмҳо нек медонистам ва осори адибону шоиронро ёд гирифтам ва ба ин сабаб донишам аз дониши ҳама кас зиёдтар шуд ва номи некам ба забонҳо афтод ва овозаи адибӣ ва донони ман гӯшзади подшоҳони иқлимҳо гардид. Пас подшоҳи Ҳинд маро талаб намуд, ки духтари худро ба ман ба занӣ диҳад. Падарам киштӣ-киштӣ ҳадьяҳои шоҳона омода сохта, маро бо чанд тан ба киштӣ биншонд. Як моҳ киштӣ ҳамерондем, то ба соҳил би-

расидем. Аз киштӣ баромада, худ бар асп нишаста, бор бар шутурон бастем ва ҳамерафтем, то ин ки гарде бархост. Пас аз замоне гард бинишаст ва чанд савор падидор шуданд. Чун нек бидидем, аз роҳзанони қабилаи араб буданд, ки аспони тозӣ дар зер ва найзаҳо дар каф доштанд. Ба онҳо маълум кардем, ки ҳадьяҳо аз подшоҳи ҳинд ва мо низ сафирем.

Онҳо гуфтанд:

— Мо на дар фармони подшоҳи Ҳинд ва на дар мамлакати ӯ ҳастем.

Пас саворон ба мо ҳамла карданд, ҷамъеро бикуштанд ва боқимондагон бигрехтанд. Ман низ сахт захмдор шуда бигрехтам ва роҳ ба ҷое намедонистам. Ба болои кӯҳе баромада, дар ғоре ҷо гирифтам, то бомдод дар он ҷо ба сар бурдам. Пас ба зер омада, ҳамерафтам, то ба шаҳри обод расидам. Азбаски хеле пиёда гаштам, сахт монда шуда будам ва рангам зард шуда буд, ба дӯкони хайёте расида, салом гуфтам. Ӯ радди салом кард ва аз мақсад бозпурсид.

Ман ҳикоятам аз аввал то охир баён кардам. Вай ғамгин шуд ва гуфт:

— Эй фарзанд, ҳикояти худро ба касе нагӯй, мабодо дар ин иқлим касе, ки бо падарат кинаи дерина дошта бошад, бохабар гардад.

Пас хӯрданӣ биёвард ва он шабро бо ҳам ба сар бурдем ва то се рӯз ба он сон буд.

Пас аз он хайёт аз ман пурсид:

— Чӣ ҳунар дорӣ?

Гуфтам:

— Марди олимам ва илмҳоро нағз медонам.

Гуфт:

—Колои ту дар ин шаҳр норавост ва ба илм ва китобат касе майл надорад. Теша ва ресмоне ба даст овар ва бо хоркашон ба хоркашӣ машғул шав ва худро ба касе нашиносон, ки кушта мешавӣ.

Пас теша ва ресмон аз барои ман омода сохт ва маро бо хоркашон ба саҳро фиристонд. Ман ҳамарӯза аз пушта ҳезум оварда, ба ним динор мефурӯхтам. Ба ин ҳолат як сол гузашт. Рӯзе ба саҳро рафта ба

чое бирасидам, ки дарахтони куҳансол дошт ва ҳезуми фаровон. Ман теша баргирифта, решаи дарахтеро ҳамекандам, то ин ки ҳалқаи мисине падид шуд. Хок ба канор андохта, дидам, ки ҳалқа бар тахта устувор аст. Пас ҳалқа бигрифтам ва тахта бардоштам, нардбоне падид омад. Аз нардбон ба зер рафтам, аз он дар ба дарун рафта, як қасри маҳкамасос ва дар қаср як духтари моҳрӯй дидам.

Чун духтарро бар ман назар афтод, гуфт:

— Ту аз ҷинниён ё аз одамиёнӣ?

Гуфтам:

— Аз одамиёнам.

Гуфт:

— Ба ин макон чигуна омадӣ, ки ман беш аз панҷ сол аст, ки дар ин макон ҳастам, рӯи одамизодро надидаам?

Гуфтам:

— Эй парирӯй, миннат худойро, ки маро ба ин ҷо расонид, то ба дидори ту андӯҳи ман биравад.

Пас ҳикояи хеш баён кардам, бар аҳволи ман гирьён шуд ва гуфт:

— Ман низ духтари подшоҳи ҷазираи Обнӯсам. Маро ба писари амаки ман ба занӣ бидоданд, дар шаби тӯй деве маро аз канори домод дуздида буд ва ба ин макон биёвард ва фарши латиф дар хона ва ҳама гуна хӯрданӣ дар ин ҷо омода сохт ва ҳар даҳ рӯз баъд як шаб ба ин ҷо омада, дар канори ман мехуспад ва ба ман омӯхтааст, ки агар коре рӯй диҳад, бо ин ду сатре, ки бар сутун навиштаанд даст занам, дарҳол дев падид ояд ва акнун чаҳор рӯз аст, ки дев рафтааст, пас аз шаш рӯз меояд. Оё ихтиёри он дорӣ, ки панҷ рӯз дар назди ман ба сар барӣ ва як рӯз пеш аз омадани дев берун равӣ.

Гуфтам:

— Бале, миннатпазир ҳастам.

Пас парирӯй хушвақт гашта, бар пой хост ва маро ба ҳаммом бурда ҷома барканд. Ман низ ҷома баркандам. Шарбате оварда ба ман бинӯшонд. Пас аз он таом ҳозир овард, бихӯрдем ва ба ҳикоят дарпайвастем. Пас аз он ба ман гуфт:

— Замоне бихоб.

Ман бихуфтам. Чун бедор шудам, дидам пои ман ҳамемолад. Пас бинишастам ва бо ҳам ҳикоят мекардем, духтар гуфт:

— Ман аз танҳоии хештан бисьёр малул будам, миннат худойро, ки туро ба ин ҷо расонид.

Чун сухани ӯ бишнидам, меҳраш дар дилам ҷой гирифт. Он рӯз ба айшу тараб ба сар бурдем ва шаб бо ҳам биғунудем.

Бомдод гуфтам:

— Эй шамсаи хубон, мехоҳам, ки туро аз ин ҷо берун барам ва туро аз он дев халос кунам.

Табассуме кард ва гуфт:

— Дев дар ҳар даҳ шаб, шабе назди ман меояд ва бо ман мехуспад ва нӯҳ шаб аз они ту хоҳам буд.

Гуфтам:

— Ҳамин соат ин сутунро бишканам ва ин хате, ки бар сутун навиштаанд, аз ҳам фурӯ резам, шояд, ки дев биёяд ва ман ӯро бикушам.

Чун ин бишунид гуфт:

— Ин корро накун, ба дев зӯри ту намерасад.

Ман ба сухани ӯ гӯш накардам ва сутунро бишкастам.

Ба ногоҳ ғулғулаи даҳшатноке баланд шуд, замину замон ба ларза даромад ва духтарак фарьёдкунон гуфт:

— Эй писар, берун шав ва барҳазар бош, ки инак дев мерасад. Ман аз ғояти бим кафшу тешаро фаромӯш карда, аз нардбон ба боло баромадам.

Чун нигоҳ кардам, дидам, ки деви даҳшатнок бадар омад ва ба духтарак гуфт:

— Чӣ ҳодиса рӯй дод, ки маро ба ин сон тарсондӣ?

Духтар гуфт:

— Ҷуз ин ки орзуманди ту будам, чизе рӯй надодааст.

Дев гуфт:

— Эй рӯсиёҳ, дурӯғ мегӯӣ!

Пас ба чапу рост нигоҳ карда, кафшу теша бидид, гуфт:

— Ин ҳар ду аз одамиёнанд.

Духтар гуфт:

— Ман то акнун онҳоро надида будам, шояд, ки ту аз берун онҳоро бо худ овардай.

Дев гуфт:

— Эй маккора, мехоҳӣ, ки ба ман макр кунӣ? Пас ӯро ба чормех баста тозиёна мезад, ки ман тарсону ларзон берун омадам ва аз карда пушаймон будам ва сар андар гиребони ҳайрат доштам. Чун пеши хайёт омадам, гуфт:

— Дишаб куҷо будӣ, ки ба интизори ту нахуфтам?

Ман ба меҳрубонии ӯ шукр гуфтам ва ба манзили худ дар гӯшае ҳайрон нишаста будам, ки хайёт назди ман омад ва гуфт:

— Марди аҷамӣ дар дӯкон нишаста кафшу теша ту бо ӯст ва туро ҳамехоҳад ва мегӯяд: «Аз барои намози бомдод, аз хона берун шудам ва ин кафшу теша дар роҳи масҷид ёфтам ва надонистам аз кист? Қасе маро ба бозори хайётон раҳнамун гашт ва хайётон сӯи ту роҳ намуданд». Акнун аҷамӣ дар дӯкон нишаста туро мехоҳад.

Чун ин сухан бишнидам, гунаам зард гашт ва дилам тапидан гирифт. Ногоҳ замин бишкофт, аҷамӣ падидор шуд, дидам, ки ҳамон дев аст, ки кафшу теша маро бардошта, аз паи ман равон гаштааст, чун маро бидид, дар ҳол маро бирабуд ва бар ҳаво рафт. Пас аз соате бар замин фурӯ шуд ва аз ҳамон қаср бадар омад, духтарро дидам бараҳна ва хун аз танаш чорист.

Дев гуфт:

— Эй рӯсиёҳ, ин аст ошиқи ту?

Духтар гуфт:

— Ман ӯро ҷуз ин дам надида будам.

Дев гуфт:

— Пас аз чандин азобу уқубат, боз дурӯғ гуфтӣ, агар ту ӯро намешиносӣ, ин шамшерро гир ва ӯро бикуш!

Ӯ шамшер гирифта назди ман омад, дид, ки хунобa аз дидаам ҳамечакад. Бар ман раҳм оварда, маро



накушт ва шамшер биандохт. Дев шамшер ба ман дода гуфт:

— Ту ӯро бикуш, то халос шавӣ.

Ман шамшер гирифта наздик рафтам. Духтар ашк аз дидагон бирехт ва гуфт:

— Ин ҳама ранҷу меҳнат аз ту ба ман расид, чӣ гуна туро раҳм ба ҳоли ман намеояд?

Ман низ шамшер биандохтам ва гуфтам:

— Эй дев, ба ҷое, ки зан куштани ман раво надорад, чӣ гуна ман ӯро бикушам? Ҳаргиз нахоҳамаш кушт.

Дев гуфт:

— Муҳаббату дӯстии шумо на чандон аст, ки якдигарро тавонед кушт.

Пас худ шамшер бигирифт ва сари ӯро аз тан ҷудо кард, он гоҳ рӯ ба ман карда гуфт:

— Эй одамизод, дар одоби мо зани хиёнатгорро куштан воҷиб аст. Ман ин духтаракро шаби тӯй дуздида будам ва ҷуз ман касеро намешинохт. Акнун бидонистам, ки ҷуз ман дигареро шинохтааст, ӯро куштам. Аммо аз ту хиёнате ба ман падид нашуда, туро нахоҳам кушт ва тандуруст низ нахоҳӣ рафт, худ бозгӯй, ки туро ба чӣ сурат кунам?

Ман бисьёр зорӣ кардам ва гуфтам:

— Бар ман бибахшой, ки худо бар ту бибахшояд.

Гуфт:

— Сухан дароз макун, аз куштанат даргузаштам, аммо ночор бояд ба ҷоду туро ба дигар сурат кунам. Он гоҳ маро даррабуда ба ҳаво шуд ва бар қуллаи кӯҳе фуруд омад, муште хок бардошт ва фусуне бар он дамида, бар ман бипошид, дарҳол бӯзинае шудам. Чун худро ба он сурат ёфтам, гирьёну нолон аз кӯҳ ба зер омада, як моҳ роҳ рафтам, то ба канори дарьё расидам, ҷамъе дидам, ки бар киштӣ нишаста ва оҳанги рондани киштӣ доранд. Ман худро ба ҳилае чунон ки мардум надиданд, ба киштӣ афкандам. Як рӯз худро пинҳон доштам. Чун маро бididанд, яке гуфт, ки:

— Ин бадбахтро ба дарьё андозед!

Ва дигаре шамшер ба дасти ноходо дода гуфт:

— Ӯро бикуш!

Ман бо ду даст дар шамшер овехта сиришк аз дида бирехтам. Нохудоро бар ман дил бисӯхт ва гуфт:

— Эй бозургонон, ин бӯзина ба ман паноҳ овардааст, касе ӯро наёзорад.

Пас ман дар пеши нохудо бимондам, ҳар чӣ мегуфт, медонистам, хидмат ба чо меовардам. Ӯ низ ба ман некӣ ва эҳсон мекард, то аз киштӣ бадар омада, ба шаҳри бузурге расидем. Ҳамон соат ходимони подшоҳи он шаҳр ба пеши бозургонон як варақ коғаз оварда гуфтанд:

— Ҳар кадом сатре дар ин коғаз бинависед.

Ман бархоста коғаз аз дасти онҳо бигирифтам, онҳо тарсиданд, ки ман коғазро надарронам. Маро бизаданд ва хостанд, ки коғазро аз дасти ман гиранд. Ман ба онҳо ишорат бинамудам, ки хат хоҳам навишт.

Нохудо гуфт:

— Бигзоред, то бинвисад, ки ман ӯро ба фарзандӣ қабул кардаам. Чунин маймуни донишманд надида будам.

Ман қалам гирифта, якчанд сатр ҳар хела хат навишта додам.

Он гоҳ коғазро ба ходимон додам, онҳо ба назди подшоҳ бурданд, подшоҳ ҷуз хати ман хати ҳеҷ кадом написандид ва фармуд, ки «соҳиби ин хатро ҷомаи зебо пӯшонида, савора пеши ман овард». Ходимон бихандиданд. Подшоҳ аз хандаи онҳо дар хашм шуд.

Гуфтанд:

— Мо ба соҳиби хат механдем, ки ӯ маймуни таълимёфта ва ҳайвони безабон аст.

Подшоҳро аҷаб омад ва гуфт:

— Ин маймунро барои ман бихаред ва хилъат пӯшонда, савора пеши ман оваред.

Ходимони подшоҳ омада, маро аз нохудо бигирифтанд ва ҷомаи зебо ба ман пӯшонида, пеши подшоҳ бурданд. Ман замин бибӯсидам, рухсати нишастанам дод, ба ду зону нишастам, ҳозирон аз адаби ман дар аҷаб шуданд. Чун подшоҳ қабулшудагонро рух-

сат намуд ва ба ғайр аз подшоҳ ва хоҷасароён касе намонд, дастархон паҳн карда ва ҳама гуна хӯрданӣ биёварданд. Подшоҳ маро иҷозати таом хӯрдан дод. Ман бархоста се бор замин бибӯсидам ва ба қадри кифоя хӯрданӣ бихӯрдам. Чун дастархон бардоштанд, ман ба каноре рафта даст шустам ва дур аз подшоҳ бинишастам. Подшоҳро аҷаб омад ва шатранҷ хоста гуфт:

— Биё, то шатранҷ бибозем!

Ман пеш рафта, мӯҳра фурӯ чидам ва аз пиёдаву савора сафҳо биёростам. Пиёда биrондам ва аспе тохта, фарзине бардоштам. Подшоҳ дарҳол мот шуд. Дигар бора мӯҳраҳо биёростем, подшоҳ дубора мағлуб гардида, ҳайрон шуд ва гуфт:

— Агар ин бӯзина аз синфи одам будӣ, гӯӣ аз ҳамагон дарработудӣ. Пас ходимро ба ҳозир овардани духтари худ бифиристод. Чун духтар биёмад, рӯи худ бипӯшид.

Подшоҳ гуфт:

— Рӯй аз кӣ пӯшидӣ?

Духтар гуфт:

— Ин бӯзина подшоҳзодае аст, ки Ҷарҷис ном дев, ки писари Иблис аст, инро ба ҷодугарӣ ба ин сурат кардааст.

Подшоҳ аз ман пурсид:

— Ин сухан рост аст ё на?

Ман ба ишорат гуфтам:

— Бале, рост мегӯяд.

Пас аз он бигиристам. Подшоҳ аз духтари худ пурсид, ки:

— Ту ҷоду аз кӣ омӯхтӣ?

Духтар гуфт:

— Аз пирзол саду ҳафтод гуна ҷоду омӯхтаам, ки пасттарини онҳо ин аст, ки сангҳои шаҳри туро пушти кӯҳи Қоф рехта мардумонашро моҳиён гардонам.

Подшоҳ гуфт:

— Ин ҷавонро халос намо, ки ӯро вазири худ кунам.

Духтарак ангушти қабул бар дида ниҳод ва корде ба даст гирифта, хатте ба шакли доира баркашид

ва тилисмоте бар он навишт ва фусуне чанд бихонд. Дидем, ки қаср торик гардид ва дев пайдо шуд. Ҳамагӣ тарсидем. Духтари подшоҳ ба дев гуфт:

— Барои чӣ ту ба ин ҷо омадӣ, туро-ку ҳеҷ кас даъват накардааст? Дафъ шав, вагарна туро ба хокистар мубаддал мекунам.

Дев бошад, ба сурати шер мубаддал шуда, наъра кашид ва гуфт:

— Эй хиёнаткор, чӣ гуна аҳд фаромӯш кардӣ ва паймон бишкастӣ? Охир ману ту паймон баста будем, ки якдигарро ҳеҷ наёзорем, ҳоло, ки ту хилоф кардӣ, омода бош!

Пас даҳон боз карда монанди шер биғуррид. Духтар як тори мӯ аз гесувони худ гирифта, фусуне бар ӯ дамид. Дарҳол шамшери бurranda шуд ва шерро дунима кард. Сари шер ба сурати каждуме шуд. Духтар мори бузурге гардид. Бо ҳам даровехтанд. Пас аз он каждум ба сурати уқобе шуд. Духтар ба сурати каргас баромад, замоне биҷангиданд, дев гурбаи сиёҳ шуд, духтар ба сурати гург баромад. Дев аноре шуд ва бар ҳаво баланд гашт ва бар замин зада бишкаст ва донаҳои он бипошид. Замини қаср аз донаи анор пур шуд. Дарҳол духтар хурӯс шуд ва донаҳоро барчид. Донае аз он ба сӯи ҳавз афтод. Хурӯс хурӯше бароварда, болу пар ҳамезад ва ба минқори худ ишорат ҳамекард. Мо мақсади ӯро намедонистем, то ин ки он як донаро бидид, хост, ки ӯро низ бирабояд, дона ба даруни ҳавз афтода моҳӣ шуд, духтар худро дар об афганда наҳанг гардид, бо ҳам даровехтанд ва фарьёд баланд карданд, то дев бадар омад, шӯълаи оташе шуд ва аз даҳону чашмону бинии ӯ оташ фурӯ мерехт. Духтар низ хирмани оташе гардид. Мо аз бим хостем, ки худро ба ҳавз афганем. Пас онҳо бо ҳам даровехтанд ва оташ бар якдигар меафшонданд ва шарораи эшон ба мо мерасид, вале шарораи духтар беозор буд. Пас шарорае ба подшоҳ зад занахдонаш бисӯхт ва дандонҳояш фурӯ рехт ва шарораи дигар ба синаи хоҷасарой баромада, дарҳол бимурд. Мо аз ҳалоки хеш тарсидем ва ба ташвиш афтодем.

Дидем, ки духтари подшоҳ аз миёни оташ бадар омада, дев мушти хокистар гардид. Пас аз он духтар пеши ман омад ва об хоста фусуне бар ӯ дамид ва бар ман бипошид, ман ба сурати аввалиам бозгаштам, вале як чашм надоштам. Пас духтар гуфт:

— Эй падар, ман низ бихоҳам мурд. Агар он як дона анорро пеш аз он, ки дар ҳавз афтад, мерабудам, ҷон мебурдам, валекин аз он ғафлат кардам.

Духтар дар ин гуфтугӯ буд, ки шарорае ба синааш баромад ва бисӯхт ва мушти хокистар шуд. Ҳама ҳайрон шуданд ва ман бо худ мегуфтам, ки: «Кош ман месӯхтам ва чунин зебосанамеро, ки ба ман ин ҳама накӯӣ кард, ба ин ҳолат намедидам».

Чун подшоҳ духтари худро дар он ҳол бидид, ҷома бар тан бидарид. Занон ва канизон гирьён шуданд ва нолаю хурӯш аз ҳама баланд шуд ва ҳафт рӯз ба мотам бинишастем. Пас подшоҳ хокистари девро барбод дод ва бар сари хокистари духтар мақбарае сохт ва ҳамарӯза ба мақбара омада гирья мекард.

Баъд аз он подшоҳ маро пеши худ хонд ва гуфт:

— Кош рӯи номубораки туро намедидам, ки маро ба ин рӯз нишонидӣ ва сабаби ҳалокии духтари ман шудӣ. Алҳол аз ин шаҳр бадар рав, дидани ту барои ман бисьёр гарон аст.

Пас подшоҳ барои харҷи сафар ба ман пул дод ва ман аз шаҳр берун шудам ва кӯҳу биёбон тай карда, ба шаҳри худам — Бағдод ба пеши падарам баргаштам ва дигар ба ҳеҷ ҷо сафар накардаам.



# ҲИКОЯТИ МОҲИГИР

Моҳигири солхӯрда зане бо се писар дошт ва бечизу парешонрӯзгор буд, вай ҳама рӯз дом гирифта, ба канори дарьё мерафт ва чаҳор дафъа бештар дом дар дарьё намеандохт. Рӯзе дом бардошта, ба канори дарьё рафт, дом дар об андохта, соате бистод. Пас аз он хост, ки домро берун оварад, дид, ки вазнин аст. Ҳар чӣ зӯр зад, бадар овардан натавонист. Бар канори дарьё мехе кӯфта, дом фурӯ баст ва худ ба об даромад. Бо меҳнати бисьёр домро аз об бадар овард, дид, ки дар дом мурдаи харе афтода аст, ғамгин гардид ва гуфт:

— Худовандо, имрӯз аҷаб ризқе насиби ман шуд.

Пас дубора дом дар об андохт, чун хост берун оварад, дид, ки аз аввала ҳам вазнинтар аст. Гумон кард, ки моҳии бузург аст, худ дар об фурӯ рафт бо машаққати тамом берунаш овард, дид, ки хуми бузургест пур аз регу гил. Моҳигир аз ин аҳвол ниҳоят хафа шуд. Пас хумро бишикаст ва дом фушурда ба дарьё ан-

дохт. Пас аз замоне дом берун кашида, дид, ки сафоле ва шишаи шикастае ба дом банд шудаанд.

Пас аз он сар ба сӯи осмон карда гуфт:

— Худовандо! Ман беш аз чор дафъа дом бар об намеандозам ва ҳамин дафъаи чорум аст. Баъд аз он дом дар об андохт, пас аз замоне хост берун оварад, дид, ки бисьёр вазнин аст, банди домро ба мех фурӯ баста, худро ба дарьё андохт, бо машаққати зиёд домро берун оварда, дид, ки хуми мисин аст, ки бар сари он сурб рехта, бо хотами ҳазрати Сулаймон мӯҳраш кардаанд. Чун моҳигир инро бидид, хурсанд шуд ва бо худ гуфт, ки сари онро бояд кушоям.

Пас корд гирифта, сурбро аз сари хуми мисин дур намуд ва онро сарнагун карда бичунбонид, ки агар чизе дар даруназш дошта бошад, фурӯ резад. Дуде аз он хум берун омада, ба сӯи осмон рафт. Моҳигирро аҷаб омад ва хайрон буд, ки дуд дар як ҷо ҷамъ шуд ва аз миёни дуд деве бадар омад, ки сараш ба абр мерасид. Чун моҳигир ӯро дид, аз тарс биларзид ва об дар даҳонаш хушкид. Аммо дев чун моҳигирро дид, номи Сулаймон пайғамбарро ба забон оварда гуфт:

— Эй, пайғамбари худо, маро макуш. Пас аз ин сар аз фармони ту напечам.

Моҳигир гуфт:

— Эй, дев! Акнун охирзамон аст ва Сулаймон ҳазору хаштсад сол аст вафот кардааст, ҳикояти худ бозгӯй.

Чун дев сухани моҳигир шунид гуфт:

— Эй мард, ман ҳозир туро мекушам.

Моҳигир гуфт:

— Сазои ман, ки туро аз чунин зиндон халос кардам, ин хоҳад буд?

Дев гуфт:

— Бале, туро аз марг чора нест. Акнун худат интихоб кун, ки туро чӣ гуна бикушам?

Моҳигир гуфт:

— Гуноҳи ман чист, ки бояд ночор кушта шавам?

Дев гуфт:

— Ҳикояти маро бишнав!

Моҳигир гуфт:

— Боз гӯй, вале сухан дароз макун, ки наздик аст, аз тарс ҷон аз танам бароял.

Дев гуфт, ки:

— Ман ба худои Сулаймон имон наёвардам, ӯ вазири худ Осиф Бархиёзодаро назди ман фиристод, ӯ маро пеши Сулаймон бурд. Аз ман парастиш ва фармонбардорӣ хостанд, ман сарпечӣ намудам. Пас вай ҳамин хуми мисинро бихост ва маро дар он ҷо зиндон карда, бо сурб сари онро андова намуд ва мӯҳр карда, фармуд маро ба дарьё андохтанд. Ҳафтсад сол,— гуфт дев,— дар қаъри дарьё мондам ва дар дил доштам, ки ҳар кӣ маро халос кунад, ӯро то абад аз моли дуньё бой гардонам. Қасе маро халос накард. Ҳафтсад соли дигар мондам, бо худ гуфтам: «ҳар кӣ маро халос кунад, ганҷҳои заминро аз баҳри ӯ бикушоям», касе маро ҳалос накард. Чаҳорсад соли дигар мондам, бо худ гуфтам: «ҳар кас маро ҳалос кунад, ӯро ба ҳар гуна, ки худ интихоб кунад, бикушам». Дар ин фикр будам, ки ту маро берун оварда, мӯҳр аз сари хум бардоштӣ. Акнун бигӯ, ки туро чигуна бикушам?

Чун моҳигир инро шунид, ҳайрон шуд ва гирья кард ва ӯро қасам дода бахшоиш талаб кард.

Дев гуфт:

— Ба ҷуз кушта шудан чорае надорӣ.

Чун моҳигир маргро аён дид, гуфт:

— Ман туро аз зиндон халос карда гумон бурдам, ки ту бо ман дӯстӣ мекунӣ ва ҳеҷ гумон надоштам, ки ту душманӣ мекунӣ.

Дев гуфт:

— Дар ҳаёт тамаъ мабанд, ки ба ҷуз марг чора надорӣ.

Моҳигир бо худ гуфт: «Ту одамизод ҳастӣ ва ин аз ҷинниён аст. Ту бояд дар ҳалоки ин тадбире кунӣ». Пас ба дев гуфт:

— Акнун, ки маро хоҳӣ кушт, туро ба номи худои бузург қасам медиҳам, ки рост бигӯ, ки ту бо ин ҳайкали бузург дар ин хум чӣ тавр ҷо гирифта будӣ?

Дев гуфт:

— Магар туро гумон ин аст, ки ман дар даруни хум набудам?

Моҳигир гуфт:

— То бо чашми худ набинам, бовар намекунам.

Пас аз ин, дев дуде гашта бар ҳаво баланд шуд ва ба хум фуруд омад. Даррав моҳигир мӯҳр бар сари хум гузошта, бонг бар дев зад, ки:

— Боз гӯй, акнун бо ту чӣ кор кунам?

Дев хост, ки берун ояд, натавонист ва донист, ки моҳигир ӯро дар зиндон карда ва мӯҳри Сулаймони Набӣ бар он ниҳодааст. Пас моҳигир хуми мисинро гирифта, ба канори дарьё бурд.

Дев гуфт:

— Чӣ хоҳӣ кардан?

Моҳигир гуфт:

— Туро ба дарьё меафканам, ки то абад дар он ҷо бимонӣ.

Дев бинолид ва гуфт:

— Мӯҳр аз сари хум бардор ва маро озод кун, ки мукофоти нағз мегирӣ.

Моҳигир гуфт:

— Дуруғ мегӯй ва кори ману ту мисли кори вазири подшоҳи Юнон ва табиби Рӯён мешавад.

— Ҳикояти подшоҳи Юнон ва табиби Рӯён чигуна будааст?— пурсид дев.

Моҳигир гуфт:

— Гӯш кун, ман ба ту ҳикоят мекунам. Дар мамлакати Форс ва Рӯён подшоҳе буд, ки ӯро подшоҳи Юнон мегуфтанд ва дар тани он подшоҳ нохушии махав буд, ки табибон аз муолиҷаи он оҷиз буданд. Рӯзе табиби солхӯрдае ба он шаҳр омад, ки Рӯён ном дошт ва забони юнонӣ ва форсӣ ва арабӣ ва румӣ ва суду зиёни гиёҳҳо ва барги дарахтонро нағз медонист. Пас табиб чанд рӯзе дар он ҷо бимонд ва шунид, ки подшоҳ бемор аст ва табибон дар илоҷи он оҷиз шудаанд. Бархоста ба пеши подшоҳ рафт ва замин бӯсида, табибии худро бар подшоҳ арз намуд ва гуфт:

— Эй подшоҳ, шунидаам, ки танатро нохушӣ фаро гирифта ва то кунун муолиҷа нашудааст, ман мехоҳам,

ки муолиҷаат кунам ва бе он ки туро шарбате бихӯронам ва ё равғане бимолам.

Подшоҳи Юнон дар аҷаб шуд ва гуфт:

— Чӣ гуна метавонӣ, бе дору ва шарбат маро муолиҷа намоӣ ва агар чунин кунӣ, ба ту мукофоти калон медиҳам ва он чӣ ки орзу дорӣ, бароварам, аммо кадом рӯз ва кадом вақт муолиҷа хоҳӣ кард? Эй табиб, дар ин кор дер макун.

Табиби Рӯён замин бӯсида ба хона боз гашт ва ба муолиҷа тайёрӣ дид. Рӯзи дигар ба пеши подшоҳ омада гуфт:

— Имрӯз бо гӯй ва чавгон ба майдон бирав! Чун подшоҳ бо гӯй ва чавгон ба майдон рафт, табиби Рӯён пеш омад ва гуфт:

— Ба қувваи бозу бар гӯй бизан, то дасту танат арақ кунад ва дору бар дасти ту таъсир карда танатро фурӯ хоҳад гирифт, он гоҳ ба хона бозгашта ба ҳаммом даро ва пас аз ҳаммом замоне бихоб, ки сиҳат мешавӣ.

Дарҳол подшоҳи Юнон савор гашта, чавгон ба каф гирифта ва бар гӯй ҳамезад, то дасту танаш арақ кард. Табиби Рӯён донист, ки дору бар тани ӯ таъсир кард, гуфт:

— Акнун ба хона боз гард ва ба ҳаммом рав!

Подшоҳ ба хона рафта, ба ҳаммом даромад. Пас аз шустушӯй аз ҳаммом берун омада хоб кард, чун аз хоб бархост, дид танаш аз нохушӣ пок гашта, ба нуқраи сафед ҳамемонад, подшоҳ шодмон ва хурсанд гардид. Рӯзи дигар табиб ба боргоҳ рафт ва замин бибӯсид. Подшоҳ бар пой хеста, ӯро дар канор гирифт ва дар паҳлуи худ бинишонд, пас аз он хонҳои таом бинишоданд ва хӯрданӣ бихӯрданд ва то охир ба сӯҳбат биништанд. Он гоҳ подшоҳ ду ҳазор динори зар ва ҳадьяҳои гаронбаҳо ба табиб дод, табиб ба хона бозгашт ва подшоҳ хурсанд нишаста, ба кирдори неки табиб изҳори ташаккур мекард. Чун рӯзи дигар шуд, подшоҳ ба девон барнишаст ва табиб низ ба боргоҳ омада, замин бибӯсид, подшоҳ ӯро дар паҳлӯи худ ҷой дод. Чун табиб хост бозгардад, подшоҳ ҳазор динор зар бо хилъатҳо ва ҳадьяҳо ба ӯ дод. Подшоҳро

бо табиб кор ба ин ҷо расид ва аммо вазири подшоҳ марди бахил ва бадхоҳ буд, чун бахшишҳои подшоҳи Юнонро ба табиби Рӯён бидид, ба ӯ рашк овард ва бадхоҳии ӯ дар дил гирифт ва ба пеши подшоҳи Юнон рафта, замин бӯса дод ва гуфт:

— Эй подшоҳ, бандагони даргоҳро фарз аст, ки подшоҳро аз он чи бинанд, огоҳ кунанд ва насиҳате, ки судманд аст, боз гӯянд.

Подшоҳ гуфт:

— Насиҳат бозгӯй.

Вазир гуфт:

— Пешиниён гуфтаанд: «ҳар кӣ дар оқибати корҳо андеша накунад, ба ранҷу меҳнат афтад». Ман подшоҳро дар роҳи нодуруст мебинам, ки ба душман ва бадхоҳи хеш чандин ато ва бахшиш мекунад ва аз ин кор бисьёр метарсам.

Подшоҳ чун ин бишнид, хашмгин гашт ва рангаш паридан гирифт, аз вазир пурсид, ки:

— Бадхоҳ кист?

Вазир гуфт:

— Табиби Рӯён душмани ҷони подшост.

Подшоҳ гуфт:

— Чӣ гуна бадхоҳ аст, ки бе заҳмати муолиҷа маро аз ранҷи чунон нохушӣ халос кард, агар ман ӯро шарики мамлакат ва подшоҳи мамлакати худ кунам, ҳанӯз музди садьяки некӯии ӯ нахоҳад буд. Гумон дорам, ки ту ин суханро аз рашк гуфтӣ ва ҳамехоҳӣ, ки ман ӯро кушта пушаймон шавам, чӣ хеле ки подшоҳи Синдбод пушаймон шуд.

Вазир гуфт:

— Ҳикояти подшоҳи Синдбод чӣ гунааст?

Подшоҳ гуфт:

— Шунидам, ки подшоҳе аз подшоҳони Порс ҳамеша ба шикор мерафт ва сайру тамошо дӯст медошт ва шоҳине дошт, ки дастпарвардаи ӯ буд ва шабу рӯз онро аз худ дур намекард ва тосаки заррин аз барои он шоҳин сохта ва дар гарданаш овехта буд, ки дар вақти ташнагӣ об аз он тосак мехӯрд. Рӯзе подшоҳ шоҳин ба даст гирифта, бо ғуломон ба шикор рафт ва дом паҳн намуд, оҳуе ба дом афтод.

Подшоҳ гуфт:

— Ҳар касе, ки ғизол[1] аз пеши ӯ биҷаҳад, ӯро хоҳам кушт.

Сипоҳиён ба оҳу гирд омаданд, оҳу ба сӯи подшоҳ омад ва аз болои сари подшоҳ биҷаст ва гурехта рафт, ғуломон ба якдигар нигоҳ карданд. Малик ба вазир гуфт:

— Чӣ мегӯянд?

Вазир гуфт:

— Эй подшоҳ, ту гуфта будай, ки оҳу аз пеши ҳар кӣ ҷаҳида равад, ӯро бикушӣ, акнун оҳу аз пеши ту ҷаста рафт.

Подшоҳ гуфт:

— Аз паси оҳу меравам, то онро ба даст оварам.

Пас подшоҳ аз паи оҳу битохт ва шоҳин бар сари оҳу нишаста, ба чашмонаш ҳамезад, то ин ки оҳу кӯр гашт ва гурехтан натавонист. Он гоҳ подшоҳ расида, оҳуро кушт ва аз фитрокаш биёвехт, валекин бисьёр ташна шуд, ба сояи дарахте омада дид, ки обе қатра-қатра аз дарахт ҳамечакад. Тосро аз гардани шоҳин гирифт, пур аз об карда, чунон ёфт, ки шоҳин ташна аст, об ба пеши шоҳин гузошт. Шоҳин пар бар тосак зада об рехт, подшоҳ боз онро пур аз об карда, ба пеши асп гузошт, шоҳин боз пар зада об рехт. Подшоҳ дар хашм шуд ва гуфт:

— На худ об хӯрдӣ ва на ман ва на аспро гузоштӣ, ки об хӯрад!

Пас теғ баркашида парҳои шоҳинро бибурид. Шоҳин ба ишорат ба подшоҳ нишон дод, ки ба болои дарахт нигоҳ кунад. Подшоҳ ба болои дарахт нигоҳ карда, море дид, ки заҳр аз он мор қатра-қатра мечакад. Он гоҳ аз буридани парҳои шоҳин пушаймон гашта ва шоҳин ба даст гирифта, ба хонаи худ бозгашт ва бар тахт нишаст ва шоҳин дар даст дошт. Пас шоҳин фарьёде баркашида бимурд, подшоҳ пушаймон ва ғамгин шуд.

Чун подшоҳи Юнон ҳикоят ба ин ҷо расонид, вазир гуфт:

---

[1] Ғизол—оҳу.

— Эй подшоҳ, агар насиҳат қабул намоӣ, халос гардӣ, вагарна ҳалок шавӣ, чунончи вазир ба писари подшоҳ ҳила кард ва худ ҳалок шуд.

Подшоҳ гуфт:

— Кадом аст он ҳикоят?

Вазир гуфт:

— Шунидаам, ки подшоҳе писаре дошт. Писар хост, ки ба шикор равад, подшоҳ вазирро бо ӯ фиристод. Онҳо шикор ҳамекарданд, то ин ки ба оҳуе бирасиданд.

Вазир гуфт:

— Ин оҳуро бигир!

Подшоҳзода асп тохт, ӯ ва оҳу аз дидаи сипоҳиён нопадид шуданд, подшоҳзода дар биёбон ба ҳайрат монд, намедонист куҷо равад. Он гоҳ духтаре дид гирьён, ба ӯ гуфт:

— Кистӣ ва баҳри чӣ гирьёнӣ?

Духтар гуфт:

— Ман духтари подшоҳи Ҳинд будам, савор гашта ба шикор рафтам, маро хоб бурда буд, аз асп ба зер афтодам ва роҳ ба ҷое надонистам. Подшоҳзода ба ӯ раҳм овард ва ӯро бардошта ба хонаи зин гузошт ва ҳамерафт то ба ҷазирае расид. Духтар аз подшоҳзода талаб кард, ки ӯро аз зин фуруд оварад. Чун фуруд овард, дид, ки ғуле аст бадшакл ва бадҳайбат ва фарзандони худро пеши худ мехонад ва мегӯяд, ки:

— Одами фарбеҳ аз баҳри хӯрдан овардам.

Подшоҳзода чун ин шунид, дил ба марг ниҳод ва аз бими ҷон бар худ ларзид.

Ғул гуфт:

— Чаро тарсонӣ, магар ту подшоҳзода нестӣ? Чаро ба моли падар аз ҷанги душман бадар намеравӣ?

Подшоҳзода гуфт:

— Душмани ман аз ман ҷон мехоҳад, на мол.

Ғул чун ин бишнид, аз подшоҳзода ба канор рафт. Подшоҳзода ба пеши падар бозгашт ва ҳикояти вазир ба падар бозгуфт. Ту низ, эй подшоҳ, ба гуфтани табиби Рӯён дил ниҳӣ, вай дар куштани ту тадбире

кунад ва ба зудӣ кушта шавӣ, чунон ки дар беҳбудии ту тадбир кард ва чавгоне ба дасти ту дода туро аз ноҳушии махав халос намуд.

Подшоҳи Юнон гуфт:

— Рост гуфтӣ, ки ӯ чунон ки ба осонӣ маро аз махав халос кард, метавонад, ки дастагуле ба ман диҳад, ки ман онро бӯида ҳалок шавам. Акнун боз гӯй, ки фикри дуруст кадом аст?

Вазир гуфт:

— Ӯро бикуш ва аз бади ӯ ба роҳат бошӣ ва пеш аз он ки ӯ ба ту ҳила кунад, ту ба ӯ ҳила кун.

Дарҳол подшоҳи Юнон табиби Рӯёнро бихост. Табиби Рӯён ҳозир омад ва остони подшоҳро бӯсид ва подшоҳро дуо ва сано кард.

Подшоҳ гуфт:

— Медонӣ, ки аз баҳри чӣ туро талабидам?

Табиб гуфт:

— Намедонам.

Подшоҳ гуфт:

— Туро аз баҳри куштан овардам.

Табиб аз ин сухан дар аҷаб шуд ва ҳайрон монда гуфт:

— Ба кадом гуноҳ маро хоҳӣ кушт?

Подшоҳ гуфт:

— Ту ҷосусӣ ва ба қасди куштани ман омадаӣ, пеш аз он ки ту маро бикушӣ, ман туро мекушам.

Он гоҳ подшоҳ ҷаллод хост ва ба куштани табиб фармон дод.

Табиб гуфт:

— Маро макуш, ки худо туро накушад.

Подшоҳ гуфт:

— То туро накушам, эмин натавонам буд ва метарсам, ки бо андак чизе маро бикушӣ, чунон ки чавгон ба дасти ман дода, маро аз махав халос кардӣ.

Табиб гуфт:

— Эй подшоҳ! Музди некӯии ман на ин аст.

Подшоҳ гуфт:

— Ночор бояд кушта шавӣ.

Табиби Рӯён ҳалокии худро яқин карда, ғамгин

шуд ва бигрист ва аз некӯиҳо, ки ба подшоҳ карда буд, пушаймон гашт.

Он гоҳ ҷаллод пеш рафта, шамшер баркашид ва рухсат хост, ки ӯро бикушад. Табиби Рӯён бигрист ва гуфт:

— Эй подшоҳ, музди ман на ин буд, ту ба ман чунон музд медиҳӣ, ки наҳанг ба сайёд дода буд.

Подшоҳ гуфт:

— Чун аст ҳикояти наҳанг бо сайёд?

Табиб гуфт:

— Эй подшоҳ, дар зери теғ чӣ гуна тавонам ҳикоят гӯям? Ту аз ман даргузар ва ба ғарибии ман бибахшой, ки худои бахшандагон ба ту бибахшояд.

Пас дар он вақт яке аз ходимони подшоҳ пояи тахти подшоҳро бӯса дода гуфт:

— Эй подшоҳ, аз ӯ даргузар, ки мо гуноҳе аз ӯ надидаем.

Подшоҳ гуфт:

— Агар ман ӯро накушам, худ кушта шавам. Аз он касе, ки тавонад чавгоне ба дасти ман дода, аз ноҳушии махав наҷотам диҳад, ин низ метавонад, дастагуле ба ман диҳад ва ман ӯро бӯида, ҳалок шавам, маро гумон ин аст, ки ӯ ҷосус ва ба қасди куштани ман омада, баноҷор ӯро бояд кушт.

Чун табиб донист, ки ноҷор кушта хоҳад шуд, гуфт:

— Эй подшоҳ! Акнун, ки ба куштани ман остин барзадаӣ, маро рухсат деҳ, ки ба хонаи хеш равам ва васият бигузорам ва маро китобест ӯро оварда, ба ту ҳадья кунам.

Подшоҳ гуфт:

— Чӣ гуна китобест?

Табиб гуфт:

— Он китоб судҳои бисьёр дорад, камтар судаш ин аст, ки пас аз он ки сарам бурида шавад, подшоҳ он китобро бикушояд, аз саҳифаи дасти чап се сатр бихонад, он гоҳ сари ман дар сухан оянд ва он чиро подшоҳ суол кунад, ҷавоб диҳад.

Подшоҳро ин сухан аҷаб омад ва табибро ба посбон супурда, ҷавоби рафтанаш дод. Табиб ба хонаи

худ рафта, ду рӯз дар хона буд. Рӯзи сеюм дар пешгоҳи подшоҳ ҳозир гашт, китобе кӯҳна бо сурмадоне дар даст дошт, табақе хоста, аз он сурмадон андаке дору ба табақ фурӯ рехт ва гуфт:

— Эй подшоҳ, ин китобро гир! Чун сари маро буранд, бифармой, ки дар ҳамин табақ ниҳода, ба ин дору биёлоянд, ки хунаш бозистад, он гоҳ китоб кушода, ба он тариқ, ки гуфтам, се сатр хон ва аз сари ман он чӣ хоҳӣ, суол кун. Чун сари табибро буриданд, ҳамчунон карданд, ки вай гуфта буд ва подшоҳ китоб гирифт ва хост, ки онро бикушояд, варақҳои китобро ба ҳам пайваста ёфт, ангушт ба оби даҳон тар карда, варақе чанд кушуд, варақҳо ба осонӣ кушуда намешуданд. Чун шаш варақ кушуд, дар китоб хате наёфт, гуфт:

— Эй табиб, хате дар китоб надидам.

Табиб гуфт:

— Чанд варақ боз гардон.

Подшоҳ варақҳо ҳамекушуд, то ки заҳре, ки табиб дар китоб ба кор бурда буд, бар подшоҳ коригар омад ва фарьёде баланд баровард. Табиби Рӯён чун ҳолати подшоҳ дид, гуфт:

— Эй подшоҳ, нагуфтамат, ки ба куштани бегуноҳон фармон мадеҳ.

Ва ҳанӯз табиб суханашро ба анҷом нарасонида буд, ки подшоҳ мурд.

Чун моҳигир сухан ба ин ҷо расонид, гуфт:

— Эй дев! Бидон, ки агар подшоҳи Юнон қасди куштани табиби Рӯён намекард, худо ӯро намекушт. Ту низ, эй дев, агар намехостӣ, ки маро бикушӣ, худои таоло туро намекушт. Чун ту қасди куштани ман карда будӣ, акнун ман туро дар ин хуми мисин андохта, ба дарьё биафканам.

Дев чун ин бишнид, фарьёд баровард, бинолид ва моҳигирро қасам дод ва гуфт:

— Ту бадкирдории маро музди бад мадеҳ ва чунон макун, ки Имома ба Отика кард.

Моҳигир гуфт:

— Чӣ гуна будааст ҳикояти онҳо?

Дев гуфт:

— Ман чун тавонам, ки дар зиндон нишаста, ҳикоя кунам? Агар маро берун биёварӣ, ҳикоят боз гӯям.

Моҳигир гуфт:

— Ночор туро ба дарьё афканам, ки дигар роҳи берун омадан надонӣ. Ман пеши ту бисьёр биноли-дам ва зорӣ кардам, ту бар ман раҳм накардӣ ва ме-хостӣ, ки бегуноҳам бикушӣ ва ба ивази ин, ки ман туро аз зиндон баровардам, ту дар ҳалоки ман ҳаме-кӯшидӣ, акнун бидон, ки туро ба ин дарьё афканам ва ба ин ҷо хона кунам ва ҳама касро аз кирдори ба-ди ту хабардор намоям ва нагузорам, ки дигар кас туро барорад, то абад дар ҳамин ҷо бимонӣ ва гуна-гуна ранҷу азоб барӣ.

Дев гуфт:

— Акнун вақти ҷавонмардӣ ва мурувват аст. Ма-ро озод кун, ман низ бо ту аҳду паймон бандам, ки ҳаргиз ба ту бадӣ накунам ва туро аз мардум бениёз гардонам.

Пас моҳигир аз дев паймон гирифт ва қасамаш дода, мӯҳр аз сари хуми мисин бардошт, дарҳол ду-де аз хум берун омада, бар осмон рафт. Пас аз он дар як ҷо ҷамъ омада, дев шуд зиштшакл ва по ба хуми мисин бизад ва ӯро ба дарьё андохт. Чун моҳи-гир дид, ки дев хумро ба дарьё афканд, сахт тарсид ва бо худ гуфт, ки: «ин аломати нек набуд». Пас аз он пеши дев омад ва гуфт:

— Эй амири девон! Ту паймон бастӣ ва савганд ёд кардӣ, ки ба ман бадӣ накунӣ.

Он гоҳ дев хандид ва гуфт:

— Эй моҳигир, аз паи ман биё!

Моҳигир дил ба марг дода ҳамерафт то ба кӯҳе расиданд. Болои кӯҳ баромада, аз он ҷо ба биёбони бепоёне фуруд омаданд ва дар он биёбон кӯле буд. Дев бар он кӯл истод ва ба моҳигир гуфт:

— Дом ба ин кӯл андоз ва моҳиён бигир.

Моҳигир дид, ки дар кӯл моҳиёни сурху сафеду зарду кабуд ҳастанд, ӯро аҷаб омад ва дом ба кӯл андохт.



Пас аз замоне дом берун овард, чор моҳӣ ба чор ранг дар дом ёфт.

Пас дев ба ӯ гуфт:

— Моҳиёнро ба назди султон бар, ки ӯ туро бениёз созад ва агар гуноҳ аз ман рафт, бибахшой ва узри маро қабул фармо, ки ман ҳазору ҳаштсад сол дар даруни дарьё будаам ва рӯи заминро надидаам. Ту ҳама рӯз аз ин кӯл як дафъа моҳӣ гир, вассалом!

Пас замин шикофта шуд ва дев ба замин фурӯ рафт ва моҳигир ба шаҳр омад ва аз саргузашти худ бо дев дар аҷаб буд. Пас ба хона биёмад зарфе пур аз об карда, моҳиён дар он андохт ва онро чунон, ки дев омӯхта буд, бардошта, ба боргоҳи подшоҳ омад ва моҳиёнро ба пешгоҳи подшоҳ бурд. Подшоҳ чун он гуна моҳиён надида буд, аз моҳиён дар аҷаб омада гуфт:

— Ин моҳиён ба канизи ошпаз биспоред!

Он канизро се рӯз пеш подшоҳи Рум ба ҳадья фиристода ва ҳанӯз чизе напухта буд. Чун моҳиён ба каниз супурданд, вазир ба фармони подшоҳ чорсад динор зар ба моҳигир дод. Моҳигир зарҳоро ба домаи карда, шодону хуррам ба хонаи худ бозгашт. Аммо канизи ошпаз моҳиёнро ба тоба андохта, бар оташ гузошт, то як сӯи онҳо сурх гардид ва оташ дар зери тоба ҳамесӯзонд, ки дид девори ошхона шикофта шуд ва духтари моҳрӯе ба ошхона даромад. Шохаи бамбук бар даст дошт ва он шохаро бар тоба зад ва гуфт:

— Эй моҳӣ, оё дар аҳди қадим ва паймони дурусти худ ҳастӣ?

Чун ошпаз ин бидид, беҳуш афтод ва духтар ҳамон суханро такрор мекард, то ин ки моҳӣ сар бардошта гуфт:

— Бале, бале.

Пас аз он ҳаман моҳиён сар бардошта гуфтанд:

— Агар ту ягона шавӣ, мо бо ту дил ягона кунем ва аз меҳру дӯстии дигарон дур шавем.

Духтарак чун ин бишунид, тобаро сарнагун карда, аз ҳамон ҷо, ки баромада буд, бадар шуд ва шикофи девор ба ҳам пайваст.

Чун каниз ба ҳуш омад, дид, ки моҳиён сӯхта ва

нобуд шудаанд. Каниз малул нишаста, ба бахти хештан гирьён буд ва мегуфт: «шикаст хӯрдан дар ҷанги аввал муборак набошад...»

Қаниз бо худ гуфтугӯ мекард, ки вазир даррасид ва моҳӣ хост. Каниз гирьён шуд ва воқеаро бозгуфт. Вазирро аҷаб омад ва моҳигирро хост ва гуфт:

— Аз он моҳиён чори дигар биёр.

Моҳигир ба сӯи кӯл рафт ва дом андохт. Пас аз замоне берун кашид, дид, ки чор моҳӣ монанди ҳамон моҳиён ба дом афтодаанд. Моҳиёнро ба пеши вазир овард, вазир онҳоро ба канизак дод, каниз моҳиён ба ошхона оварда, ба тоба андохт, дарҳол девори ошхона шикофта, ҳамон духтари офтобрӯй ба ошхона даромад ва шохаи бамбук бар тоба зад ва гуфт:

— Эй моҳӣ дар аҳди қадим ва паймони дурусти худ ҳастӣ?

Моҳиён сар бардоштанд ва ҳамон суханони пешин такрор намуданд, чун моҳиён сухани пешин такрор карданд, духтар тобаро сарнагун карда, аз ҳамон ҷо ки даромада буд, берун гашт.

Вазир гуфт:

— Ин корест ҳайратовар. Аз подшоҳ пинҳон доштани он лозим нест. Дарҳол бархоста, пеши подшоҳ омад ва подшоҳро аз моҷаро огоҳ гардонид.

Подшоҳ гуфт:

— Ман низ бояд бубинам.

Пас моҳигирро ҳозир оварда, ба кӯл равон сохтанд. Моҳигир ба сӯи кӯл рафта, дарҳол чор моҳӣ овард ва подшоҳ фармуд чорсад динори зар ба моҳигир доданд.

Пас подшоҳ ба вазир гуфт, ки дар ҳамин ҷо моҳиён бирьён кун, то ба чашми худ бинам. Вазир фармуд тоба ҳозир карданд ва моҳиён ба тоба андохтанд. Ҳанӯз як рӯи онҳо сурх нашуда буд, ки девор бишикофт, ғуломаке омад сиёҳ ва чӯбе дар даст дошт. Бо забони фасеҳ гуфт:

— Эй моҳӣ, ба аҳди қадим ва паймон маҳкам ҳастӣ?

Моҳӣ сар бардошта гуфт:

— Бале, бале.

Ва ҳамон суханони пешин такрор намуд. Пас аз он, ғуломак тобаро бо ҳамон чӯб сарнагун кард ва моҳиён ҳар чор бисӯхтанд ва ғуломак аз ҳамон ҷо, ки омада буд, берун шуд.

Подшоҳ гуфт:

— Бояд ин роз бидонем.

Дарҳол моҳигирро хост ва аз макони моҳиён ҷӯён шуд.

Моҳигир гуфт:

— Аз кӯлест дар пушти ин кӯҳ.

Подшоҳ гуфт:

— Чандрӯза масофат аст?

Моҳигир гуфт:

— Эй подшоҳ, дар ним соат ба он ҷо тавон рафтан.

Подшоҳро аҷаб омад ва ҳамон соат бо сипоҳиён ва моҳигир берун рафтанд. Моҳигир ба дев лаънат мехонд.

Пас ба болои кӯҳе баромаданд ва дар биёбони бепоён, ки дар миёни чор кӯҳ буд, фуруд омаданд, ки подшоҳу сипоҳиён дар тамомати умр он ҷоро надида буданд.

Пас ба канори кӯл рафта, чор ранг моҳӣ дар он ҷо диданд. Подшоҳ ба ҳайрат монда, аз сипоҳиён пурсид, ки:

— То акнун ин кӯлро дида будед, ё на?

Гуфтанд:

— Надида будем.

Подшоҳ гуфт:

— Дигар ба шаҳр боз нагардам, то чигунагии ин кӯл ва моҳиён донам.

Он гоҳ сипоҳиёнро гуфт, фуруд омаданд ва вазирро бихост. Вазир марди донишманди ҳушьёр буд, пеши подшоҳ омада замин бибӯсид, подшоҳ гуфт:

— Ман ҳамехоҳам, ки танҳо нишаста, аз чигунагии ин кӯл ва моҳиёни он ҷӯён шавам. Ту амирони сипоҳро фармо, ки пеши ман наёянд, то касе аз қасди ман огоҳ нашавад.

Вазир чунон кард, ки подшоҳ фармуд, чун шаб даромад, подшоҳ бо шамшери баркашида, ба ҳар сӯ

мегашт. Ногоҳ аз дур як сиёҳӣ бидид, хурсанд гардид. Наздик рафта, қасре ёфт аз сангҳои қиматбаҳо ва мармар, ки ду дари оҳанин дошт. Яке аз онҳо баста, дигаре кушода буд, Хурраму шодон ба наздики дар истода, ба нармӣ дар бикӯфт, овозе нашунид. Бори дуввум ва сеюм дар бикӯфт, ҷавобе нарасид, дар чорумин карат ба дуруштӣ дар бикӯбид, овозе наёмад. Далерона ба даҳлез даромад. Фарьёде баркашид, ки:

— Эй сокинони қаср, марди раҳгузари фақирам, тӯша ба ман диҳед! Ду бору се бор сухан такрор кард, ҷавобе нашунид. Дил қавӣ дошта, ба миёни қаср даромад, дар он ҷо низ касе наёфт, валекин дид, ки фаршҳо ба он ҷо паҳн карда ва дар он миён ҳавзест аз булӯр ва ба чор гӯшаи он ҳавз шерҳо аз зари сурх, ки аз даҳонашон дурру гавҳар ба ҷои об ҳамерезад. Подшоҳро басе аҷаб омад, вале афсӯс мехӯрд, ки касеро наёфт, ки аз кӯл ва моҳиёни он пурсад. Пас дар гӯшае нишаста, сар ба гиребони фикр фурӯ бурд ва ангушти ҳайрат ба дандон гирифт. Ногоҳ нолаи ғамгинона шунид, ки дилаш аз асари он нола тапид. Подшоҳ аз ҷой бархост ва ба он сӯй рафт. Пардае дид овехта, чун парда бардошт, дар пушти парда писаре дид моҳрӯй, ки бар болои тахте, ки аз замин ду ваҷаб ҷудо бар ҳаво истода буд, нашаста ва он писар дар ҳусну ҷамол беназир буд.

Подшоҳро аз дидани он ҷавон хуррамӣ рӯй дод, аммо ҷавон малул ва ғамгин буд. Подшоҳ салом кард, ӯ ҷавоб бозгуфт ва аз ҷои худ барнахост ва аз барнахостан узр хост.

Подшоҳ гуфт:

— Эй ҷавон, аз ин кӯл ва моҳиёни рангин ва аз ин чоркӯҳ ва ин қаср ва танҳоии худ маро хабардор намо ва боз бигӯ, ки чаро ин гуна гирьёнӣ?

Ҷавон чун ин бишнид, гирьён шуд ва домани худро ба як сӯ кард. Подшоҳ дид, ки аз ноф то ба пой санг ва аз ноф то ба сар ба сурати одам аст. Пас ҷавон гуфт:

— Моҳиёни ин кӯл ҳикояти аҷиб доранд ва он ин аст, ки падарам подшоҳи ин шаҳр ва номаш Маҳмуд,

соҳиби ҷазираҳои Сиёҳ буд, ҳафтод сол дар мамлакат подшоҳӣ кард, пас аз он мурд ва мамлакат ба ман расид. Духтари амаки худро ба занӣ овардам ва ӯ маро басе дӯст медошт ва бе ман дастархон паҳн намекард ва хӯрданӣ намехӯрд. Панҷ сол ба ин тариқ гузашт. Рӯзе ба ҳаммом рафт, ба ходим гуфт, ки хӯрданӣ аз барои шом омода кунад. Пас ман бар болои тахт баромада, хостам хоб кунам, ба ду каниз гуфтам, ки: «Ба ман бод занед». Яке ба зери по ва дигаре ба болини ман нишастанд ва бод ба ман ҳамезаданд, вале маро хоб намебурд ва чашм барҳам ниҳода, бедор будам. Пас канизе, ки ба болини ман нишаста буд, ба он яке гуфт:

— Афсӯс аз ҷавонии хоҷа, ки ба ин бадкирдор дучор гаштааст. Ва он дигаре гуфт:

— Ростӣ чунин зан на шоистаи хоҷаи мост, ки ҳар шаб ба хобгоҳи дигарон андар аст. Он яке гуфт:

— Чаро хоҷа аз ӯ ҳеҷ намепурсад. Дигаре гуфт:

— Хоҷа аз кирдори ӯ ҳеҷ огоҳӣ надорад, ки ӯ ҳар шаб порае банг ба шароб андохта, хоҷаро беҳуш гардонад ва худ ба ҷои дигар равад, бомдод боз омада хоҷаро ба ҳуш оварад.

Чун ман сухани канизакон шунидам, бовар накардам, то духтари амакам аз ҳаммом берун омад, дастархон паҳн карданд, хӯрданӣ хӯрдем ва замоне сӯҳбат кардем. Пас аз он шароб ҳозир оварданд, занам қадаҳе хӯрда, қадаҳи дигар ба ман дод, ман чунон бинамудам, ки бода мехӯрам, аммо ба пинҳонӣ соғар бирехтам ва хоб кардам, шунидам, ки мегуфт: «Хоб кун, ки барнахезӣ». Пас бархоста, куртаи ҳарири заррин пӯшид ва худро орост ва дар кушода бирафт. Ман низ аз асари ӯ равон шудам ва ҳамерафтам, то ба дарвозаи шаҳр расидам, сухане гуфт ва фусуне хонд, ки ман надонистам. Дарҳол дарвозаи шаҳр кушода шуд ва аз шаҳр берун шудем ва ҳамерафтем, то ба ҳисоре расидем. Духтар ба хонаи гилине, ки дар миёни ҳисор буд, бирафт ва ман ба болои хона баромадам ва чашм ба равзана биниҳодам, дидам, ки духтарак ба ғуломи сиёҳе гапе заду замин бибӯсид, ғуломак сар бардошта, ба ӯ тундӣ карда гуфт:

— Чаро дер кардӣ, ки зангиён дар ин ҷо буданд ва ҳар кадом маъшуқа дар канор доштанд ва боданӯшӣ карданд, чун ту дар ин ҷо набудӣ, ман бода нанӯшидам.

— Эй хоҷа, худ медонӣ, ки маро шавҳарест ӯро басе нохуш дорам ва агар барои хотири ту намешуд, ман ин шаҳрро зеру забар мекардам.

Ғуломак гуфт:

— Эй рӯсиёҳ, дурӯғ мегӯӣ, ба ҷони зангиён қасам, ки дигар ба сӯи ту нигоҳ накунам ва даст бар танат паниҳам. Омадани ту назди ман аз рӯи майл нест, агар туро шаҳват наҷунбад, пеши ман нахоҳӣ омад.

Хулоса, ғуломак аз ин суханон мегуфту духтар бар пой истода мегирист ва мегуфт:

— Эй сарвари дил ва равшаноии дида, маро ба ҷуз ту касе нест. Агар бирониям аз дар, дароям аз дари дигар!

Алқисса, духтар чандон гирист, ки ғуломак ба ӯ раҳм кард ва ба нишастан ҷавоб дод, духтар хуррам бинишаст ва ба ғулом гуфт:

— Эй хоҷа, хӯрданӣ ва нӯшиданӣ мехоҳам.

Ғуломак гуфт:

— Дар он косаи гилин пораи гӯшти муше ҳаст ва дар он кӯзаи сафолин қатраи шаробе монда, онҳоро бихӯр.

Духтар бархоста, онҳоро пеш ниҳода хӯрд ва бинӯшид ва ҷома барканд, бар рӯи бӯрьё ва зери чакмани дарида дар паҳлуи ғулом бихуфт. Ман аз равзанаи хона онҳоро медидам ва сухани эшон мешунидам. Он гоҳ аз боми хона ба зер омада шамшер баркашидам ва хостам ҳар дуро ба якбор кушам. Шамшер ба гардани ғуломак рост омад, ман гумон кардам, ки кушта шуд. Пас ман аз хона берун омада, ба қаср рафтам ва дар хобгоҳи худ бихуфтам, чун бомдод шуд, духтари амаки худро дидам, ки гесувон бурида ва ҷомаи мотам пӯшида пеши ман омад ва гуфт:

— Дирӯз шунидам, ки як бародарамро мор газида ва бародари дигарам аз болои бом ба зер афтода

ва падарам ба ҷанги душманон рафта, ҳар се мурдаанд. Акнун лозим аст, ки ман ба мотам бинишинам ва гирьёну малул бошам. Ман гуфтам:

— Ҳар он чӣ хоҳӣ, кун.

Соле ба мотамдорӣ ва андӯҳ бинишаст, пас аз як сол гуфт:

— Бояд ба даруни қаср хонае бино кунам ва сурати қабре дар он ҷо созам ва он ҷоро «байтул-эҳзон» номида, ба мотамдорӣ нишинам.

Гуфтам:

— Ҳар он чӣ хоҳӣ, кун.

Пас хона ва сандуқе сохт ва ғуломакро ба он ҷо овард, ки ӯ намурда буд, вале аз он захм бемор буд ва сухан гуфтан наметавонист. Пас духтар ҳама рӯз бомдоду шом ба «байтул-эҳзон» даромада ба захми ӯ марҳам мениҳод ва шарбату шароб ба ӯ мехӯронд, то ин ки рӯзе духтар ба он макон рафт ва ман низ аз паи ӯ рафтам, дидам, ки мехурӯшад ва синаю рӯи худ мехарошад, ман бо шамшери баркашида пеш рафтам ва ба ӯ гуфтам:

— Эй рӯсиёҳ, рафтори ту ба рафтори он занон монанд аст, ки бо мардони бегона ишқ варзанд.

Чун маро дид, ки ба қасди куштани ӯ шамшер баланд кардаам, донист, ки ғуломакро низ ман ба он рӯз андохтаам, он гоҳ суханоне гуфт, ки ман онҳоро надонистам ва ба ман гуфт:

— Афсуни ман нимаи туро санг кунад.

Дарҳол ба ин ранг шудам. Пас аз он ба шаҳр ва мардуми шаҳр ҷоду кард, чун дар шаҳр чор гуна мардум буданд: мусулмон ва насоро ва яҳуд ва маҷус, чор гуна моҳиён шуданд ва шаҳр низ кӯли обе шуд ва чор ҷазира чор кӯҳ шуданд. Пас аз он ҳама рӯза духтар ба пеши ман омада, маро бараҳна месозад ва бо тозиёна чандон мезанад, ки хун аз тани ман равон мешавад. Он гоҳ ҷомаи пашмин ба ман мепӯшонад.

Чун ҷавон ин суханон гуфт, гирьён шуд.

Подшоҳ гуфт:

— Эй ҷавон, боз гӯй, ки он духтар куҷост?

Ҷавон гуфт:

— Бомдод ва шомгоҳ ба канори сурати қабре, ки ғуломак дар он чост, биёяд ва вақти рафтан пеши ман омада, тани маро ба он гуна, ки гуфтам аз тозиёна нилгун кунад.

— Эй ҷавон, ба ту некиҳо ва хубиҳо кунам, ки пас аз ман ба дафтарҳо навишта, дар забонҳо бигӯянд.— Пас подшоҳ бархост ва ба қасри худ бозгашт. Рӯзи дигар вақти шом шамшер баргирифта, ба он чое, ки ғуломак буд, омад, дид, ки кандилҳо овехта ва шамъҳо барафрӯхта ва месӯзанд ва зангӣ ба хобгоҳ хобида буд. Дарҳол шамшер аз ғилоф баркашида, ғуломакро кушт ва ба чоҳ афканд ва ҷомаҳои ӯро пӯшида дар хобгоҳи ӯ хобид ва шамшери баркашида дар паҳлуи худ гузошт. Чун соате гузашт, духтар ба қаср даромад ва писари амаки худро бараҳна кард, тозиёна ба ӯ мезад ва ӯ менолид ва мегуфт:

— Ба ман раҳм кун, ин ҳолате, ки ман дорам, маро кофӣ аст.

Духтарак гуфт:

— Чаро ту раҳм накардӣ ва маъшуқи маро ба он рӯз нишондӣ?

Пас аз он духтарак ҷомаи пашмин ба ӯ пӯшонда, ҷомаи ҳарир аз рӯи ӯ пӯшонид. Ва ба назди ғулом омада, соғари шаробе пеш овард ва гирьён-гирьён гуфт:

— Эй хоҷа, аз ин шароб қатрае бинӯш ва бо ман сухан гӯй!

Пас подшоҳ монанди забони зангиён ва сухан гуфтани ҳабашиён гуфт:

— Оҳ! Оҳ! Субҳоноллоҳ!

Чун духтар овози ӯро шунид аз хушвақтӣ ва шодӣ беҳуш шуд, чун ба ҳуш омад гуфт:

— Эй хоҷа, маро умедвор кардӣ.

Он гоҳ подшоҳ ба овози андӯҳгин гуфт:

— Эй рӯсиёҳ, бо ту сухан гуфтан лозим нест.

Духтар гуфт:

— Сабаб чист?

Гуфт:

— Аз барои ин ки ҳама рӯза шавҳари худро тозиёна мезанӣ ва ӯро азоб медиҳӣ, фарьёду нолаи ӯ

хоб бар ман ҳаром карда, вагарна ман садбора аз беморӣ халос мешудам.

Духтар гуфт:

— Агар ту иҷозат диҳӣ, ӯро озод кунам.

Подшоҳ гуфт:

— Ӯро озод кун ва маро роҳат бахш!

Дарҳол духтар назди писари амакаш рафта, тосаке пур аз об кард ва афсуне ба ӯ дамида, ба он ҷавон бипошид он ҷавон ба сурати нахуст даромад. Духтар ӯро аз қаср берун карда ва гуфт:

— Дигар бознагард, вагарна кушта мешавӣ.

Он гоҳ духтар ба «байтул-эҳзон» даромад ва гуфт:

— Эй хоҷа, бо ман сухан бигӯ, ки писари амаки худро аз ҷоду халос кардам.

Подшоҳ гуфт:

— Он чӣ кардан лозим аст, ҳанӯз накардаӣ.

Духтар гуфт:

— Эй хоҷа, он кадом аст, ки накардаам?

Подшоҳ гуфт:

— Ин шаҳр ва мардуми ин шаҳрро ба сурати аввала бозгардон, ки ҳар нимаи шаб, сар бардошта, маро нафрин мекунанд ва ба ин сабаб ман аз беморӣ халос намешавам.

Духтар суханони подшоҳ мешунид ва гумон мекард, ки ғулом ба ӯ сухан мегӯяд. Он гоҳ бархоста, ба наздики кӯл омад, қатрае аз оби кӯл бардошта, фусуне ба ӯ дамид ва об ба кӯл андохт. Дарҳол моҳиён ба сурати одамиён даромаданд ва бозорҳо ба сурати нахустин бозгаштанд ва кӯҳҳо ҷазираҳо шуданд. Пас аз он духтар ба «байтул-эҳзон» даромад ва кирдори худ ба подшоҳ боз намуд. Подшоҳ оҳиста гуфт:

— Наздиктар ой!

Духтар наздик омада гуфт:

— Эй хоҷа! Поят бигузор то бибӯсам. Чун даст намедиҳад дар оғӯш.

Дарҳол подшоҳ шамшер бар синаи духтар зад, духтар дунима бияфтод. Подшоҳ бархоста, аз хона берун шуд, ҷавонро дид, ки ба интизори подшоҳ истода, чун чашмаш бар подшоҳ афтод, шукр ба ҷо

оварда ва дасту пои ӯро бӯса дод, подшоҳ низ халосии ӯро таҳният гуфт ва аз ӯ суол кард, ки:

— Акнун дар шаҳри худ ба сар мебарӣ ё бо ман ҳамеой?

Ҷавон гуфт:

— То ҷон дорам аз ту ҷудо нахоҳам шуд. Эй подшоҳ, аз ин ҷо то ба шаҳри ту чӣ қадар масофат аст?

Подшоҳ ҷавоб дод:

— Ду рӯз роҳ аст.

Ҷавон гуфт:

— Аз ин ҷо то ба шаҳри ту яксола роҳ аст.

Подшоҳро тааҷҷуб зиёда шуд. Пас подшоҳзода дар рикоби подшоҳ як сол ҳамерафтанд, то ба шаҳри подшоҳ расиданд ва сипоҳу раият ба истиқболи подшоҳ баромада, суми саманди подшоҳ бӯсиданд ва ба саломатии ӯ шодон шуданд. Подшоҳ ба қаср даромада, бар тахт нишаст ва моҳигирро хост, ба вай мукофот дода, шумораи фарзандонаш пурсид.

Моҳигир гуфт:

— Як писар ва ду духтар дорам.

Подшоҳ яке аз духтарони ӯро барои худ ва дигареро аз барои подшоҳзодаи ҷодугашта никоҳ кард ва амирии лашкар ба писари ӯ супурд ва ҳокимии шаҳр ба подшоҳзода ва ҳокимии ҷазираи Сиёҳро ба моҳигир супорид ва ба комронӣ ба сар бурданд, то марг ба онҳо даррасид.



# ҲИКОЯТИ СИНДБОДИ ДАРЬЁГАРД

Чунин гӯянд, ки дар аҳди хилофати Ҳорунаррашид, дар шаҳри Бағдод марде буд бечизу парешонҳол, ки Синдбоди ҳаммолаш мегуфтанд ва пайваста борҳои гарон мебурд ва аз музди боркашонӣ рӯзӣ мехӯрд.

Иттифоқан, рӯзе аз рӯзҳо ки аз асари офтоб оҳан мегудохт, Синдбод бори вазнин бардошта мерафт, аз шиддати гармо ва гаронии бор ранҷур гашта, араҚ аз ҷабинаш мерехт, то ин ки ба дари хонаи бозургоне расид, ки онро об зада ва рӯфта буданд.

Он макон ҳавое дошт ҷонфазо ва дар паҳлуи дари хона даҳлезе буд бузург, бор бар даҳлез гузошт, ки каме роҳат кунад, насими муаттар бар вай биёмад. Аз он насим хушҳол шуда, дар канори даҳлез биништаст ва аз он хона нағмаю овозҳои хурсандиовар ва илҳони гулрухони нағмасанҷ ба гӯшаш омад, вай хушвақт шуд, дарҳол бархоста, ба хонаи дарун рафт, дар миёни хона боғе дид бузург ва дар он боғ ғуломону ходимон ва ҳама гуна асбоби айшу бузур-

гӣ омода ёфт. Дар он ҷо бӯи хуши таомҳо ба машомаш омад.

Синдбоди ҳаммол пас аз каме роҳат кардан хост, ки бор бардошта, равон шавад. Ногоҳ писаре хурдсол ва некӯрӯю зебоқад аз он хона бадар омад ва остини ҳаммол гирифта гуфт:

— Ба хона даро, ки хоҷаам туро мехонад.

Ҳаммол дид, ки аз гуфтаи писар сар натавонад печид, ҷуз рафтан ба назди хоҷа илоҷе нест. Дарҳол борро дар даҳлези хона ба дарбон супурда, худ бо ҳамон писар ба хона даромад. Хонае дид, ки бинои он аз нишот рехта ва ҳавои он бо тараб омехтааст.

Дар он ҷо базме ёфт хуррам ва маҷлисе хуштар аз боғи ирам, ки бародарони сафо ва худовандони вафо дар он маҷлис нишаста ва ба ҳадис [1] дар пайвастаанд ва аз ҳама гуна нуқлу мева ва гулу райҳон ва хӯрданиҳои лазиз ва бодаи софи ангурӣ фуру чидаанд ва асбоби самоу [2] тараб [3] аз чангу уд, наю даф канизони хубрӯйро дар каф аст ва ҳар кадом дар мақоми хештан ба тартиби некӯ ва оини хуш саф кашидаанд ва дар садри маҷлис марде буд мӯҳтарам, ки осори пирӣ дар ӯ падид ва мӯи сиёҳаш сафед гашта буд, валекин хушсурат, некӯманзар ва худованди ҳайбат ва виқор ва иззату ифтихор буд.

Синдбоди ҳаммол аз мушоҳидаи он ҳолат могу мабҳут [4] шуд ва бо худ гуфт, ки: «Ин макони хуш аз маконҳои ҷаннат ва ё хонаи яке аз подшоҳон аст». Он гоҳ бо камоли адаб пеш рафта, маҷлисиёнро салом дод, эшонро дуо гуфта, замин бибӯсид ва сар ба зер андохта бистод.

Соҳиби маҷлис ӯро ба нишастан дастур дод ва ба наздики худ хонд ва ӯро хушомад гуфта, аз баҳри дилҷӯии ӯ бо ӯ оғози сухан кард ва ҳамепурсид, то ин ки суфра [5] паҳн намуданд ва хӯрданиҳои лазиз ва

---

[1] Ҳадис — ҳикоя.
[2] Само — рақс.
[3] Тараб — хушӣ.
[4] Мабҳут шудан — ҳайрон шудан.
[5] Суфра — дастархон

некрӯ ҳозир оварданд. Синдбоди ҳаммол пеш омада, номи худо ба забон бурд ва ба қадри кифоя хӯрданӣ бихӯрд, даст шуста, шукри неъмат ба ҷо овард.

Он гоҳ соҳиби хона гуфт:

— Номи ту чист ва чӣ санъат дорӣ?

Синдбоди ҳаммол гуфт:

— Эй хоча, номи ман Синдбоди ҳаммол аст, ки бори мардум ба дӯш кашам ва музд гирифта, сарфи зиндагонӣ кунам.

Соҳиби хона табассуме карда, ба ӯ гуфт:

— Эй ҳаммол, бидон, ки ту бо ман ҳамномӣ ва маро Синдбоди дарьёгард ном аст.

Маро қиссаест аҷиб, ки мехоҳам туро аз он бохабар кунам ва тамомати моҷароро, ки пеш аз ин некбахтӣ ва тавонгарӣ бар ман рафта, ба ту боз гӯям. Бидон, ки ман ин саодат наёфтам, магар пас аз ранҷҳои сахт ва машаққатҳои бузург ва бимҳои бисьёр ва бидон, ки ман басе ранҷҳо бурдаам ва ҳафт сафар кардаам ва дар ҳар сафар маро ҳикоятҳои аҷиб рӯй дод, ки аз шуниданн онҳо ақл ҳайрон шавад.

## САФАРИ ЯКУМ

Ҳикояти нахустин, ки дар сафари якум иттифоқ афтод, ин аст, ки маро падаре буд аз бозургон, чун ӯ вафот кард, ман даст ба мол ниҳодам ва дар хӯрдану нӯшидан сарф кардам. Бо ҷавони сода бода мехӯрдам ва бо дӯстон ҳар рӯз дар бӯстон ба сар бурдам ва гумони ман ин буд, ки маро мол пойдор хоҳад буд ва ин ҳол ба ман суде хоҳад бахшид.

Пас ман дерғоҳе ба ин ҳолат будам. Вақте ки ба ақли худ бозгаштам, дидам, ки мол аз дасти ман берун рафта, ҳолам ба малолат андар шуда, аз анҷоми кор тарсидам. Ҳикмати Сулаймон бинни Довуди Алайҳиссаломро, ки шунида будам, ба хотир овар-

дам. Вай фармуда буд, ки: «се чиз аз се чиз беҳтар аст, рӯзи марг аз рӯзи валодат[1]; саги зинда аз шери мурда ва қабр аз қаср».

Пас аз он бархоста, он чӣ аз молу мулкам боқӣ монда буд, бифурӯхтам ва се ҳазор дирам ҷамъ оварда, ба хотирам гузашт, ки ба шаҳрҳои дур сафар кунам.

Пас дар он ҳангом домани ҳиммат ба миён устувор кардам ва бизоати тиҷорат харида, ба шаҳри Басра равон шудам. Аз он ҷо бо ҷамъе аз бозургонон ба киштӣ нишаста ва шабу рӯз ба дарьё ҳамерафтем ва аз ҷазира ба ҷазирае, аз дарьё ба дарьёе ҳамегузаштем.

Ба ҳар макон, ки мерасидем, мехаридем ва мефурӯхтем, то ин ки ба ҷазирае расидем, ки боғе дошт чун боғи биҳишт. Ноходо[2] киштӣ ба канори ҷазира ронд, ҳар кас, ки дар киштӣ буд, ба ҷазира даромаданд ва конунҳо[3] сохта, оташ бияфрӯхтанд ва ҳар як ба кори ҷудогона машғул гаштанд, яке ҷома мешуст ва яке сайр мекард. Ман аз ҷумлаи сайркунандагон будам.

Алғараз[4], аҳли киштӣ ба хӯрдану нӯшидан ва шӯхию бозӣ машғул буданд, ки ногоҳ ноходо дар канори ҷазира биистод ва ба овози баланд бонг барзад, ки «Эй сокинони киштӣ ва эй толибони наҷот, биштобед ва ба киштӣ дароед ва он чӣ мол доред, бар ҷой гузошта, ҷонҳои хештанро наҷот диҳед ва худро аз ҳалок бираҳонед, ки ин ҷазира нест, балки моҳиест бузург, ки аз об берун омада, регҳо ба ӯ ҷамъ шуда, дарахтон бар ӯ раста, монанди ҷазира гаштааст. Чун шумо оташ бияфрӯхтед, гармӣ ба ӯ асар мекунад ва ҳамин соат аз ҷой ҷунбида, тамоми шуморо ба дарьё фурӯ резад ва ҳамагӣ ғарқ хоҳед шуд. Акнун ба суръат бархезед ва хештанро аз ҳалок бираҳонед».

---

[1] Валодат — таваллуд.
[2] Ноходо — сардори киштӣ
[3] Конун — дегдон.
[4] Алғараз — хулоса.

Нохудо чун бахтбаланд буд, бонг зад, ҳама тарсиданд, конунҳо ва асбоб бар ҷо гузошта, ба сӯи киштӣ бишитофтанд. Як қисмашон ба киштӣ расида, як қисмашон нарасида буданд, ки ҷазира ба ҷунбиш омад ва ба қаъри дарьё фурӯ рафт. Ҳар чӣ ки бар он ҷазира буд, дар дарьё ғарқ гашт. Ман низ аз онон будам, ки дар дарьё ғарқ шуданд, валекин худои таоло маро халос кард ва наҷотро рӯзии ман гардонд. Як тахтаи чӯбини бузурге, ки дар он ҷома мешустанд, маро пеш омад. Ман тахта бигирифтам ва бар ӯ бинишастам. Чун аз ҷон гузаштан душвор буд, ночор монанди ғукон обро ба пои хеш мебуридам ва шино ҳамекардам ва мавҷҳо низ аз пасу пеш маро ёрӣ мекарданд. Аммо нохудо бодбони киштӣ барафрошт ва бо касоне, ки аз ғарқ наҷот ёфта ва ба киштӣ даромада буданд, равон шуд ва ғарқшудагонро нигоҳе накард. Маро пайваста чашм ба киштӣ буд, то ин ки киштӣ аз назар нопадид шуд. Он гоҳ ман ҳалокро яқин кардам ва аз зиндагӣ навмед шудам.

Пас аз соате шаб даромад, ҳама шабро бар рӯи тахта, дар миёни мавҷҳо ба сар бурдам ва як шабу як рӯзи дигар ба ҳамон ҳолат будам, ки боди мурод ёрӣ карда, маро ба сӯи ҷазира бурд. Дидам, ки дарахтони он ҷазира ба сӯи дарьё овехта буданд, ман шохе аз он дарахтон гирифта, дар ҳамон ҳолати марг аз шох ба дарахт баромадам ва аз он ҷо ба ҷазира омадам. Гӯшти пойҳои худро дидам, ки моҳиён хӯрдаанд ва захм кардаанд, вале ман аз тарсе ки доштам, надонистам. Пас, монанди мурдагон дар ҷазира биёфтодам ва то рӯз ба ҳамин ҳол будам.

Чун офтоб бар ман битобид, ба худ омада пойҳои худро дидам омос карда. Гоҳе бо дастҳо, гоҳе бо зонуҳо ин сӯ ва он сӯ рафта, аз меваҳои ҷазира мехӯрдам ва аз чашмаҳои он ҷо об менӯшидам, то пас аз чанд шибонарӯз равони ман ба тан бозгашт ва нотавонии ман ба тавоноӣ бадал шуд. Асое аз дарахтони ҷазира сохта, ба каф гирифта, ба он такья карда, дар атрофи ҷазира мегаштам. Дер гоҳе ба ин ҳолат будам, то ин ки рӯзе аз рӯзҳо дар канори ҷазира мегаштам, аз дур як сиёҳӣ падид шуд. Гумон бурдам, ки

аз ваҳшиёну чопварони дарьёст, дарҳол ба сӯи ӯ бирафтам.

Дидам аспест бузург, ки дар канори ҷазира бастаанд. Чун ба ӯ наздик шудам, шиҳаи баланд зад, аз ӯ тарсидам, ки ногоҳ марде аз зери замин баромада, аз паи ман равон шуд ва бонг бар ман зад ва гуфт:

— Кистӣ ва аз куҷоӣ ва сабаби омадани ту ба ин макон чист?

Гуфтам:

— Ё ҷаноб, бидон, ки марди ғарибам, бо ҷамъе аз ёрони худ ғарқ шуда будам. Худои таоло тахтапорае ба ман бирасонид, бар он тахта биншастам, ӯ маро дар рӯи об ҳамеовард, то ба ин ҷазира расонид.

Он мард чун сухани маро бишунид, остини маро бигирифт ва гуфт:

— Биё бо ман.

Бо ӯ бирафтам. Маро ба сардобае, ки дар зери замин буд, бибурд ва аз он ҷо ба хонаи бузург, ки дар зери замин буд, бирафтем ва маро дар садри маҷлиси он хона биншонид, хӯрданӣ овард, ман ба қадри кифоя бихӯрдам. Пас аз он моҷарои ман пурсид. Ман тамомати ҳикояти худро бозгуфтам, аз қиссаи ман дар аҷаб шуд.

Гуфтам:

— Эй хоҷа, туро ба худо савганд медиҳам, акнун ба ман боз гӯ, ки ту кистӣ ва дар ин макон аз баҳри чӣ нишастаӣ ва ин аспро дар канори дарьё ба чӣ ҷиҳат бастаӣ?

Он мард гуфт:

— Бидон, ки мо ҷамоате ҳастем, дар атрофи ин ҷазира парокандаем ва мо соҳибони рамаҳои малик[1] Меҳрҷон ҳастем ва ҳамаи хайлҳои[2] малик дар зери дасти мост. Ҳар моҳ беҳтарин хайлҳоро ба ин ҷазира оварда, дар канори дарьё бибандем ва худ дар сардобаи зери замин пинҳон шавем, чунон ки кас моро набинад. Он гоҳ аспҳои наринаи дарьё ба бӯи модиёнҳо

---

[1] Малик — подшоҳ.
[2] Хайл — галаи аспон.

бадар оянд, ин сӯ ва он сӯ нигоҳ карда, касеро надида, дарҳол ба он модиёнҳо биҷаҳанд ва ба онҳо даромезанд, пас аз он ҳамехоҳанд, ки модиёнҳоро ба дарьё баранд, модиёнҳо ба сабаби қайде, ки доранд, наметавонанд рафт. Он гоҳ аспон аз нарафтани модиёнҳо шиҳа бароваранд. Мо дарҳол аз сардоба берун рафта, бонг ба аспҳо бизанем, онҳо тарсида аз модиёнҳо дур шаванд ва ба дарьё фурӯ раванд. Модиёнҳо аз аспони дарьё ҳомила мегарданд ва ҳар чӣ аз нарина ва модина бизоянд, ба қимати гарон фурӯхта мешаванд ва дар рӯи замин назир надоранд ва ҳамин рӯзҳо, ҳангоми омадани аспони дарьёст ва агар худо бихоҳад туро бардошта, ба сӯи малик Меҳрҷон барам, то ки шаҳри моро тамошо кунӣ ва бидон, ки агар ба мо ҷамъ намеомадӣ, ҷуз мо касе дигар дар ин макон намедидӣ ва дар ин ҷо мемурдӣ, валекин ман туро сабаби зиндагӣ шавам, то ба шаҳри худ бозгардӣ.

Ман он мардро дуо кардам, ба эҳсони ӯ шукрҳо гуфтам ва мо дар гуфтугӯ будем, ки наринаи дарьёӣ аз дарьё баромад ва фарьёд зада ба модина биҷаст. Чун аз кори худ фориғ шуд, хост модинаро бо худ ба дарьё барад, натавонист, он гоҳ лагад заду бонг баровард, соҳиби хайл чавгоне ва табле ба даст гирифта, аз сардоба берун рафт, чавгон бар табл зад, ёрони худро овоз дод, дар он ҳол ҷамоате бо найзаҳо бадар омаданд ва фарьёд мезаданд, ки аспи дарьёӣ аз эшон бирамид ва ба дарьё рафт. Он мард андаке биншаст, ки ногоҳ ёрони ӯ биёмаданд, ҳар яке аз эшон афсори аспе дар даст доштанд, чун маро назди ӯ диданд, аз ҳолати ман ҷӯё шуданд. Ман ҳикояти худро ба эшон низ бигуфтам. Эшон суфра паҳн карданд, хӯрданӣ бихӯрдем, он гоҳ бархоста савор шуданд ва маро низ бар аспе биншонданд. Шабонарӯз ҳамерафтем, то ба шаҳри малик Меҳрҷон бирасидем. Эшон ба назди малик рафта, қиссаи маро ба ӯ бозгуфтанд. Малик маро бихост. Маро ба ҳузури малик бурда, дар пешгоҳ бидоштанд. Ман ӯро салом додам, радди салом кард ва маро муборакбод гуфт ва ҳурмат кард ва моҷарои ман бипурсид. Ман тамомати

саргузашти худ баён кардам. Аз ҳодисаи ман аҷаб омадаш, ба ман гуфт:

— Эй фарзанд, ба худо савганд, туро аҷал нарасида будааст, ки аз ин сахтиҳо халос ёфтаӣ.

Он гоҳ маро бинавохт ва бузургию нависандагии бандарро ба ман супурд. Ман дар ин хизмати ӯ бисёр кӯшидам ва ӯ некӯиҳо ба ман мекард ва шафоатҳои маро қабул менамуд ва дер гоҳе дар назди ӯ будам ва ҳар киштие, ки ба соҳил мерасид, ман аз сокинони киштии Бағдод ҷӯё мешудам, ки шояд касе аз Бағдод маро хабар диҳад, то ман бо ӯ ба сӯи Бағдод равам, вале касе аз Бағдод нишон намедод ва ҳеҷ бозургон ӯро намешинохт. Ман аз ин кор ҳайрон будам ва аз дарозии ғурбат тангдил шудам, ба ин ҳолат ба сар мебурдам, то ин ки рӯзе аз рӯзҳо ба назди малик Меҳрҷон рафтам ва дар пеши ӯ ҷамоате аз ҳиндуҳо дидам, эшонро салом додам, эшон радди салом карданд ва маро хушомад гуфтанд ва аз шаҳри ман пурсиданд. Ман низ аз билоди ҳиндуҳо ҷӯён шудам. Эшонро ба ман бинамуданд, ки мардумони гуногун ҳастанд ва эшон тоифае буданд, ки ҳаргиз шароб наменӯшиданд ва маро огоҳ карданд, ҳиндуҳо ки ҳафтоду ду фирқа ҳастанд ва дар мамлакати малик Меҳрҷон, ки ҷазираи Қобулаш мегуфтанд, ҷазирае дидам, ки дар он ҷазира ҳама шаб овози дафҳо ва таблҳо шунида мешуд, вале ҳеҷ кас дар он ҷо дида нашуда буд.

Дар як дарьё моҳие дидам, ки дарозии ӯ дусад заръ[1] буд ва моҳии дигар низ дар он ҷо дидам, ки рӯе дошт монанди рӯи бум ва дар он сафар аҷоибу ғароиб бисьёр дидам, ки аҷар порае аз онҳо шарҳ диҳам, сухан дароз кашад. Хуллас, пайваста ман дар он ҷазираҳо мегаштам ва ҳар он чи дар он ҷазираҳо буд, тамошо мекардам, то ин ки рӯзе аз рӯзҳо дар канори дарьё асо ба даст гирифта, ба одати маълум истода будам, ки ногоҳ як киштии бузург падид шуд, ки бозургонони бисьёр дар он буданд.

---

[1] Заръ — баробари 107 см.

Чун киштӣ ба бандар расид, нохудо бодбон фурӯ печид ва таноб дар соҳил маҳкам баст, аҳли киштӣ ҳар чӣ бизоат дар киштӣ доштанд, берун меоварданд ва ман як-як менавиштам. Он гоҳ аз нохудо пурсидам, ки чизе дар киштӣ монд ё не?

Гуфт:

— Оре, эй хоҷа, пораи бизоатҳо ба киштӣ монд. Лекин соҳиби онҳо дар яке аз ҷазираҳо ғарқ гашта ва акнун бизоати ӯ дар назди мо барои нигоҳдорӣ мондааст. Қасди мо ин аст, ки онҳоро фурӯхта қиматашонро дар шаҳри Бағдод ба фарзандон ва пайвандони ӯ бирасонем.

Ман ба нохудо гуфтам:

— Номи соҳиби бизоат чӣ буд?

Гуфт:

— Синдбоди дарьёгард ном дошт, ки дар дарьё ғарқ шуд.

Чун ман сухани нохудо бишнидам, бо диққат назар кардам, ӯро бишнохтам ва фарьёде баланд бароварда ба ӯ гуфтам:

— Эй нохудо, бидон, ки соҳиби бизоат манам ва маро ном Синдбоди дарьёгард аст, ки бо ҷамъе аз ёрон аз киштӣ ба ҷазира фаромадам, чун моҳӣ, ки мо бар рӯи ӯ будем, ба ҷунбиш омад, ту бонг бар мо задӣ. Ҳар кас, ки тавонист ба киштӣ бозгардад, бозгашт ва ҳар кӣ натавонист, ғарқ шуд ва ман низ аз ғарқшудагон будам, валекин худои таоло маро ба воситаи тахтаи бузург, ки аҳли киштӣ бар рӯи он ҷома мешустанд, халос дод ва ба соҳил саломат расонид. Дар ҷазирае берун омадам ва дар он ҷазира бо ёрии худои таоло бо ходимони малик Меҳрҷон ҷамъ омадам.

Эшон маро ба ин шаҳр оварданд. Ман дар хизмати малик бистодам, ӯ маро бузургию нависандагии бандар бидод ва ин бизоат, ки дар киштӣ аст, аз они ман аст.

Чун Синдбоди дарьёгард ин бигуфт, нохудо гуфт:

— Субҳоналло, аз барои ҳеҷ кас амонат намонда.

— Эй нохудо! Ин суханро сабаб чист, ки ман қиссаи худро ба ту гуфтам.

Нохудо гуфт:

— Чун ту шунидӣ, ки ман гуфтам, дар назди ман бизоате ҳаст ва соҳиби ӯ ғарқ гардид, акнун ҳамехоҳӣ, ки он молро ғасб кунӣ ва ин мол туро ҳаром аст. Ман ба чашми худ дидам, ки соҳиби ин мол бо ҷамъе аз ёрони худ ғарқ шуданд. Ту чӣ гуна даъво мекунӣ, ки соҳиби бизоатӣ?

Ман ба ӯ гуфтам:

— Эй нохудо, қиссаи ман бишнав ва суханони ман ба гӯш дор, то ростӣ ба ту ошкор гардад, ки дурӯғ шеваи мунофиқон аст.

Пас аз он ба нохудо тамомати саргузашти худро аз вақте, ки аз Бағдод бадар омада будем, то ба рӯзе, ки ба ҷазира бирасидем ва суханоне, ки миёни ману ӯ гузашта буданд, баён кардам. Дар он ҳангом нохудо ва бозургононе, ки дар киштӣ ёри ман буданд, ростии суханамро бидонистанд ва маро бишнохтанд ва ба саломатии ман таҳният гуфтанд ва ҳамагӣ савганд ёд карданд, ки: «Мо боварӣ надоштем, ки ту аз ҳалокат халос шавӣ ва аз ғарқ шудан наҷот ёбӣ. Вале худои таоло умри тоза ба ту арзонӣ дошт».

Пас аз он бизоатро бадар оварданд. Номи ман бар онҳо навишта ёфтанд ва ҳеҷ чиз аз онҳо гум нашуда буд. Дарҳол бархостам, онҳоро бикушудам ва чизҳои қиматбаҳоро ба ҳадьяи малик бардошта, бо ҷамъе аз аҳли киштӣ ба назди малик рафтем. Маликро огоҳ кардам, ин киштӣ ҳамон аст, ки ман дар он будам ва бизоати ман, ки дар киштӣ монда буд, бе нуқсон ба дасти ман омад ва ин ҳадья аз ҷумлаи он бизоат аст.

Малик аз ин сухан ҳайрон шуд ва ростии суханонам бар малик ошкор шуд ва чизи бисьёр дар муқобили ҳадья ба ман бахшид. Он гоҳ ҳар чӣ доштам, бифурӯхтам ва бизоати бисьёр аз матоъҳои он шаҳр бихаридам. Ҳангоме, ки ин бозургонон қасди сафар карданд, ман низ бизоати худро дар киштӣ ниҳодам ва ба назди малик рафта шукри эҳсони ӯро ба ҷо овардам. Пас аз он сафарро дастурӣ хостам. Малик рухсати сафар дод ва моли бисьёр ба ман бахшид.

видоъ гуфтем. Ман ба киштӣ даромадам ва бо изни худо сафар кардам.

Бахт созгор гашта, қазо ёрӣ кард, пас аз чанд рӯз ба саломат ба шаҳри Басра бирасидем. Замони андак дар он ҷо дам гирифтам ва аз наздик шудан ба шаҳри хеш шод будам.

Пас аз он ба сӯи Бағдод равон шудам. Чун ба Бағдод расидам, бизоати бепоён ва моли бисьёр бо худ доштам, аз киштӣ бадар омада, ба хонаи худ рафтам. Ҳамаи фарзандону пайвандон ва ёрони ман ҷамъ омаданд ва ба бақои ман шодмон шуданд. Пас аз он бандагону канизакон харида, ходимон ва ғуломон тартиб додам, хонақоҳ ва корвонсаройҳо ва боғҳои зиёдатар аз аввала сариштa кардам ва ба ишрату мувофақат бо дӯстон биншастам. Ҳамаи ранҷҳо ва машаққатҳо, ки дар ғурбат бурда будам, фаромӯш кардам, биму ҳарос, ки дар сафар рӯй дода буд, чумлагӣ аз хотири ман бирафт ва ба айшу нӯш ба сар мебурдам ва пайваста дар ин ҳолат будам.

Ин саргузашти сафари нахустини ман буд. Фардо ҳикояти сафари дуюм аз ҳафт сафар нақл хоҳам кард. Пас Синдбоди дарьёгард Синдбоди ҳаммолро зиёфат кард ва як сад мисқол зари сурх ба расми инъом ба ӯ бидод ва гуфт:

— Имрӯз моро бинавохтӣ ва бо сӯҳбати худ моро сарбаланд сохтӣ.

Синдбоди ҳаммол зарҳо гирифт ва ҳамду сано гӯён аз он ҷо бозгашт. Аз ин саргузашт ғояти тааҷҷуб дошт ва он шаб дар манзили худ бихуфт. Чун бомдод шуд, бархост ва ба хонаи Синдбоди дарьёгард биёмад. Чун дар назди ӯ ҳозир шуд, Синдбоди дарьёгард ӯро ҳурмат намуд ва ба худ наздиктар биншонд. Чун боқии ёрон ҳозир шуданд, хӯрданӣ ва нӯшиданӣ аз баҳри эшон биёварданд. Хӯрданӣ ва нӯшиданӣ бихӯрданд ва бинӯшиданд, эшонро тараб рӯй дод ва хушвақт шуданд. Он гоҳ Синдбоди дарьёгард ҳикоят гуфтан оғоз кард ва гуфт:

## САФАРИ ДУЮМ

— Эй бародарон, бидонед, ки ман ба он тарз, ки рӯзи гузашта аз барои шумо ҳикоят кардам, дар айш ва нишоти беандоза ба сар мебурдам ва дар ғояти хушвақтӣ будам, то ин ки рӯзе аз рӯзҳо ба хотирам гузашт, ки ба шаҳрҳои дигар сафар кунам ва шаҳрҳою ҷазираҳоро тамошо намоям ва маишат ҳосил кунам.

Он гоҳ омодаи сафар гашта, моли бисьёре берун оварда, бизоати некӯ ва шоиста харида барбастам ва ба соҳил омада, киштии бузурге, ки бодбонҳои ҳариру мардони далер ва аслиҳаи шоён дошт, пайдо кардам, маконе кироя карда, борҳо бар ӯ бинниҳодам ва бо ҷамъе аз бозургонон ба киштӣ нишаста ва ҳамон рӯз сафар кардем. Боди мурод вазидан гирифт. Аз дарьёе ба дарьёе ва аз ҷазирае ба ҷазирае мерафтем ва дар ҳар маконе, ки киштӣ нигоҳ медоштанд, бозургонон ва тавонгарон, фурӯшандагону харидорон пеш меомаданд. Мехаридем ва мефурӯхтем ва дар ин ҳолат ба сар мебурдем, то ин ки қазову қадар моро ба ҷазираи бузургтар бирасонид, ки дарахтони бисьёр, меваҳои обдор, шукуфаҳои алвон, мурғони хушилҳон ва чашмаҳои равон дошт, валекин дар он ҷо диёре набуд.

Пас нохудо дар он ҷо киштӣ бидошт. Бозургон ва аҳли киштӣ ба ҷазира даромаданд ва ба тамошо машғул шуданд. Ман низ бо касоне, ки аз киштӣ бадар омада буданд ба ҷазира фуромада, дар канори чашмаи соф нишаста, хӯрданӣ, ки ба худ доштам, бихӯрдам ва насими муаттар ба ман бивазид. Он гоҳ хоб маро даррабуд, ман роҳат ёфтам ва аз он насими хушбӯ ва накҳати некӯ лаззат бурдам.

Вақте ки бархостам, дар он макон аз инсон ва ҷинниён касе наёфтам ва аз киштию аҳли киштӣ осоре барҷой набуд. Ҳеҷ як аз бозургонон ва маллоҳон ёд аз ман накарда, маро дар ҷазира гузошта рафта буданд. Ман ба чапу рост нигоҳ карда, ҷуз худ касе

надидам, бисьёр ғамгин шудам ва наздик буд, ки заҳраам аз ғояти андӯҳ бишкофад ва бо ман чизе аз моли дунъё ва хӯрданӣ набуд. Танҳо дар он ҷазира бимондам ва аз зиндагӣ навмед шудам. Бо худ гуфтам: «Агар дар сафари нахустин касе ёфтам, ки маро ба ободӣ расонд, афсӯс ки ин бор касе пайдо намешавад, ки маро ба ободӣ расонад».

Пас аз он гирьён шудам ва ба хештан навҳа менамудам ва худро маломат мекардам ва аз сафари худ пушаймон будам, ки чаро чунон роҳат ва шодиро, ки дар шаҳри Бағдод доштам, бигузоштам ва дубора меҳнати сафар ва ғурбат интихоб кардам ва ҳол он ки маро ба чизе ҳоҷат набуд. Хуллас, он ранҷҳо ки дар сафари нахустин бурда будам, ба хотир оварда, аз берун омадан аз Бағдод ва сафар кардан дар дарьё пушаймон будам. Аз ғояти малолат монанди девонагон шудам.

Он гоҳ бархоста, дар ҷазира ба чапу рост мерафтам ва дар як ҷой нишастан наметавонистам. Ночор ба дарахти баланд баромадам ва аз он ҷо ба чапу рост назар мекардам, ҷуз обу осмон ва дарахтони ҷазира чизе намедидам. Чун нек назар кардам, дар ҷазира чизи сафеди бузурге дидам. Аз дарахт фуромада, ба он сӯ рафтам. Чун ба ӯ расидам, дидам, ки қуббаест гирд ва бузург, ба даври ӯ бигаштам, даре аз барои ӯ наёфтам. Бисьёр нарм ва лағжанда буд, ба фарози ӯ рафтан наметавонистам. Даври ӯро паймудам: панҷоҳ қадам буд. Дар фикри ҳилате будам, ки бар ӯ дохил шавам, ҳилате наёфтам. Дар ғояти ҳайрат ба ин сӯй ва он сӯй мегаштам, то ин ки офтоб аз чашми ман нопадид шуд ва ҳаво торик гашт. Гумон кардам, ки абр пеши офтоб гирифт, сар бардошта хуб назар кардам паррандаи бузургҷуссае дидам, ки дар ҳаво мепарид ва офтоб ба сабаби ӯ нопадид шуда аст. Аз он парранда басе дар аҷаб шудам. Он гоҳ маро ҳикояте ба хотир омад, ки дар замони гузашта аз сайёҳон ва мусофирон шунида будам, ки: «Дар порае аз ҷазираҳо паррандаи бузурге ҳаст ва онро Рух гӯянд, ки кӯдакони худро аз гӯшти фил тӯъма диҳад». Пас донистам, ки он қуббаи сафед тухме аз тухмҳои Рух



аст. Ман аз он парранда ва тухм дар аҷаб будам ва дар офаридаҳои парвардигор ба ҳайрат монда, худои таолоро ҳамду сано мегуфтам ва чашм бар он парранда доштам, ки ба сӯи он қубба фуруд омад ва ӯро ба зер бигирифт ва бихуфт. Дар он ҳангом ман бархоста, дастор аз сар бикушудам ва ӯро монанди таноб битобидам, саре аз ӯ ба миён баста, сари дигар ба пои он парранда маҳкам бастам ва бо худ гуфтам, ки шояд ин маро ба шаҳре ва ободие бирасонад, ба ҳар ҷо, ки барад, аз нишастан дар ин макон беҳтар хоҳад буд.

Пас он шаб бедор мондам, аз тарси он, ки мабодо бихобам ва он мурғ маро ғофил бардорад. Чун саҳар бидамид, мурғ аз рӯи тухм бархост ва бонге баланд зада, ба ҳаво парвоз кард ва маро низ баланд карда, чандон боло рафт, ки ман гумон кардам, парҳои ӯ ба осмон мерасад. Пас аз он фуруд омад ва маро фуруд овард, то ин ки маро ба макони баланд бирасонид. Ман чун хештанро бар рӯи замин дидам, ба суръат пеш рафта, худро бикушудам ва аз ӯ бисьёр хавф доштам. Лекин ӯ маро надид ва эҳсос накард. Чун дастор аз пои ӯ кушуда, халос ёфтам, ба каноре истода будам, ки он мурғ чизе ба чангол гирифта парид. Чун хуб дидам море буд бузург. Аз бузургии он мор ҳайрон мондам ва ба ҳайрат дар он макон бирафтам, худро бар ҷои баланд ёфтам, дар пои ӯ бодияи бузург ва фарохной буд ва дар паҳлуи бодия кӯҳе буд бисьёр баланд, ки кас қудрати боло рафтани он надошт.

Ман аз он пушаймон гашта, худро маломат кардам ки «ҷаро аз ҷазира бадар омадам, кош дар ҳамон ҷазира будам, ки хӯрданӣ дар он ҷо ёфт мешуд ва он ҷо хеле беҳтар аз ин макон буд. Субҳоноллo аз мусибате халос нагашта, ба меҳнати бузургтар ва сахттар аз он бияфтодам». Пас аз он ҷо бархоста, дил қавӣ дошта ва дар биёбон қадам ниҳода мерафтам, замини он биёбонро санги алмос ёфтам ва дар он биёбон морҳо буданд, ки ба дарахти хурмо монанд буданд ва он қадар бузург буданд, ки метавонистанд филро фурӯ баранд ва он морҳо аз бими Рух шабҳо

ошкор ва рӯзҳо пинҳон мешуданд ва Рухро одат ин буд, ки онҳоро мерабуд ва пора-пора мекард. Сабаби ин кор маълум набуд. Пас ман дар он биёбон мондам ва аз кардаи худ пушаймон будам ва ба худ мегуфтам: «Бадо ба ҳоли ман, ки дар ҳалоки хештан шитоб мекардам ва дар марги худ бикӯшидам». Пас дар он биёбон мерафтам ва ҷое, ки шаб дар он ҷо ба сар барам, намеёфтам. Бисьёр бим аз он морҳо доштам. Хӯрдан ва нӯшиданро фаромӯш карда, ба хештан машғул будам, ки ғоре дар он наздикӣ падид шуд, ба он сӯй рафта, даричае ёфтам. Аз дарича ба ғор даромадам. Дар он ҷо санге буд бузург, он сангро бичунбонида, дари ғорро бо санг гирифтам ва худ даруни ғор будам, бо худ гуфтам: «ҳамд худойро, ки ба ин макон омада, эмин шудам. Чун офтоб барояд, берун рафта мунтазири лутфи илоҳӣ шавам». Пас аз он ба ғор нигоҳ карда, море бузург дидам, ки дар буни ғор бар рӯи тухми худ хобида, тани ман ба ларза даромад, кори худ ба қазо ва қадар супурдам.

Чун субҳ бидамид, сангро аз дари ғор ба як сӯ ниҳодам ва берун омадам, вале аз ғояти бим монанди маст мадҳуш будам ва дар он бодия ҳайрон ҳамерафтам, ки ногоҳ лошаи бузурге афтода дидам ва дар он ҷо касеро наёфтам, ба фикр афтодам ва ҳикоятеро, ки аз бозургонон ва сайёҳон шунида будам, ба хотир овардам, ки «дар кӯҳи алмос хатарҳои бузург аст, лекин касе ба он ҷо натавонад рафт, валекин бозургонон чун хоҳанд санги алмос падид оваранд, ҳилате созанд ва гӯсфандеро кушта пӯст аз вай бардоранд ва гӯшти ӯро парча-парча кунанд ва аз он кӯҳ ба бодия барандозанд. Пас порчаҳои гӯшти гӯсфанд ба сангҳои алмос бияфтад, сангҳо ба ӯ бичаспанд, он гоҳ паррандагон аз Рух ва каргас ба он лоша бинишинанд ва онро ба чангол гирифта ба болои кӯҳ бароянд, дарҳол бозургонон ба сӯи паррандагон омада бонг бар онҳо зананд ва паррандагон аз он лоша дур шаванд, он гоҳ сангҳои алмосро, ки бар он лошаҳо часпидаанд, барчинанд ва ба шаҳрҳои хештан бибаранд, ҳеҷ кас ба санги алмос натавонад расид магар бо ин ҳилат».

Синдбоди дарьёгард тамомати он чӣ дар кӯхи алмос дида буд, ба ёрони худ ҳикоят кард. Пас аз он гуфт: Чун лоша бидидам ва ҳикоят ба хотир овардам, бархоста, ба назди лоша биёмадам ва аз сангҳои алмос он чӣ метавонистам, ҷамъ овардам ва дар миёнаи ҷомаю ҷайб ва остину бағали худ бигузоштам, то ин ки санги бисьёр гирд овардам. Он гоҳ дидам, ки як лошаи бузург аз болои кӯҳ ба зер афтода, ман пеши лоша рафтам ва худро ба дастор бар он лоша бастам ва бар пушт хобида, ӯро ба сина гирифтам ва дар он асно каргасе бар он лоша фуруд омад, ӯро ба чангол гирифт ва ба ҳаво баланд кард. Ман низ бар ӯ овехта будам ва он каргас ҳамепарид ва маро бо лоша ҳамебурд, то ин ки ба болои кӯҳ баромад ва лошаро ба замин ниҳод ва қасд кард, ки лошаро аз ҳам бидаррад ва бихӯрад.

Ногоҳ овози баланд аз пушти кӯҳ баромад. Каргас бирамид ва ба ҳаво бипарид. Ман хештанро аз лоша бикушудам ва ҷомаи ман ба хуни ӯ олуда буд. Пас дар паҳлуи лоша биистодам. Дарҳол бозургоне, ки бонг бар каргас зада буд, ба сӯи лоша омад, маро дар он ҷо истода дид, битарсид ва ба ман ҳеҷ нагуфт. Ба назди лоша омад, ӯро ба ин сӯ ва он сӯ кард ва аз сангҳои алмос чизе ба он часпида наёфт. Фарьёд бароварда гуфт:

— Во ҳасрато, ин чӣ ҳолат аст?

Он гоҳ ман пеш рафтам. Ба ман гуфт:

— Ту кистӣ ва ба ин макон аз баҳри чӣ омадаӣ?

Ман ба ӯ гуфтам:

— Бим мадор ва ҳарос макун, ки ман аз беҳтарини инсонам ва бозургон будам. Маро ҳикоятест аҷибу қиссаест ғариб ва сабаби омадани ман ба ин макон турфа ҳикояте дорад. Ту ғамгин мабош, ки бо ман басе санги алмос аст. Чизе, ки туро кофӣ бошад, ба ту хоҳам дод. Сангҳое, ки бо мананд ҳар як беҳтар аз тамомати он сангҳост, ки ба ин лоша часпида.

Пас дар он ҳангом бозургон ором гирифта, маро дуо гуфт ва шукр ба ҷо оварد ва ба ман дар гуфтугӯ шуд.

Бозургононе, ки ҳар як аз эшон лошае андохта буданд, овози ман ва ӯро бишуниданд ва ба сӯи мо биёмаданд, моро салом доданд ва саломати моро муборакбод гуфтанд. Ман низ тамомати қиссаи худро ба эшон гуфтам ва ранҷе, ки дар сафар бурда будам, барояшон нақл кардам ва сабаби расидани худро ба он макон баён кардам.

Пас аз он ба соҳиби лоша, ки бар ӯ овехта будам, чизе аз он сангҳо, ки бо худ доштам, бидодам, ӯ хушвақт шуд ва маро дуо гуфт.

Бозургонон ба ман гуфтанд: «Ба худо савганд, ки туро умри тоза додаанд, вагарна ҳеҷ кас пеш аз ту ба ин макон нарасид».

Пас он шабро дар макони хуб ва амн бихуфтанд, ман низ бо эшон бихуфтам ва аз ин ки аз водияи морҳо халосӣ ёфта, ба ободӣ расида будам, шодон ва хурсанд шудам.

Чун рӯз шуд, бархоста, дар он кӯҳи бузург ҳамерафтем ва морҳои бисьёр дар он ҷо медидем, то он ки ба ҷазирае даромадем, дар он ҷо дарахтони кофур буданд ва бузургии ҳар дарахт ба қадре буд, ки сад нафар дар сояи ӯ менишастанд ва агар касе мехост аз кофури он ҷамъ оварад, аз болои дарахт ба сихи баланд сӯрох мекард ва он гоҳ кофур аз он равон мешуд ва самғ[1] мегашт. Пас аз он, он дарахт хушк гашта ҳезум мешуд. Дар он ҷазира навъе аз ваҳшиён буданд, ки онҳоро каркадан мегуфтанд, онҳо дар ҷазира монанди говмеш мечариданд. Он ҷонварон аз уштур бузург буда, як шохи миёни сар доштанд, ки дарозии он даҳ заръ буд.

Аз як гурӯҳи сайёҳон ва мусофирон шунида будам, ки ҳамон каркадан фили бузургро ба шох бардорад ва дар ҷазираю соҳилҳо мегардад ва фил бар шохи ӯ мурда, равғани фил аз гармии офтоб ба чашмони ӯ мерезад, дарҳол нобино мешавад. Он гоҳ мурғи Рух омада, ӯро ба чангол гирад ва ӯро бо лошаи фил, ки бар шох дорад, аз баҳри авлодаш тӯъма ба-

---

[1] Самғ гаштан — шах шудан.

рад ва дар он ҷазира як навъ говмеш буд, ки дар назари мо назири он ба ҳам намерасад. Ман қисме аз сангҳое, ки барчида будам ба бозургонон фурӯхтам. Аз онҳо динору дирам ва бизоати тиҷорат гирифтам ва бо эшон сафар кардам. Дар ҳама ҷо хариду фурӯш мекардем, то ин ки ба шаҳри Басра расидем ва чанд рӯз дар он ҷо монда, пас аз он ба шаҳри Бағдод омадам.

Синдбоди дарьёгард ба ҳозирон гуфт: чун аз сафар бозгаштам ва ба шаҳри Бағдод расидам, ба хонаи худ даромада, бисьёр санги алмосу матоъҳои қиматбаҳо ва бизоати нафиса бо худ овардам.

Аёлу пайвандони ман бар ман гирд омаданд. Ба мискинон садақа, ба ёрон тӯҳфаҳо додам ва ба бузургон ҳадья фиристодам. Пас аз он хӯрданиҳои лазиз мехӯрдам ва нӯшиданиҳои хуш менӯшидам ва ҳар кас, ки аз сафар бозгаштани маро мешунид ба назди ман меомад ва аз ҳоли сафар ва чигунагии шаҳрҳо савол мекард. Ман ба вай аҷоиботе, ки дида будам, баён мекардам ва ранҷҳое, ки кашида будам, боз менамудам. Мардум аз хабарҳои ман тааҷҷуб мекарданд ва ҳайрон мемонданд. Пас аз он Синдбод гуфт: Фардо ҳикоятҳои сафари сеюм аз барои шумо нақл хоҳам кард.

Пас, чун Синдбод ҳикояти сафари дуюм ба ёрон нақл кард, шом бихӯрданд ва Синдбоди дарьёгард сад мисқол зари сурх ба Синдбоди ҳаммол дод, Синдбод зарҳоро гирифта, ӯро дуо гуфт ва шукри эҳсон ба ҷо оварда, роҳи худ пеш гирифту рафт. Он шабро ба хуррамию шодӣ ба рӯз овард.

Чун Бомдод шуд, роҳи худ пеш гирифт ва аз рӯи даъват ба хонаи Синдбоди дарьёгард биёмад, салом кард, бо ӯ бинишаст, то ин ки боқӣ ёрон ҷамъ шуданд.

Он гоҳ Синдбоди дарьёгард сухан оғоз кард ва ба ҳикояти сафари сеюм забон кушуд.

## САФАРИ СЕЮМ

Эй ёрон, ҳикояти сафари сеюм бишнавед, ки аз ҳикояти сафарҳои гузашта хуштар ва аҷоибтар аст ва он ин аст, ки чун ман аз сафари дуюм бозгаштам, дар ғояти тарабу шодӣ умр ба сар мебурдам. Дер гоҳе дар Бағдод бо суруру нишот бо ёрону дӯстон бимондам.

Пас аз он судҳои сафар ба хотир оварда, муштоқӣ сафар шудам ва ба тамошои шаҳрҳою дарьёҳо ва ҷамъ кардани зару сим моил гаштам.

Бизоати бисьёр ва матоъҳои муносиби сафари дарьёро харида, аз шаҳри Бағдод ба Басра сафар кардам ва аз он ҷо ба соҳил омада, киштии бузурге дидам, ки дар вай бозургони маъруф ва аҳли хайр буданд. Бо эшон ба киштӣ нишаста, сафар кардем.

Аз дарьё ба дарьёе ва аз ҷазира ба ҷазирае равон будем ва аз ҳар макон, ки гузаштем, хариду фурӯш ва тамошо мекардем ва дар ғояти хушвақтӣ ва сурур будем, то ин ки рӯзе аз рӯзҳо дар миёни мавҷҳои дарьё киштӣ ҳамеронде ва нохудо дар канори киштӣ истода, ба атрофи дарьё назора мекард.

Ногоҳ нохудо тапонча бар рӯи худ бизаду бодбони киштиро фурӯ печид. Риши худ барканду ҷома бар тан бидарид ва фарьёде баланд баркашид.

Мо гуфтем:

— Эй нохудо, чӣ хабар дорӣ ва ин корҳо аз баҳри чист?

Нохудо гуфт:

— Эй сокинони киштӣ! Бидонед, ки боди мухолиф бар мо вазида ва моро аз роҳи офият дур карда ва қадар моро ба кӯҳи бӯзинагон бикашонид. Ҳеҷ кас ба ин макон нарасидааст, ки солим тавонад рафт, чунон медонам, ки ҳамагӣ ҳалок хоҳем шуд. Ҳанӯз сухани нохудо ба анҷом нарасида буд, ки бӯзинагон ҳозир омаданд ва даври киштӣ бигирифтанд. Онҳо монанди мӯру малах дар киштӣ ва атрофи киштӣ па-

роканда шуданд. Мо аз задан ва рондани онҳо ҳарос кардем, ки мабодо ба сабаби анбӯҳие, ки доштанд, моро бикушанд, барои он ки шумораи зиёд ба шуҷоат ғолиб аст ва мо дар бим бимондем.

Онҳо қабеҳтарини вахшиён буданд. Чашмони зарду рӯйҳон сиёҳ ва ёле монанди шерон доштанд. Ҳар яке аз эшонро комат чор ваҷаб буд. Онҳо ба танобҳои киштӣ боло рафтанду бо дандон танобҳоро бибуриданд. Чун аз ҳар сӯ танобҳои киштӣ бурида шуд, киштиро бод ба сӯи бӯзинагон бурд. Бӯзинагон ҳамаи бозургононро бигирифтанд ва ба сӯи ҷазира бурданд. Он гоҳ киштиро бо бизоати он бардошта рафтанд, то ин ки киштӣ аз назари мо нопадид шуд ва надонистем, ки ба куҷо рафтанд ва киштиро ба куҷо бурданд.

Пас мо дар он ҷазира монда, аз меваҳои он ҷо мехӯрдем ва аз чашмаҳои он менӯшидем, ки ногоҳ дар миёни ҷазира хонаи обод падид шуд, қасди он хона карда, ба он сӯ бирафтем.

Дидем, ки қасрест баландҳисор ва даре дорад аз чӯби обнӯс. Ба қаср даромадем, дар атрофи қаср дарҳои бисьёр ва дар садри ӯ даҳлези бисьёр баланде ёфтем ва дегҳои таом ба дегдонҳо гузошта ва устухони бисьёр дар канори дегдонҳо рехта дидем. Вале дар он қаср касе набуд, моро ин кор аҷаб омад ва дар қаср андаке бинишастем, ки ногоҳ замин биларзид ва овозе аз ҳаво бишунидем, дар он соат махлуки бузургҷусса, сиёҳрӯю баландқомат ба сурати инсон падид шуд, ки ду чашм чун ду шӯълаи оташ ва дандон монанди дандони хук, даҳон чун чоҳ ва лабоне монанди лабони шутур дошт ва гӯшҳои паҳну дарозаш то камар овехта буданд ва дандону нохунаш монанди дандону нохуни даррандагон буданд. Чун ӯро ба он ҳолат бидидем, тарси мо афзун гашт ва аз шиддати хавфу бим ба ҳолати мурдагон будем.

Чун он шахсро ба он сурати ҳавлнок бидидем бисьёр тарсидем. Чун он шахс ба замин фуруд омад, андаке дар даҳлез бинишаст. Пас аз он бархосту ба назди мо биёмад ва дасти моро бигрифту аз замин бардошт, ин сӯ ва он сӯ мекард ба он тарз, ки қассоб гӯсфандро имтиҳон кунад.



Моро аз бисьёрии андӯҳу меҳнат, ки бурда будам ва аз ҳасрати ранҷу машаққате, ки кашида будам, ҳаробу низор ёфт ва дар ман асаре аз гӯшт надид. Боз дигареро аз ёрони ман бигирифт. Пас аз имтиҳон ӯро низ раҳо кард.

Пас яке-яке имтиҳон мекард, то ин ки ба ноҳудои киштӣ бирасид, ӯро биписандиду монанди қассоб бар замин биандохт ва гарданашро бишкаст. Он гоҳ сихе баланд ҳозир овард ва бар ҳалқуми ӯ фурӯ бурд, чандон, ки аз ӯ берун рафт. Пас аз он оташи сахт биафрӯхт ва сих бар он бидошт ва дар рӯи оташ ҳамегардонид, то ин ки гӯшти ноҳудо пухта ва бирьён шуд. Он гоҳ сих аз оташ бигирифт ва дар пеши худ бигузошт ва бо нохунҳои хештан гӯшти ӯро меканду мехӯрд, то ин ки тамомати гӯшт бихӯрд ва устухонҳоро бимакиду дар паҳлуи қаср бияндохт ва соате бинишаст. Пас аз он дар хона бихуфт ва монанди гӯсфанди кушта нафир мезад, то бомдод ба ҳамин сон хуфта буд. Пагоҳӣ ба роҳи худ рафт. Чун аз мо дур шуд, мо ба якдигар сухан гуфтем:

— Қошкӣ дар дарьё ғарқ мешудем ва ё бӯзинагон моро мехӯрданд ва беҳтар аз ин мебуд, ки бар оташ бирьён мебудем, ки ин гуна марг пасттарини маргҳост.

Пас аз он бархоста, аз қаср ба ҷазира шудем, ки макone барои пинҳон шудан ва роҳе барои гурехтан ёбем. Ҳангоми шом дар расид, аз ғояти бим ба сӯи қаср бозгаштем ва андаке бинишастем, ки замин ларзиду ҳамон шахс биёмад ва моро яке-яке чун бори аввалӣ имтиҳон кард ва мулоҳиза намуд, то ин ки якеро аз мо биписандид ва чунон кард, ки ба ноҳудои киштӣ карда буд. Пас аз он дар хона бихуфт.

Чун бомдод баромад, ба одати расмӣ бархоста, ба роҳи худ рафт ва мо ба як ҷамъ шудем, онгоҳ яке аз мо гуфт:

— Бояд аз барои ӯ ҳилае карда, ӯро бикушем, то аз зарари ӯ осуда шавем. Ман гуфтам:

— Эй ёрон, агар аз куштани ӯ ногузир ҳастед, ин тахтаҳо бигирем ва пораи ҳезум ҷамъ оварда, чизе ба монанди киштӣ бисозем. Пас ягон ҳила карда ӯро

бикушем, бар рӯи киштӣ нишаста, дар дарьё ба ҳар чое ки худо хоста бошад, биравем ва ё ин ки дар ин макон бинишинем, то киштӣ бар мо бигзарад ва мо бар он киштӣ бинишинем. Ҳама гуфтанд:

— Ба худо савганд, ин фикри дуруст аст.

Пас ҳамагӣ бархоста, тахтаҳоро ба хоричи қаср биёвардем ва онҳоро ба сурати киштӣ бисохтему дар канори дарьё гузошта, порае тӯша дар он чамъ овардему ба қаср бозгаштем. Чун ҳангоми шом шуд, замин биларзид, сиёҳ даромад, яке-яке моро имтиҳон карда, якеро бигирифт ва чунон кард, ки нахуст карда буд.

Чун дар хона бихуфт, мо бархостем ва ду сихи оҳанин ба оташ бигузоштем, чандон, ки афрӯхта шуданд. Онгоҳ он ду сихро гирифта, ба сӯи он сиёҳ биёмадем. Пас сихҳоро бар чашми ӯ бигузоштем ва бо қуввати тамом ба чашмони ӯ фурӯ бурдем. Он гоҳ фарьёди баланд зад, ки наздик шуд заҳраи мо бишикофад ва аз чои хоб бархоста, моро чустучӯ мекард. Мо ба чапу рост мегурехтем. Чун нобино шуда буд, моро намедид. Вале сахт тарсидем ва ноумед будем. Пас дар он ҳангом қасди дари қаср карда, чун дар надид овард, берун рафта фарьёд ҳамезад. Мо низ аз қаср берун рафтем. Дидем, ки он сиёҳ бо чуфти худ, ки аз вай бузургтар буд, бозгашта ҳамеоянд. Чун ӯро бо чуфташ бидидем, ҳарос бар мо ғалаба карда, аз хавф ба ҳалокат наздиктар шудем. Дарҳол бо суръат ба сӯи он сурати киштӣ биёмадем ва бар ӯ нишаста, ӯро ба дарьё афгандем, он сиёҳ ва чуфташ сангҳо бар мо меандохтанд, то ин ки чуз се тан ҳамаи моро бо санг бикуштанд ва бар рӯи он сурат чуз ман ва ду нафар дигар касе намонд. Он киштӣ моро ба чазирае расонд ва дар он чазира то охири рӯз гаштем. Чун шаб даромад, дар ҳамон чазира андаке бихуфтем, чун бедор шудем, аждаҳои бузургчуссае дидем, ки моро иҳота карда, қасди фурӯ бурдани мо дорад. Пас якеро аз мо фурӯ бурд ва аз паи кори худ бирафт. Ман бо рафиқи худ ғамгин шудем ва битарсидему гуфтем: «Ба худо савганд, ин марг бадтар ва пасттар аз марги нахустин аст. Мо хушвақт шуда будем, ки

аз дасти сиёҳ халос шуда ва аз ғарқ шудан наҷот ёфтаем, вале чӣ суд, ки аз ин аждаҳои шум халос нахоҳем шуд».

Пас аз он бархоста, ба ҷазира бирафтем ва аз обу меваи он бинӯшидем ва бихӯрдем. Чун ҳангоми шом шуд, ба дарахти баланд баромадем ва ба шохҳои баландтари ӯ бирасидем ва дар он ҷо бихуфтем. Чун шаб торик шуд, аждаҳо омад ва ба чапу рост нигоҳ карда, моро бар он дарахт эҳсос намуда, ба сӯи мо биёмад ва ба дарахт баромад. Чун ба рафиқи ман бирасид, ӯро фурӯ бурд ва ман бо чашм медидам. Пас аз он аз дарахт ба зер рафт ва роҳи хеш дар пеш гирифт ва ман боқии он шабро ба меҳнат ва малолат бар фарози дарахт ба сар бурдам. Чун рӯз шуд, ман аз дарахт ба зер омадам ва аз ғояти биму ҳарос мурдаи беҷон будам ва ҳамехостам худро ба дарьё афканда аз меҳнатҳои рӯзгор осуда шавам, вале аз ҷон гузаштан душвор буд. Ночор чӯби баланду паҳнеро ба пои худ баста, чӯберо ба паҳлуи чап ва як чӯби дигарро ба паҳлуи рост, дигареро бар шикам ва як чӯби дигарро бар сар ба он сон, ки пойҳои худро баста будам, бибастам ва дар миёни он чӯбҳо бихуфтам ва он чӯбҳо маро иҳота карда буданд. Чун шаб тира гашт, ҳамон аждаҳо бар одати маълум биёмад ва ба сӯи ман бингарист ва қасд кард, ки маро фурӯ барад, чӯбҳо аз ҳар тараф монеи аждаҳо буданд. Аждаҳо ба даври ман мегашт, вале ба ман наметавонист расад ва ман аз ғояти хавфу бим чун мурда афтода будам ва аждаҳо аз ман дур мешуд ва дубора ба сӯи ман бозмегашт ва ҳар гоҳ мехост, ки маро фурӯ барад, он чӯбҳо, ки аз чор сӯ ба худ баста будам, монеъ буданд ва то дамидани субҳ аждаҳоро кор бо ман ҳамин буд.

Чун рӯз шуд, аждаҳо дар ғояти хашм аз ман бозгашт ва ба роҳи худ бирафт.

Ман дарҳол даст дароз карда, он чӯбҳоро аз худ бикушудам. Азбаски ранҷу машаққати зиёд аз он аждаҳо бурда будам, ба мурдагон монанд шудам.

Пас аз он бархоста, дар ҷазира рафтам, то ба поёни ҷазира бирасидам. Маро дар миёни дарьё ба кишт-

тӣ назар афтод. Он гоҳ шохи бузурге аз дарахт баршикастам ва бо он шох ба сӯи аҳли киштӣ ишорат карда, бонг бар эшон бизадам. Чун маро диданд, киштиро ба сӯи ман ронданд. Ба ман наздик шуда, овози маро бишниданд.

Пас аз он пеш омада, маро бигирифтанд ва ба киштӣ наҳоданд ва аз ҳолати ман ҷӯён шуданд, ман тамомати моҷаро бозгуфтам ва ранҷҳо, ки бурда будам, нақл кардам, басе тааҷҷуб карданд ва ҳайрон монданд.

Он гоҳ ҷома ба ман пӯшонда, хӯрданӣ пеши ман оварданд, ман ба қадри кифоя хӯрдам ва оби хунуку ширин бинӯшидам, равони ман роҳат ёфт ва аз ин ки худо маро пас аз марг зинда карда буд, шодии бузург ба ман рӯй дод. Ҳамди худоро ба ҷо овардам ва неъматҳои ӯро шукр гуфтам, бо ёрони киштӣ ҳамерафтам ва боди мурод ҳамевазид, то ин ки ба ҷазирае, ки онро ҷазираи Салоҳита гӯянд, расидем, киштиро дар баробари он ҷазира бидоштанд. Ҳама бозургонон ва сокинони киштӣ ба ҷазира баромаданд, бизоатҳои хештанро барои хариду фурӯш берун оварданд. Он гоҳ соҳиби киштӣ рӯ ба ман кард ва гуфт:

— Ту марде ҳастӣ ғариб ва бечиз ва чунончи худ баён кардӣ, бисьёр хатарҳо дидаӣ ва басе ранҷҳо бурдаӣ, қасди ман ин аст, ки суде ба ту расонам, ки ба сабаби он ба шаҳри хештан бирасӣ ва маро дуо гӯӣ.

Ман гуфтам:

— Оре, пайваста эҳсони туро дуо хоҳам гуфт.

Пас соҳиби киштӣ гуфт, касе бо мо дар киштӣ мусофир буд ва аз мо нопадид шуд. Акнун намедонам зиндааст ё мурда? Қасди ман ин аст, ки қисме аз бизоатҳои ӯ ба ту бидиҳам, ки дар ин ҷазира бифурӯшӣ ва ман туро дар ивази ранҷат музд диҳам, бокиашро гирифта, нигоҳ дорам. Чун ба Бағдод бирасам, аз пайвандони ӯ ҷӯё гашта, мол ба онҳо бисупорам. Оё ту метавонӣ, ки ин кор бикунӣ? Бизоатҳои ӯро монанди бозургонон бифурӯшӣ ё на? Гуфтам:

— Ё ҷаноб! Фармони туро итоат кунам ва миннат барам.

Пас дар он ҳангом маллоҳонро амр кард, ки аз он бизоат ба ҷазира оварда, ба ман таслим кунанд. Он гоҳ нависандаи киштӣ гуфт:

— Эй раис, ин бизоатҳо, ки берун оварданд, аз кист ва ба номи кӣ нависам?

Раиси киштӣ гуфт:

— Ба номи Синдбоди дарьёгард бинавис, ки бо мо буд ва дар ҷазира ғарқ шуд ва аз ӯ хабаре бознаёмад. Акнун ҳамехоҳам, ки ин ғариб бизоатҳои ӯро бифурӯшад, то чизе ба ӯ музд диҳем ва боқии мол бардошта, ба Бағдод барем. Агар Синдбодро ёфтем, ба худаш рад кунем, агар наёфтем, ба ворисони ӯ бирасонем.

Чун ман аз раис шунида будам, ки ба нависанда гуфт: «Бизоатҳо ба номи Синдбоди дарьёгард бинавис» ба худ гуфтам: «Синдбоди дарьёгард манам ва ман дар ҷазира ғарқ шуда будам». Пас ман сабр кардам, то ин ки бозургонон аз киштӣ бадар шуданд ва ба як ҷо ҷамъ шуда ҳикоят мекарданд ва дар бораи хариду фурӯш гуфтугӯ менамуданд. Дарҳол ман пеш рафта, ба соҳиби киштӣ гуфтам.

— Эй раис, оё соҳиби ин бизоатро мешиносӣ ё на?

Соҳиби киштӣ гуфт:

— Не валло, ҳоли ӯро надонам, ғайр аз ин, ки марде буд аз Бағдод, ки Синдбоди дарьёгард ном дошт. Рӯзе мо киштӣ ба ҷазира бидоштем, Синдбоди дарьёгард дар он ҷо нопадид шуд ва то имрӯз хабаре аз ӯ надониста. Пас дар он ҳангом ман фарьёде баланд бароварда гуфтам:

— Эй раис, бидон, ки ман Синдбоди дарьёгардам. Ғарқ нашуда будам, валекин вақте ки киштӣ бар он ҷазира бидоштем ва бозургонон ба ҷазира даромаданд, ман низ бо гурӯҳи мардум берун омадам ва дар ҷазира сайр мекардам ва дар канори чашмае, ки дар он ҷо буд, нишаста хӯрданӣ бихӯрдам ва аз ҳавои он макон лаззат бурдам, хоб маро даррабуд.

Вақте ки бедор гаштам, аз киштӣ ва сокинони он асаре наёфтам ва ин бизоат аз они ман аст. Бозургононе, ки дар кӯҳи алмос санги алмос бармечиданд,

маро дидаанд ва гувоҳӣ медиҳанд, ки ман Синдбоди дарьёгардам, аз он ки ман қиссаи худро ба эшон гуфтаам, ба ин сон, ки ба шумо гуфтам ва эшонро хабар додам аз ин ки ман хуфта будам, ёрон маро фаромӯш карданд, чун бедор шудам, аз киштӣ ва сокинони киштӣ асаре наёфтам.

Пас, чун бозургонон сухани ман бишуниданд бар ман гирд омаданд, қисме аз эшон маро тасдиқ карда ва қисме такзиб кард. Дар он ҳолат бозургоне аз бозургонон шунид, ки ман номи кӯҳи алмос бурдам ва ҳикояти он ҷоро баён кардам, бархоста, ба пеши ман омад ва бозургононро гуфт:

— Эй ҷамоат, ба хотир доред, ки ман вақте аҷоиби сафари худро ба шумо баён мекардам, гуфтам, ки ман чун ба одати маълум лошаи гӯсфанд ба бодияи алмос андохтам, марде ба лошаи ман овехта, ба фарози кӯҳ биёмад. Шумо сухани маро бовар накардед.

Бозургонон гуфтанд:

— Бале, ту ин ҳикоят ба мо карда будӣ, вале мо туро тасдиқ накардем.

Пас он бозургон гуфт:

— Ин ҳамон мард аст, ки ба лошаи гӯсфанди ман овехта буд ва сангҳои алмоси гаронбаҳоро ба ман ато кард, ки монандашон ёфт намешавад ва бо ҳамин мард то ба шаҳри Басра дар киштӣ рафиқ будем.

Чун ба он ҷо расидем, ин мард маро видоъ карда, ба сӯи шаҳри худ рафт ва мо низ ба сӯи шаҳри худ бирафтем. Мана ин Синдбоди дарьёгард аст ва моро аз ин хабар дода буд, ки ӯ дар ҷазира хуфта ва ёронаш ӯро фаромӯш карда рафта буданд. Эй ёрон, бидонед, ки ин мард ба ин ҷо наёмад магар ин, ки ростии суханоне, ки ман ба шумо гуфта будам, ошкор шавад ва ин бизоатҳо моли ӯст. Ӯ, вақте ки бо мо ҷамъ омада буд, ин моҷаро ба мо боз гуфта буд. Акнун ростии суханаш зоҳир шуд.

Пас, чун соҳиби киштӣ сухани бозургонро бишунид, бархоста, ба назди ман омад ва дер соате дар ман ба таҳқиқ назар карда, он гоҳ гуфт:

— Нишони бизоатҳои ту чист?

Ман аломати бизоати худ боз намудам ва кор-

хое, ки дар киштӣ миёни ман ва ӯ рӯй дода буданд, як-як аз баҳри ӯ бишумурдам.

Он гоҳ чун яқин донист, ки ман Синдбоди дарьёгардам, маро дар оғӯш гирифт ва ба ман гуфт:

— Эй бародар, ба худо савганд кори ту аҷиб ва ҳикояти ту ғариб аст, валекин шукр худоро, ки миёни мову ту ҷамъ овард, то бизоати туро ба тӯ рад кунам.

Пас дар он соат ман бизоати худро тасарруф кардам ва дар он сафар бизоати ман суди бисьёр ва маро хушвақтии зиёд падид омад ва ба саломатии хештан ва радди бизоат шукр мегуфтам ва ҳамвора дар ҷазираҳо хариду фурӯш мекардем, то ба билоди Синд бирасидем ва дар дарьё аз аҷиб ва ғариб чандон дидам, ки дар шумор наёяд.

Аз ҷумлаи чизҳои аҷиб, ки дидам, моҳие буд ба сурати гов ва моҳии дигар дидам ба сурати хар ва паррандае дидам, ки аз даруни об бадар меомад ва дар рӯи об тухм гузошта, чӯҷа мебаровард ва ҳаргиз аз об бар рӯи замин намерафт.

Пас аз он ба изни худои таоло сафар кардам ва бод ба мо некӯ шуд ва сафари мо ба муборакӣ гузашт, то ин ки ба Басра бирасидем. Чанд рӯз дар он ҷо бимондем. Пас аз он ба сӯи шаҳри Бағдод биёмадем. Чун ба Бағдод расидем, ба хонаи худ даромадам ва ба ёрону дӯстон салом додам ва ба саломати худ ва бозгаштан ба ватан хушвақт шудам.

Он гоҳ садақа додам ва ба ятимон ва бевазанон бипӯшонидам ба хешону пайвандон мол бахшидам ва ҳадьяҳо фиристодам. Ба хӯрдану нӯшидан ва айшу нишот машғул шудам. Айшу нишот ранҷҳои сахтеро, ки ба ман рӯй дода буд, аз ёди ман бибурд ва дар ин сафар суди зиёд карда будам, ки бо сарф кардан тамом намешуд. Ин ҳикоятро ки гуфтам, аз аҷоиби ҳикоятҳои ин сафар буд. Фардо ба сӯи ман оед, то ҳикояти сафари чорумро аз баҳри шумо боз гӯям, ки ӯ аҷибтар аз сафарҳои пешин аст.

Пас аз он Синдбоди дарьёгард сад мисқол зари сиккадорро ба одати маълум ба Синдбоди ҳаммол бидод. Дастархонҳо паҳн карда, хӯрданӣ бихӯрданд ва аз он маҷлис бозгаштанд, вале аз он ҳикоят басе дар

ачаб буданд. Синдбоди ҳаммол низ зарҳоро гирифта, дар ғояти хушвақтӣ ва шукуфтагӣ ба роҳи худ рафт ва он шабро дар хонаи худ ба рӯз овард.

Чун бомдод шуд, бархоста, намоз ба чо овард ва ба сӯи Синдбоди дарьёгард равон шуд. Чун ба назди ӯ даромад, саломаш гуфт, Синдбод бо чабини кушода чавоб дод ва ҳаммолро дар назди худ бинишонд, то ин ки боқии ёрон ҳозир омаданд.

Чун хӯрданӣ бихӯрданд, Синдбоди дарьёгард сухан гуфтан оғоз кард ва ба ҳикояти сафари чорум забон кушуд.

## САФАРИ ЧОРУМ

— Эй ёрон, бидонед, ки ман чун ба шаҳри Бағдод бозгаштам ва бо ёрону дӯстони худ чамъ омадам ва шодии бузургу роҳати беандоза ёфтам ва меҳнатҳое, ки ба ман рафта буд, фаромӯш кардам ва дергоҳе ба айшу нӯш ба сар мебурдам, то ин ки рӯзе аз рӯзҳо нафси нопок ба ман васвасаи сафар кард, ба сӯҳбати ҳамчинсон ва ба хариду фурӯш орзуманд гаштам. Азимати маҳкам карда, бизоати гаронбаҳо, ки муносиби дарьё бошад, афзунтар аз ҳар бор харидам. Бор бастам аз Бағдод ба Басра рафтам ва борҳои худро ба киштӣ бигузоштам ва бо чамъе аз бузургони бозургонони Басра бар киштӣ бинишастем ва киштӣ дар амони худои таоло равон шуд ва чанд шабонарӯз ба хушвақтӣ сафар кардем ва бодҳои мувофиқ вазидан гирифт, аз чазирае ба чазирае ва аз дарьёе ба дарьёе ҳамегузаштем, то ин ки рӯзе аз рӯзҳо боди мухолиф бар мо бивазид. Ноходо лангарҳои киштӣ бияндохт ва киштиро дар миёни дарьё бидошт ва мо ба сӯи парвардигор тазарруъ ва зорӣ мекардем ва аз даргоҳи ҳазрати илоҳӣ начот металабидем, ки ногоҳ боди сахту тунд баромад. Бодбони киштӣ бидарид ва киштиро дар ҳам шикаст. Сокинони киштӣ бо бизоатҳояшон ғарқ шуданд. Ман низ аз ғарқшудагон будам. То нимаи рӯз шино кардам.

Он гоҳ иноятн парвардигор маро ихота карда ва тахтаи чӯбин аз тахтаҳои киштӣ пеши ман омад, бо ҷамъе аз бозургонон, ки дар рӯи об шино мекардем, ба он тахта бинишастем ва паҳлуи якдигар ҷамъ омада, бо пайҳои хеш оби дарьё мебуридем ва мавҷҳою бодҳо моро ёрӣ ҳамекарданд, то ин ки об моро ба ҷавирае андохт ва мо аз ғояти бедорӣ ва ранҷе, ки кашида будем ва аз бисьёрии гуруснагӣ ва бим, ки доштем, ба мурдагон монанд будем.

Пас бо ҳамон ҳолат бархоста, дар атрофи ҷазира бирафтем, гиёҳони бисьёре дар он ҷо ёфтем, аз он гиёҳон ба қадри лозимӣ бихӯрдем ва он шаб дар канори ҷазира бихуфтем. Чун бомдод шуд, бархоста, дар ҷавира ба чапу рост ҳамерафтем, то ин ки аз дур иморате падид шуд. Ба сӯи он иморат равон шудем, то чоштгоҳ бирафтем ва ба дари он иморат расида бистодем. Ногоҳ аз он макон ҷамъе урьён бадар омаданд ва бо мо ҳеҷ сухан нагуфтанд, моро гирифта, ба назди подшоҳашон бурданд. Подшоҳ моро иҷозат дод ва мо бинишастем.

Он гоҳ аз барои мо хӯрданӣ оварданд, ки чунон хӯрданӣ нашинохтем ва чунон хӯрданӣ дар тамомати умр надида будем. Табъи ман ба хӯрдан иқбол накард. Ба хилоф, ёрони ман аз он таом бихӯрданд. Нахӯрдани ман лутфи худои таоло будааст, ки то акнун зинда бимонам.

Чун ёрони ман аз он таом бихӯрданд, ақли эшон бирафт ва монанди девонагон чизе ҳамехӯрданд ва аҳволи эшон дигаргун гашт. Пас аз он аз баҳри эшон равғане ҳозир карданд ва ба эшон бинӯшонданд ва тани эшонро аз он равған чарб карданд, дарҳол ёрони маро чашмҳо каҷ шуд ва ба хилофи одат таом мехӯрданд, ман дар кори эшон ҳайрон будам ва бар эшон афсӯс мехӯрдам ва аз ғояти бим андӯҳи ман бузург шуд. Аз он ҷамоати урьён басе ҳарос доштам.

Чун дар эшон диққат кардам, донистам, ки эшон маҷусанд[1] ва подшоҳи эшон ғул[2] аст.

---

[1] Маҷус — офтобпараст, оташпараст, габр, зардуштӣ.
[2] Ғул — дев.

Ҳар кас, ки ба шаҳри эшон дарояд ва ё ин ки дар роҳҳо ва биёбонҳо касеро дарьёбанд, ӯро гирифта ба назди подшоҳашон биёранд ва аз он ғизо ба ӯ бихӯронанд ва аз он равған бар вай бимоланд, то ин ки ақлаш биравад ва аблаҳ шаваду иштиҳо оварда бисьёр бихӯрад, он гоҳ хӯрданию нӯшиданӣ аз барои ӯ аз ҳамин таому равған тартиб диҳанд, то ин ки фарбеҳ ва дурушт шавад. Пас ӯро кушта, бирьён кунанд ва подшоҳро аз он тӯъма диҳанд ва аммо худашон гӯшти одамиро нопухта ва бирьён нокарда мехӯранд.

Пас чун ман ин кор аз эшон бидонистам, бар худ ва ёрони худ ғамгин шудам ва ёрони ман азбаски мадхуш буданд, намедонистанд, ки бо эшон чӣ мекунанд. Он гоҳ эшонро ба шахсе супориданд. Ҳар рӯз он шахс эшонро монанди чорпоён ба чаро мебурд ва аммо ман аз ғояти биму андӯҳ ва гуруснагӣ низору бемор шудам ва гӯшти ман бар устухонҳои ман бихушкид. Чун маро дар ин ҳолат диданд, маро тарк карда, аз ёд бибурданд ва ҳеҷ як аз эшон маро ба хотир намеовард, то ин ки аз он макон дур гаштам. Чӯпонеро дидам, ки дар миёни ҷазира бар ҷои баланд нишастааст. Чун нек назар кардам, дидам ҳамон шахсест, ки ёрони маро аз баҳри чаро ба ӯ супоридаанд ва дар пеши ӯ ғайр аз ёрони ман бисьёр мардумон буданд, ки ақлашон рафта буд.

Чун он шахс ба сӯи ман назора кард, донист, ки ман ақли худро моликам ва офате, ки ба ёрони ман расида, ба ман нарасидааст. Он гоҳ аз дур маро ишорат кард ва ба ман гуфт, ки бозгард ва аз роҳе, ки дар дасти рости туст, бирав, ки аз он роҳ наҷот ёбӣ. Ман ба он сон, ки ишора карда буд, бозгаштам. Дар дасти рост роҳе дидам, аз он роҳ бирафтам, соате медавидам ва соате аз баҳри роҳат оҳиста мерафтам, то ин ки аз чашми он мард, ки маро ба ин роҳ далолат карда буд, пинҳон шудам, на ман ӯро медидам ва на ӯ маро.

Дар он ҳолат офтоб ғуруб кард ва торикии шаб парда биёвехт. Ман аз баҳри роҳат бинишастам. Хостам хоб кунам. Маро аз ғояти биму гуруснагӣ ва ранҷу азоб дар он шаб хоб набурд. Чун нимаи шаб шуд,

бархоста, дар ҷазира равон шудам ва ҳамрафтам, то офтоб баромад.

Ман аз бехи гиёҳон ва барги дарахтон чандон, ки садди рамақ кунад, бихӯрдам. Пас аз он бархоста, равон шудам ва то хафт шабонарӯз дар ҷазира ҳамрафтам, ҳар вақт гурусна мешудам, аз гиёҳон садди рамақ мекардам, то ин ки бомдоди рӯзи ҳаштум даромад, маро назар аз дур ба сиёҳӣ афтод, ба сӯи он сиёҳӣ равон шудам, то ҳангоми ғуруби офтоб ҳамрафтам, ман метарсидам, вақте ки бо тааммул назар кардам, ҷамоате дидам, ки донаи мурч мечиданд.

Чун наздик шудам, эшон маро бидиданд, шитобон ба назди ман омада ва аз ҳар сӯ маро иҳота карданд. Ба ман гуфтанд:

— Ту кистӣ ва аз куҷоӣ?

Гуфтам:

— Эй ҷамоат, бидонед, ки ман марди ғариб ва бенавоям.— Пас тамомати он чӣ ки аз хатарҳо ва сахтиҳо бар ман гузашта буд, ба эшон бозгуфтам.

Гуфтанд:

— Ба худо савганд, ки ин корест аҷиб ва ҳикоятест ғариб, ки чӣ гуна аз тоифаи зангиён халос шудаӣ. Аз эшон ба саломат дар ин ҷазира чӣ сон гузаштаӣ, ки эшон халқи бисьёр ва гурӯҳи анбӯҳ ҳастанд ва гӯшти одамиён бихӯранд ва ҳеҷ касе аз эшон ба саломат дарнаравад ва кас натавонад, ки аз эшон даргузарад. Ман моҷарои худро баён кардам, ки зангиён ёрони маро таоме бихӯрониданд, ки ман аз он таом нахӯрдам. Он гоҳ саломати маро таҳният[1] гуфтанд. Чун аз кор фориғ шуданд, таоми лазиз ҳозир оварданд. Ман таом хӯрдам ва соате дар наздашон роҳат ёфтам. Он гоҳ маро ба киштӣ бинишонданд ва ба ҷазираи худашон биёварданд ва маро пеши малик бурданд. Маликро салом додам, малик маро ҷавоб гуфт ва маро эҳтиром намуд ва аз ҳоли ман ҷӯён гашт.

Ман моҷарои хешро аз аввал то охир ба малик нақл кардам ва ӯро аз қиссаи ман басе аҷаб омад ва маро иҷозати нишастан дод.

---

[1] Таҳният — табрик, муборакбод.

Пас аз он фармуд таом ҳозир овварданд, ба қадри кифоят хӯрданӣ бихӯрдам ва даст шуста, шукри худои таолоро ба ҷой овардам ва маликро сано гуфтам ва дар назди ӯ бимондам, шаҳрро тамошо карда, дидам шаҳрест обод, ки дар он шаҳр бозорҳо ва бизоатҳо, харидорон ва фурӯшандагон ҳастанд, аз ҳар гуна меваҳою хӯрданиҳо чандон аст, ки ба васф андар наёяд.

Пас, ман аз расидан ба он шаҳр хуррам ва шодмон шудам ва хотирам баросуд ва ба мардумони он ҷо унс гирифта, дар назди эшон ва маликашон азиз будам. Дар он шаҳр хурду бузургро дидам, ки ба аспони бе зин савор мешаванд. Маро аҷаб омад. Ба малик гуфтам, ки чаро бар аспи зиндор савор намешавед, ки роҳат дар он аст ва қуввват аз ӯ афзун шавад.

— Зин кадом аст, ки мо ҳаргиз номи зин нашунидаем ва дар тамомати умр онро надидаем.

Ман ба малик гуфтам:

— Агар ба ман иҷозат диҳӣ, баҳри ту зин бисозам, ки ба ӯ савор гашта, хубии ӯро назора кунӣ ва роҳати онро бидонӣ.

Малик гуфт:

— Он чӣ донӣ, бикун.— Ман наҷҷор[1] ва чӯб хостам, чӯбу наҷҷор ҳозир оварданд. Ман дар назди наҷҷор нишаста ба вай зин сохтан омӯхтам. Пас аз он пашм хоста, аз он пашм намадзин бимолидам ва чарм бар рӯи зин бикашидаму ҳалқаҳо бар ӯ бикӯбидам ва таркиш аз ӯ биёвехтам. Пас аз он оҳангар бихостам ва кайфияти рикоб ба ӯ биёмӯхтам. Рикобҳои бузург бисохт, ман онҳоро сафед сохта, рикобтасмаҳои ҳарир бар онҳо бастам. Он гоҳ бархоста, аспе аз беҳтарин аспони малик гирифта, зин бар ӯ бинҳодам ва рикобҳо аз ӯ биёвехтам ва лаҷомаш дар сар карда, ба назди малик биёвардам. Маликро басе хуш омад ва ӯро биписандид, чун бар асп савор шуд, бисёр хушвақт гардид ва моли бисёр ба ман ато кард.

Чун вазири малик дид, ки ман чунон зин тартиб додам, ӯ низ аз ман таманно кард, ки аз барои ӯ зин

---

[1] Наҷҷор — дурӯдгар.

бисозам. Ман аз барои ӯ ҳам зине, монанди зини малик, сохтам, бузургони давлат ва соҳибони мансаб аз ман зин ҳамехостанд ва ман аз барои эшон зину рикоб сохта мефурӯхтам, то ин ки аз ин кор моли бисьёре ҷамъ овардам ва маро дар назди малик ва бузургони давлат мартаба афзун ва ҷойгоҳе баланд буд, маро бисьёр дӯст доштанд, то ин ки рӯзе аз рӯзҳо дар ғояти иззату шодӣ дар назди малик нишаста будам, ки малик ба ман гуфт:

— Эй фалон! Ту дар назди мо азиз ва соҳиби эҳтиром ҳастӣ. Моро пас аз ин тоқати ҷудоии ту нест ва рафтани туро аз ин шаҳр намехоҳем. Акнун қасди ман ин аст, ки хоҳиши ман рад накунӣ.

Ман ба ӯ гуфтам:

— Ман сухани туро рад нахоҳам кард ва туро бар ман басе некӯӣ ва эҳсонест ва ман аз ҷумлаи ходимони ту ҳастам.

Малик гуфт:

— Қасди ман ин аст, ки туро зани хубрӯӣ ва худованди молу ҷамол диҳам, ки дар назди мо соҳиб шавӣ ва ин шаҳрро ватани худ гирӣ.

Чун сухани малик бишунидам, аз малик шарм карда ҷавоб надодам, малик гуфт:

— Эй фарзанд, чаро ҷавоб надодӣ?

— Эй малики ҷаҳон,— гуфтам,— фармон туррост.

Дарҳол малик қозӣ ва шоҳидон ҳозир оварда, зане баландқад ва олинасаб, худованди молу зебоҷамол ва худованди хона ва ҷоро ба ман никоҳ кард ва маро моли бешумор дод ва хонаи васею олӣ бахшид. Ходимон бароям дод ва ман дар ғояти хуррамӣ ва роҳат ба сар мебурдам ва машаққате, ки ба ман рӯй дода буд, фаромӯш кардам ва бо худ бигуфтам, ки ҳар вақт ба шаҳри худ сафар кунам, занамро бо мол бибарам, вале инсон аз тақдири илоҳӣ огоҳӣ надорад ва одамӣ намедонад, ки ба ӯ чӣ хоҳад расид. Хуллас, ман он занро бисьёр дӯст медоштам. Вай ҳам бо ман муҳаббати бисьёр дошта, дар айшу нӯш ҳамегузаронидем, то ин ки зани ҳамсояро аҷал даррасид. Чун маро бо ҳамсоя улфате дар миён буд, ба хонаи ӯ таъзиятгӯӣ рафтам. Дидам, ки дар бадтарин ҳолат ма-

лулу ғамгин нишастааст. Ман ӯро таъзият гуфтам ва ба сабр кардан тарғиб кардя гуфтам.

— Эй бародар, маҳзун мабош, ки худои таоло туро ба некӯтар аз он зан иваз хоҳад дод ва иншоолло туро умр зиёд хоҳад шуд. Дарҳол он мард гирьён шуд ва сахт бигирист ва ба ман гуфт:

— Эй дӯсти меҳрубон, чӣ гуна худои таоло моро беҳтар аз ӯ иваз хоҳад дод, ки аз умри ман ҷуз имрӯз беш намондааст.

Гуфтам:

— Эй бародар, ба ақли худ бозгард, худро башорати марг мадеҳ, ки алҳамдулилло ту тандурусту солим ҳастӣ.

Он мард ба ман гуфт:

— Эй рафиқ, ба ҷони ту савганд, ки фардо маро нахоҳӣ дид ва дар қатори мурдагон хоҳам буд.

Гуфтам:

— Эй бародар, чӣ гуна фардо аз ҷумлаи мурдагон хоҳӣ буд?

Гуфт:

— Имрӯз зани маро ба хок супоранд. Маро низ бо ӯ ба қабр бигузоранд, ки одати шаҳри мо ҳамин аст, ки чун зане бимирад, шавҳари ӯро бо ӯ зинда ба хок супоранд ва агар марде ҳам бимирад, зани ӯро зинда бо ӯ дар гӯр ниҳанд, ки ҳеҷ кадом пас аз дигаре дар рӯи замин намонад ва лаззати дуньё набарад.

Ман гуфтам:

— Ба худо савганд, ин одати бисьёр нописанд аст.

Пас мо дар гуфтугӯ будем, ки бисьёр мардумони шаҳр ҳозир шуданд ва ҳамсояи моро аз барои занаш ва аз барои худаш таъзият гуфтанд ва ба таҷҳизи майит бипардохтанд, тобуте оварда, зани ҳамсояро дар тобут гузоштанду ба сӯи гӯристон бардоштанд. Шавҳари зан низ бо эшон ҳамерафт, то ин ки ба хориҷи шаҳр расиданд ва ҷанозаро дар доманаи кӯҳ ба ҷое фуруд оварданд.

Санги бузурге дар он ҷо буд, чун сангро бардоштанд, ҷохе падид шуд. Мурдаи занро дар он ҷоҳ афканданд. Он гоҳ мардумони шаҳр ба шавҳари зан ҷамъ омаданд, ӯро ба ресмонҳо баста, ба он ҷоҳ фурӯ овех-

танд ва кӯзаи обе бо ҳафт қурси нон аз барои тӯшаи он мард овехтанд. Чун он мард дар буни чоҳ ҷой гирифт, ресмонҳо аз худ бикушуд. Мардумон ресмонҳоро боло кашида сари чоҳро бо он санги бузург пӯшонида, аз паи кори худ бозгаштанд ва ҳамсояи моро бо зани ӯ дар чоҳ бигузоштанд. Ман бо худ гуфтам: «Ба худо савганд ин гуна мурдан аз маргҳои нахустин душвортар аст». Он гоҳ ба назди малики он шаҳр даромадам ва ба ӯ гуфтам:

— Эй малики ҷаҳон, дар шаҳри шумо чӣ гуна зиндаро бо мурда ба хок супоранд?

Малик гуфт:

— Одати шаҳри мо ҳамин аст, ки чун зан бимирад, шавҳар бо ӯ ба хок супоранд ва ҳамчунон агар шавҳар бимирад, зан бо ӯ ба хок супоранд, то аз ҳамдигар дар ҳаёт ва мамот ҷудо нашаванд ва ин одат аз падарони мост.

Гуфтам:

— Эй малики ҷаҳон, марди ғарибро низ ба ин сон кунанд?

Гуфт:

— Бале, агар ғарибро низ зан бимирад, ӯро бо зани худ зинда дар гӯр кунанд.

Пас чун ин сухан бишунидам, заҳраи ман бишкофт. Аз ғояти ҳузну андӯҳ ақли ман бирафт ва метарсидам, ки зани ман пеш аз ман бимирад ва маро бо ӯ зинда ба хок супоранд. Пас аз ин худро тасаллӣ додаму гуфтам: «шояд, ки ман пеш аз зани худ бимирам».

Аз қазо, чанд рӯзе нагузашту зани ман бемор гашт.

Ду-се рӯз бемор шуду бимурд. Бисьёр мардумони шаҳр ба таъзиятгӯии ман ҷамъ омаданд. Малик низ ба таъзиятгӯии ман омад.

Пас аз он мурдаро ғусл доданд ва беҳтарин ҷомаҳои ӯро бар вай бипӯшониданд ва қилодаҳои[1] лӯълӯю гавҳар ба ӯ овехта, ба тобуташ биниҳоданд. Тобутро бардошта, ба сӯи ҳамон кӯҳ равон шуданд, чун

[1] Қилода — гарданбанд.

ба он макон расиданд, сангро аз сари чоҳ як сӯ карда, зани маро ба чоҳ афканданд. Он гоҳ ҳама ёрон ва ҳамсоягон пеши ман омада, маро видоъ мекарданд ва ман дар миёни эшон фарьёд мезадам ва мегуфтам:

— Ман марди ғарибам, ба расми шаҳри шумо тоқат надорам.

Вале эшон сухани маро қабул накарданд ва маро дарҳол бигирифтанд ва бибастанд.

Кӯзаи обе бо ҳафт курси нон бо ман бастанд ва ба чоҳам андохтанд. Ба ман гуфтанд: «Ресмонҳо аз хештан бикушо!» Ман накушудам. Онгоҳ ресмонҳо ба сӯи ман андохта, сари чоҳро бо он санги бузург пӯшонида, аз паи кори худ бирафтанд. Дидам, ки дар он макони зери кӯҳ ғори бузург аст. Ман дар он ғор бисьёр мурдагоне дидам, ки пӯсида буданд. Он гоҳ худро маломат кардам ва аз кардаи худ пушаймон шудам. Ба худ гуфтам: «ҳар чӣ бар ман ояд, сазоворам». Пас дар он макон бимондам ва шаб аз рӯз намедонистам ва бо андак хӯрок қаноат мекардам. То гуруснагӣ ва ташнагӣ ба ғоят намерасид, намехӯрдам ва наменӯшидам, аз бими он ки тӯша ва об тамом шавад. Андаке мехӯрдам ва бо худ мегуфтам: «Субҳонолло, чӣ мусибате буд, ки дучор гаштам, чаро дар ин шаҳр зан гирифтам, чӣ бахти тирае дорам, ки аз ранҷе халос нагашта, ба меҳнати дигар гирифтор мешавам. Эй кош ба дарьё ғарқ мешудам ва ё дар кӯҳ мемурдам, ки ин марг аз ҳамаи маргҳо душвортар аст». Ҳамвора ман ба ҳамин ҳолат худро маломат мекардам ва бар устухони мурдагон мехуфтам ва аз худои таоло таманнои марг карда, намеёфтам, то ин ки аз гуруснагӣ бетоқат шудам ва дарунам аз ташнагӣ бисӯхт. Луқмае нон хӯрда ва ҷуръае об бинӯшидам ва бар атрофи ғор ҳамегаштам. Он маконро васеъ ва бузург ёфтам ва мурдагони бисьёру устухонҳои пӯсида дар он ҷо буданд. Ман дар як сӯи ғор дуртар аз мурдагон маконе сохтам, ки ба ҳангоми хоб дар он ҷо мехуфтам, вале тӯшаи ман кам шуд ва аз обу нон андаке монда буд. Ман ҳар рӯз як луқма нон мехӯрдам ва як култ об менӯшидам, ки мабодо обу нон тамом шавад ва ман ба сахтӣ бимирам. Рӯзе аз рӯзҳо нишаста,

дар фикр будам, ки агар нону об тамом шавад, чӣ боядам кард ва ҳолати ман чӣ хоҳад буд. Дар ин хаёл будам, ки санг аз дари чоҳ ба як сӯ шуд.

Гуфтам: «Оё чӣ ҳодиса рӯй дода!» Ногоҳ мардумонро дидам, ки бар сари чоҳ истода, марди мурда ва зани зиндаро ба чоҳ даровехтанд ва зан мегирист ва менолид, вале нону оби бисьёр бо он зан фурӯ овехтанд. Ман он занро назора мекардам, ӯ маро намедид. Чун мардумон он сангро бар дари чоҳ гузоштанд, ман устухони пои мурдае бардошта, ба сӯи он зан омадам ва бо устухон бар сараш задам, дарҳол бехуд биафтод, дубора ва себорааш бо устухон ҳамезадам, то ин ки бимурд. Нону обе, ки бо ӯ буд, бардошта ба макони худ биёвардам. Аз нону об андак-андак мехӯрдам. Пас ман дергоҳе дар он ғор ба сар бурдам ва ҳар зиндаеро, ки бо мурда дар чоҳ меафкананд, ман мекуштамаш ва ба нону оби ӯ садди рамақ мекардам. То ин ки рӯзе аз рӯзҳо хуфта будам, чун аз хоб бархостам, овози пое шунидам, пои мурда бардошта, ба сӯи ӯ бирафтам, чун маро эҳсос кард, бигурехт. Дидам аз ваҳшиён аст, аз паи ӯ бирафтам, дар гӯшаи ғор равшание монанди ситора падид шуд, ки гоҳе ошкор ва гоҳе пинҳон мешуд. Ман қасди он сӯй кардам, ҳар чӣ наздиктар мешудам, равшанӣ зиёдтар мешуд. Дар он ҳангом яқин кардам, ки аз он ғор роҳе ба берун аст. Вале ба худ мегуфтам: «Ин ғорро монанди он дар дари дигар аст ва ё ин, ки аз ин ғор сӯрохе ба берун аст. Пас, соате ба фикр фурӯ рафта, ба сӯи он рӯшноӣ равон шудам. Ногоҳ нақбе дидам, ки аз пушти он кӯҳ ба он ғор аст, ки ваҳшиён аз он нақб ба ғор омада, гӯшти мурдагон мехӯранд ва берун меравянд. Чун ман он нақбро бидидам, равони ман тоза шуд ва хотирам баросуда, ҷонам роҳат ёфт ва ба зиндагӣ пас аз навмедӣ умед бастам. Ман аз он нақб баромада, худро бар фарози кӯҳи баланд, дар канори дарьёи шӯр дидам. Он кӯҳ дар миёни ду дарьё ва дар миёни ҷазираю шаҳр воқеъ буд ва кас ба он ҷо наметавонист расид. Пас, ман хушвақт шуда, ҳамди худои таоло ба ҷо овардам. Баъд аз он аз нақб ба ғор бозгаштам ва он чӣ ки нону об ҷамъ оварда будам, аз ғор бе-

рун бурда ва чизҳои бисьёрро аз икдҳои[1] гавҳар ва қилодаҳои лӯълӯ ва зеварҳои зару сими мурассаи гуногун аз он ғор бардошта, ба ҷомаи мурдагон фурӯ печидам ва аз нақб ба пушти кӯҳ оварда, дар соҳили дарьё ба интизори киштӣ биистодам. Ҳар рӯз ба ғор меомадам, агар касеро зинда дар гӯр мекарданд, ман ӯро кушта, нони ӯро мебурдам. Ва ҳар чӣ, ки дар он ғор аз гавҳару зару сим меёфтам, ба ҷомаи мурдагон печида, ба соҳили дарьё меовардам ва дергоҳе ба ин сон шабу рӯз ба сар мебурдам.

Рӯзе аз рӯзҳо дар канори дарьё нишаста, дар фикр будам, ки ногоҳ дар миёни дарьё як киштӣ пайдо шуд. Ман ҷомаи сафеде аз ҷомаи мурдагон гирифта, бар сари чӯбе андохтам ва сокинони киштиро бо он ишорат кардам, то эшонро ба сӯи ман назар афтод ва ишорати ман бидонистанд, киштиро ба сӯи ман ронда, овози маро бишуниданд. Ҷамъеро дар завраке ба сӯи ман бифиристоданд, чун фиристодагон наздик шуданд, ба ман гуфтанд:

— Кистӣ ва сабаби нишастани ту дар ин ҷо чист? Ва ба ин кӯҳ аз куҷо баромадӣ, ки мо ба умри худ касеро дар ин ҷо надидаем.

Гуфтам:

— Ман мардеам бозургон. Киштии ман ғарқ шуд, ман бо ҳама бизоати худ ба тахтаи чӯбин барафтодам. Пас аз машаққати бисьёр худои таоло маро бо бизоатам аз ғарқ халос дода, ба ин макон расонид.

Чун эшон сухани ман бишуниданд, маро бо ин чизҳое, ки аз ғор ҷамъ оварда, ба ҷома ва кафанҳои мурдагон печида будам, ба заврақ бигузоштанд ва ба киштӣ расонданд. Соҳиби киштӣ ба ман гуфт:

— Эй мард, чӣ гуна ба ин кӯҳ расидӣ, ки ин кӯҳест бузург ва дар пушти ин кӯҳ шаҳрест ободу маъмур, ва ман тамомати умр дар ин дарьё сафар карда, аз ин кӯҳ гузаштаам ҷуз ваҳшиён ва паррандагон касеро дар ин макон надидаам.

Ман ба соҳиби киштӣ гуфтам:

---

[1] Икд — гарданбанд.

— Ман дар киштии бузурги бозургонӣ сафар кардам. Киштӣ бишкаст. Ман ҳамин бизоатҳои худро ба як тахтаи чӯбини бузург аз тахтаҳои киштӣ гузоштам ва бахт ёрӣ карда, ба саломат бар ин кӯҳ биёмадам ва ба интизори киштӣ нишаста будам, ки шояд касе маро ба ҷое расонад ва он чӣ дар шаҳру дар ғор ба ман гузашта буд, ба эшон нагуфтам барои он ки тарсидам, ки дар он киштӣ аз аҳли шаҳр касе бошад. Пас аз он, ҳадьяи лоиқ ва гаронбаҳо аз моли худ ба соҳиби киштӣ дода, ба ӯ гуфтам:

— Эй бародар ту сабаби наҷоти ман аз он макони хатарнок шудӣ, ин ҳадья аз ман қабул кун.

Соҳиби киштӣ ҳадьяи маро қабул накарда, ба ман гуфт:

— Мо чизе аз касе намегирем ва агар ғарқ шуда ва аз киштӣ мондаро дар канори дарьё ва ҷазира биёбем, ӯро бардошта, нон ва обаш диҳем ва агар бараҳна бошад, ҷомааш бипӯшонем. Чун ба бандар саломат бирасем, чизе аз моли худ ба ӯ ато кунем ва ин некӯиҳоро ба ӯ аз баҳри худо ба ҷой оварем.

Пас дар он ҳангом ӯро дуо гуфтам ва аз ҷазирае ба ҷазирае ва аз дарьёе ба дарьёе равон будем ва ман аз саломати худ шодӣ мекардам. Ҳар вақт, ки будани худро дар ғор ба хотир меоварам, ақлам зоил мешуд ва ба он сон ҳамерафтем, то ки ба Басра бирасидем ва ду се рӯзе дар он ҷо мондам.

Пас аз он ба шаҳри Бағдод равон гашта, ба хонаи худ бозомадам. Ёрону пайвандони хешро мулоқот кардам. Эшон ба саломатии ман таҳният гуфтанд ва аз бозгаштанам хушвақт шуданд.

Пас, ҳар чӣ молу матоъ бо худ оварда будам, ба сандуқҳо биниҳодам. Ба ятимону бевазанон садақа додам ва дар ғояти шодӣ бо ёрон ба айшу ишрат машғул шудам.

Эй Синдбоди ҳаммол, бидон: он чӣ аз аҷоибот дар сафари чоруми рӯй дода буд, ҳамин буд. Фардо иншоолло, чун ба назди ман ой, он чӣ дар сафари панҷуми рӯй дода, ба ту бозгӯям, ки ӯ аҷибтар ва хуштар аз ҳикоётест, ки гуфтаам.

Пас аз он Синдбоди дарьёгард амр кард ва сад

мискол зари сурхро ба Синдбоди ҳаммол бидоданд. Он гоҳ хӯрданӣ бихӯрданд ва ҳар як роҳи худ дар пеш гирифта ба манзили худ рафтанд.

Чун бомдод шуд, Синдбоди ҳаммол ба хонаи Синдбоди дарьёгард омада ӯро салом дод. Ӯ радди салом кард ва ба нишастан иҷозат дод. Синдбоди ҳаммол бинишаст, то боқии ёрон биёмаданд. Он гоҳ гуна-гуна хӯрданиҳо фуру чиданд. Ҳозирон хӯрданӣ бихӯрданд ва бинӯшиданд, лаззат бурда, хушвақтӣ карданд ва ба нақл сар карданд. Синдбоди дарьёгард сухан гуфтан оғоз кард.

## САФАРИ ПАНҶУМ

Синдбоди дарьёгард гуфт, ки чун аз сафари чорум бозгаштам, ба айшу нӯш бинишастам ва он чӣ ки бар ман рӯй дода буд, фаромӯш кардам.

Рӯзе аз рӯзҳо ҳавои сафар бар сарам афтода, ба томошои шаҳрҳо ва ҷазираҳо шавқманд шудам ва дотамани ҳиммат бар миён задам ва бизоати гарон, ки мунсиби сафари дарьё бошад, харида бор бастам ва аз шаҳри Бағдод рӯй ба Басра ниҳодам ва дар он ҷо киштии баланду васеъ харида, нохудо ва аз барои ӯ мардикор гирифтам. Ғуломону ходимони худро бар ӯ гумошта, борҳо бар ӯ гузоштам. Ҷамъе аз бозургон низ аз ман кироя карда, бор бар он киштӣ оварда, дар киштӣ бинишастем ва дар ғояти нишоту шодӣ равон мешудем. Аз ҷазира ба ҷазира ва аз дарьё ба дарьё мегузаштем ва шаҳрҳоро томошо менамудем ва хариду фурӯш ҳамекардем, то ин ки ба ҷазираи бузургу холӣ бирасидем, ки ҳеҷ кас дар он ҷо набуд. Дар он ҷо қуббае буд бузург, бозургонон ба томошои он аз киштӣ бадар шуданд. Чун бозургонон ӯро диданд, донистанд, ки байзаи[1] Рух аст, ӯро бо санг заданду

[1] Байза — тухм.

бишикастанд. Оби бисьёр, монанди наҳр, аз он байза равон шуд ва чӯҷаи Рух аз ӯ падид гашт, бозургонон ӯро аз байза бадар оварда куштанд, гӯшти бисьёре аз ӯ бигирифтанд. Ман гуфтам, акнун Рух падид ояд ва киштиро бишиканад. Мо дар гуфтугӯ будем, ки ногоҳ офтоб аз чашмҳо нопадид шуд ва рӯз торик гашт, он гоҳ сар ба осмон бардоштем, то бинем миёнаи мо ва офтоб монеъ чист, ки ногоҳ дидем парҳои Рух миёнаи мо ва офтоб ҳиҷоб гашта ва ҳаворо торик кардааст ва сабаб ин будааст, чун Рух дид, ки байзаи ӯро шикастаанд, ҷуфти худро овоз дода, киштиро иҳота карданд ва ба овози баландтар аз раъд бонг бар мо мезаданд. Ман ноҳудо ва мардикорони киштиро гуфтам:

— Пеш аз он ки ҳалок шавем, киштиро биронед?

Дарҳол ноҳудо суръат карда, бозургонон аз ҷазира бадар омаданд ва киштиро кушуда, бодбон барафроштанд ва ба киштӣ нишаста равон шудем. Рух аз мо ғоиб шуд ва мо бо суръат киштӣ ҳамерондем, ки аз онҳо халос шавем, ногоҳ дидем, ки Рухҳо аз паи мо равон гашта, киштии моро иҳота карданд, ҳар якеро санги бузург монанди кӯҳ дар чангол аст. Пас сангеро, ки дар чангол дошт, ба сӯи мо андохт, чун киштӣ тунд мерафт, санг хато карда ва ба киштӣ барнаёмад. Он гоҳ ҷуфти Рух сангеро, ки дар чангол дошт, бар мо биандохт. Санги ӯ бо ҳукми худо бар думи киштӣ биёмад ва ӯро бист пора кард, киштӣ аз ҳам бирехт ва ҳар чӣ ки дар киштӣ буд, ғарқ гашт. Ман оҳанги халосӣ кардам. Худои таоло тахтае аз тахтаҳои киштӣ ба ман расонид, ба он тахта савор шуда, об ба пои худ мезадам, бодхою мавҷҳо ёрӣ мекарданд. Чун киштӣ дар наздикии ҷазира ғарқ шуда буд, ба inoяти парвардигор ба ҷазира баромадам, вале маро нафаси вопасин буд ва аз ғояти ранҷе, ки бурда будам, ба ҳолати мурдагон будам ва аз гуруснагӣ ва ташнагӣ аз ҳалоки ман чизе намонда буд. Пас аз соате дар соҳили дарьё бияфтодам, андаке роҳат ёфта, бархостам ва дар он ҷазира ҳамегаштам. Ҷазираро монанди боғе аз боғҳои ҷаннат ёфтам, ки наҳрҳои равону меваҳои лазиз ва мурғони хушилҳон дошт. Аз



меваҳои он ҷо хӯрда, сер шудам, ҳамди парвардигорро ба ҷо оварда, неъматҳои ӯро сано гуфтам ва ба ин ҳолат дар ҷазира ҳамегаштам, то ҳангоми шом шуд ва торикии шаб ҷаҳонро фаро гирифт ва дар он ҷазира на овозе шунидам ва на касеро дидам. Аз бисёрии ранҷу азоб ва ғояти ҳаросу бим монанди мурдагон будам, то бомдод нахуфтам ва аз ҷои худ бархостам. Чун бомдод шуд, бархоста, аз канори оби наҳре ҳамерафтам, то ба сарчашма расидам. Дар он ҷо шайхе некӯманзар дидам, ки нишаста ва барги дарахтон ба худ баста. Бо худ гуфтам, ки шояд ин шайх яке аз ғарқ халосшудагон бошад, ки ба ин ҷазира даромадааст. Он гоҳ ба ӯ наздик шуда, ӯро салом додам. Ба ишорат ҷавоб дод ва сухан нагуфт.

Гуфтам:

— Эй шайх, сабаби нишастани ту дар ин макон чист?

Саре ҷунбонида, оҳе кашид ва афсӯсу ҳасрат ошкор кард ва бо даст ишорат кард, ки яъне маро бар дӯши худ бигир ва аз ин макон бардошта, ба он сӯи наҳр бигузор. Ман бо худ гуфтам: «Агар ба ин шайх накӯӣ кунам ва аз ин макон бардошта он ҷо, ки мехоҳад, бигузорам, шояд савобе аз баҳри ман бошад ва дар ивази он худои таоло маро кушоише каромат фармояд». Дарҳол пеш рафта ӯро ба дӯш гирифтам ва ба маконе, ки ишорат карда буд, бурдам. Он гоҳ гуфтам: фуруд ой. Он шайх аз дӯши ман ба замин наёмад ва поҳои худ ба гардани ман дарпечид. Ба поҳои ӯ назар карда, дидам монанди чарми говмеш аст. Аз ӯ тарсидам, хостам, ки аз дӯши хеш бияндозам, поҳои худ ба гарданам сахт дарпечид ва ҳамехост, ки маро бикушад. Ҷаҳон дар чашми ман торик шуд. Чун мурдагон бехуд бияфтодам. Он гоҳ соқҳои хеш аз ҳалқуми ман бардошта, монанди тозиёна бар пушту паҳлуи ман мезад. Аламе сахт аз он зарбат ба ман рӯй дод. Ман бар пой хестам, дар ҳолате, ки бар дӯши ман савор буд. Ба дасти худ ишора кард, ки ӯро дар миёни дарахтон ба сӯи меваҳои лазиз барам. Ҳар вақт, ки мухолифат мекардам, ба пои худ маро сахт мезад, чунон ки ба тозиёна бизананд. Пайваста маро бар ҳар

макone, ки мехост, ишорат мекард, ман ӯро ба он макон мебурдам ва агар сустӣ менамудам, маро сахт мезад ва ман дар дасти ӯ монанди асирон будам ва ҳамвора ӯ маро дар миёни ҷазира мегардонид ва шабу рӯз ба дӯши ман буд ва ба дӯшу гардани ман баввлу ғайт[1] мекард ва дар вақти хоб поҳои худ ба гардани ман печида андаке мехуфт, боз бедор гашта, маро мезад, ман мухолифати ӯ наметавонистам кард ва пайваста дар ранҷу азоб будам ва худро маломат мекардам ва орзуи марг доштам. Дергоҳе ба ин ҳолат ранҷ бурдам, то ин ки рӯзе аз рӯзҳо ба маконе мегузаштам, кадуи бисьёр дар он ҷо буд. Қисме аз онҳоро хушкида ёфтам, кадуи хушкидаи бузурге ёфтам, сари ӯро кушуда миёни ӯро тиҳӣ кардам. Он гоҳ ба пои дарахти ангур омада, бо фишурдаи ангур кадуро пур сохтам ва сари ӯро маҳкам карда, дар офтоб гузоштам. Чанд рӯзе бар ӯ гузашт, то ин ки шароби ноб шуд. Ман ҳама рӯз аз он шароб мехӯрдам. Ӯ бо ишорат пурсид, ки ин чист? Гуфтам ин чизест, ки дилро қувват медиҳад.

Пас ман шароб хӯрда, маст шудам ва он палидро бардошта, дар миёни дарахтон ба ин сӯ ва он сӯ медавидам, чун маро нашъаи мастӣ комил шуд бирақсидам, бихандидам ва хурсандӣ кардам, кадуро аз ман бихост. Ман аз бими ҷон кадуи шаробро ба ӯ бидодам.

Дарҳол каду бар лаб ниҳод ва он чӣ шароб дар каду монда буд, бинӯшиду кадуро бар замин андохт. Он гоҳ ӯро тараб рӯй дода, дар дӯши ман ба рақс даромад. Пас аз он аз ғояти мастӣ андоми ӯ суст шуд. Ба ин сӯю он сӯ мутамоил шуд. Чун мастии ӯро донистам ва сустии ӯро дидам, даст бурда, поҳои ӯро бигирифтам ва аз гардани худ кушудам, ӯро бар замин андохтам, худро аз ӯ халос дида, аз ранҷе, ки доштам, роҳат ёфтам. Он гоҳ тарсидам, ки аз мастӣ бархезад ва маро биёзорад, санги бузург бардоштам, сари ӯро бо он санг бикӯфтам. Чун кушта шуд, хотир осуда

---

[1] Ғайт — ифлосӣ.

шуда, ба канори дарьё биёмадам ва дергоҳе аз меваҳои ҷазира мехӯрдам ва интизори киштӣ мекашидам, то ин ки рӯзе аз рӯзҳо дар саргузашти худ ба фикрат будам ва бо худ мегуфтам: «Қош медонистам, ки пас аз ин бар ман чӣ хоҳад рафт, оё ба саломат ба сӯи аҳли ватан боз хоҳам гашт ё на?» Дар он соат як киштӣ дар миёни дарьё падид гашта, ба сӯи ҷазира меомад. Киштӣ дар назди ҷазира лангар андохт ва танобҳояшро ба дарахтони ҷазира маҳкам бибастанд. Сокинони киштӣ ба ҷазира даромаданд. Ман пеши эшон бирафтам. Чун маро бидиданд, ҳамаашон ба суръат пеши ман омада ва маро иҳота карданд ва аҳволи маро пурсида, аз сабаби дар он ҷазира будани ман ҷӯё шуданд. Ман моҷарои худро ба эшон нақл кардам. Ҳикояти ман эшонро аҷаб омад ва ба ман гуфтанд:

— Он шайхе, ки ба дӯши ту савор буд, ӯро шайхи баҳр гӯянд. Ғайр аз ту ҳеҷ кас ба зери пои ӯ нарафта, ки халос шуда бошад.

Пас аз он маро ба киштӣ бигузоштанд ва киштӣ ҳамерониданд, то ин ки киштӣ ба шаҳри баландбуньёде расид, ки хонаҳои он шаҳр ба дарьё менигарист ва он шаҳрро шаҳри бӯзинагон мегуфтанд. Сокинони он шаҳрро чунин одат буд, ки чун шаб мешуд, аз даричаҳое, ки ба тарафи дарьё буданд, берун меомаданд ва аз тарси бӯзинагон ба киштиҳою завраққо нишаста, шабро бар рӯи дарьё ба рӯз меоварданд.

Ман ба тамошои он шаҳр баромадам, чун бозгаштам, киштӣ рафта буд, ангушти надомат ба дандон гирифтам ва он чӣ, ки дар сафарҳои пеш аз бӯзинагон ба ман рӯй дода буд, ба хотир оварда, гирьён шудам ва малулу маҳзун будам, ки яке аз мардумони шаҳр пеши ман омада, ба ман гуфт:

— Эй мискин, оё дар ин шаҳр ғариб ҳастӣ?

Гуфтам:

— Оре, ғарибам ва дар киштӣ будам. Чун киштиро дар баробари ин шаҳр бидоштанд, ман аз киштӣ бадар омадам, ки шаҳрро тамошо кунам, андаке дер мондам вақте ки бозгаштам, аз киштӣ асаре наёфтам.

Он мард ба ман гуфт:

— Бархез, бо мо ба киштӣ ё ба заврақ бинишин, агар ту имшаб дар шаҳр бимонӣ, бӯзинагон туро ҳалок созанд.

Дарҳол бархоста, ба завраке бинишастем ва заврақро ба қадри як фарсах аз соҳил дур бурданд ва шаб дар он ҷо хуфтанд. Ман низ бо эшон будам. Чун рӯз шуд, заврақро бигардонда, ба шаҳр даромаданд.

Ҳар кас аз заврақ бадар омада, аз паи кори худ шуд ва эшонро одат ҳамин буд; агар яке аз эшон хилоф карда, дар шаҳр мемонд, бӯзинагон аз кӯҳҳо ба шаҳр меомаданд ва ӯро ҳалок мекарданд ва чун рӯз мешуд, бӯзинагон ба хориҷи шаҳр рафта, аз меваҳои боғҳо мехӯрданд ва то вақти шом дар кӯҳҳо мехуфтанд. Боз чун ҳангоми шом мешуд ба шаҳр медаромаданд ва он шаҳр дар билоди Судон аст.

Аз ҷумлаи аҷоиб, ки дар он шаҳр ба ман рӯй дод, ин буд, ки шахсе аз он ҷамоат ба ман гуфт:

— Ту дар ин шаҳр ғарибӣ. Оё туро санъате ҳаст, ки ба он машғул шавӣ?

Гуфтам:

— Маро санъат нест ва шуғле надонам.

Гуфт:

— Ин халта бигир ва аз сангҳои реза, ки дар ин шаҳр аст пур кун ва ман туро бо ҷамоате, ки аз ин шаҳр берун хоҳанд рафт, ҳамроҳ кунам ва туро ба эшон бисупорам. Ту бо эшон берун рав ва ҳар чӣ эшон кунанд, ту низ бикун, ки шояд туро манфиате ба даст ояд, ки бо он манфиат сафар тавонӣ кард ва ба шаҳри худ тавонӣ расид.

Он гоҳ он мард маро ба хориҷи шаҳр овард ва ман сангҳои реза чида дар халта андохтам. Ногоҳ ҷамоатеро дидам, ки аз шаҳр бадар шуданд, он мард маро ба эшон супурда гуфт:

— Ин мардест ғариб, инро бо худ бибаред ва бар чидани сангреза биёмӯзед, шояд ки аз ин кор чизе ба даст оварад, ки ивази эҳсони шумо аз худои таоло ба зудӣ хоҳад расид.

Эшон қабул карданд. Он гоҳ маро бо худ бибурданд ва бо ҳар як аз эшон халтае буд. Бо ҳамдигар рафтем, то ба бодияи васеъ бирасидем, ки дарахтони

баланд ва анбӯҳ дошт, кас ба фарози онҳо натавонист расид ва дар он бодия бӯзинагони бисьёр буданд. Чун бузинагон моро бидиданд, аз мо гурехта ба фарози дарахтон баромаданд. Пас ёрони ман сангҳое, ки дар халта доштанд, ба бӯзинагон меандохтанд ва онҳо аз меваи дарахтон барчида, ба ёрон меандохтанд. Чун ман назар кардам, дидам ин меваҳо, ки бӯзинагон меандохтанд, ҷавзи ҳиндист.

Он гоҳ ман низ ба пои дарахти бузурге, ки бар он бӯзинагони бисьёр буданд, биёмадам ва санг ба бӯзинагон ҳамеандохтам ва онҳо ҷавзҳо ба ман меандохтанд. Ман ҷавзҳоро ҷамъ мекардам ва ҳанӯз сангҳои халтаам тамом нашуда буданд, ки ман ҷавзи бисьёр ҷамъ овардам. Чун ёрони ман кор ба анҷом расониданд, ҳар яке ба андозаи тоқат аз ҷавзҳо бардошта, ҳамон рӯз ба сӯи шаҳр бозгаштем. Ман ба назди он мард, ки маро бо ҷамоат фиристода буд, рафтам. Он ҷӣ оварда будам, ба ӯ дода, шукри эҳсони ӯро ба ҷо овардам. Он мард ба ман гуфт, ки аз инҳо ба қадри қувват имрӯз бифурӯш ва калиде ба ман дода гуфт:

— Ин калиди фалон макон аст. Боқии ҷавзҳо дар он макон бигузор ва ҳар рӯз бо он ҷамоат берун шав ва чунон кун, ки имрӯз кардӣ. Он гоҳ пасттарини онҳоро ҷудо кун ва бифурӯш ва боқиро дар ин макон гирд кун. Шояд аз барои ту тӯшаи сафар гашта, ба шаҳри хештан бирасӣ.

Ман он мардро дуо гуфтам ва ба тавре, ки супурда буд, ҳар рӯз халтаро аз он сангҳо пур карда, бо ҷамоат берун мерафтам ва он ҷӣ, ки эшон мекарданд, ман низ мекардам ва дергоҳе ба он ҳолат будем, то ин ки дар назди ман ҷавзи ҳиндӣ бисьёр ҷамъ омад ва бисьёр ҳам фурӯхта, қимати онро ҷамъ овардам ва агар матои хуб медидам, мехаридам, маро вақт хуш буд, то ин ки рӯзе дар канори дарьё истода будам, ки киштӣ ба сӯи шаҳр биёмад ва дар соҳил бистод. Бозургонони бисьёр аз киштӣ бадар омада, ба хариду фурӯш машғул шуданд. Ман ба назди рафиқи худ омада, ӯро аз омадани киштӣ биогоҳонидам ва ба ӯ гуфтам, ки қасди сафар дорам. Ватану аҳли ватанро бисьёр муштоқам. Гуфт, ки ихтиёр-ихтиёри туст.

Пас, ӯро видоъ карда, эҳсони ӯро шукр гузоридам ва ба киштӣ омада, аз соҳиби киштӣ макон кироя карда, он чӣ, ки ҷавз ва матои дигар доштам, ба киштӣ бигузоштам ва киштӣ ҳамон рӯз равон шуд ва аз ҷазира ба ҷазирае ҳамерафтем ва хариду фурӯш мекардему судҳо бармедоштем то ки худои таоло зиёда аз он моле ки аз ман талаф шуда буд, ба ман бирасонид.

Пас аз он ба маконҳои лӯълӯ даромадем. Ғаввосонро ҷавзи ҳиндӣ додем, ки баҳри мо иваз кунанд. Чун иваз карданд, лӯълӯҳои бузургу қиматбаҳо бадар оварданд ва маро лӯълӯ аз лӯълӯҳои ҳамроҳонам беҳтар ва бузургтар буд.

Ғаввосон гуфтанд:

— Эй бародар, ба худо савганд, ки туро бахт ёр аст ва иқбол созгор, ки ҳеҷ гоҳе ин гуна лӯълӯ набароварда будем.

Пас, лӯълӯ гирифта ба киштӣ даромадем ва ба баракати парвардигор киштӣ бирондем ва шабонарӯз ҳамеомадем, то ба Басра бирасидем ва он ҷо бимондем. Пас аз он рӯй ба Бағдод карда, ба маҳалли худ бирасидам ва ба хонаи худ даромадам. Ёрону дӯстон ба саломатии ман шодон гаштанд, ман ба пайвандон хадья фиристодам ва ба ятимону бевазанон мол додам ва афзунтар аз моле, ки дар чор сафар аз ман рафта буд, худои таоло маро иваз дод меҳнатҳою ранҷҳое, ки ба ман рӯй дода буданд, лекин фардо аҷоибе ки дар сафари шашумин рӯй дода, ба шумо боз гӯям, ки ӯ аҷибтар аз ин аст.

Пас дар он ҳангом хон паҳн карданд ва хӯрданӣ бихӯрданд. Он гоҳ Синдбоди дарьёгард як сад мисқол зари сурх ба Синдбоди ҳаммол ато фармуд. Синдбоди ҳаммол зарҳо ба доман карда, дар ғояти тааҷҷуб ба хонаи худ бозгашт ва он шабро ба фараху шодӣ ба рӯз овард.

Чун ба назди ӯ омад, саломаш кард. Синдбоди дарьёгард ҷавоб гуфт ва ба нишастан иҷозат дод, то ин ки боқии ёрон низ биёмаданд.

Он гоҳ Синдбоди дарьёгард сухан оғоз карда, ба ҳикояти моҷарои сафари шашум забон кушуд.

## САФАРИ ШАШУМ

— Эй ёрон! Бидонед, ки ман рӯзе дар хонаи худ нишаста будам, ки ҷамъе аз бозургонон ба назди ман омаданд, ки осори сафар дар эшон падид буд. Чун эшонро дидам, бозгаштанам аз сафари дарьё ба ёд омад ва ҳангомеро, ки аз мулоқоти ёрон ва пайвандон шод гашта будам, ба хотир оварда шавқманди сафар шудам.

Он гоҳ бизоатҳои қимат ва зебо, ки шоистаи сафари дарьё буд, бихаридам ва борҳо баста, аз шаҳри Бағдод ба Басра сафар кардам. Дар он ҷо киштии бузурге, ки ҷамъе аз бозургонон дар он буданд, кироя кардам. Борҳоро бар киштӣ гузошта, аз Басра равон шудем ва пайваста аз макone ба макone ва аз шаҳре ба шаҳре мерафтем, хариду фурӯш ва тамошо мекардем. Вақти мо хуш буд ва сафари мо муборак. Судҳои бисьёр ба даст овардем, то ин ки рӯзе аз рӯзҳо нохудои киштӣ фарьёде баровард ва дастор аз сар бияндохт, тапонча [1] бар рухсор зад ва риши худ биканд ва миёни киштӣ аз шиддати малолату хафагӣ бияфтод. Бозургонон бар вай ҷамъ омадан ва гуфтанд:

— Эй нохудо, чӣ рӯй дод, ки ба ин сон шудӣ?

Нохудо гуфт:

— Эй ҷамоат, бидонед, ки мо роҳ гум кардаем ва киштии мо аз дарьёи саломат бадар омада ва ба дарьёи дигар афтодааст, ки ман роҳҳои ӯро намешиносам. Агар худои таоло моро аз ин макони хатарнок наҷот надиҳад, ҳамагӣ ҳалок хоҳем шуд. Акнун муроҷиат кунед ва аз худои таоло ёрӣ ҷӯед. Пас нохудо бархост, ки тадбире кунад. Ногоҳ тундбоде ба киштӣ биёмад ва киштиро пас гардонид. Киштӣ дар наздикии кӯҳи баланд бишкаст ва тахтаҳои он пароканда шуд ва ҳар чӣ дар киштӣ буд, ғарқ гардид. Бозургонон ба дарьё рехтанд, қисме аз эшон ғарқ шуданд ва қис-

---

[1] Тапонча — тарсакӣ.

ме ба он кӯҳ баромаданд. Ман низ аз ҷумлаи касоне будам, ки наҷот ёфта, ба кӯҳ баромадам.

Дар он кӯҳ ҷазираи бузурге дидам, ки дар он ҷазира басе киштиҳо шикаста буданд Дар он ҷо чизҳои бисьёр, ки дарьё онҳоро ба соҳил андохта буд, дидам, ки аз онҳо ақл ҳайрон мешуд. Дар он ҳангом ба миёни ҷазира рафтем.

Дар он ҷо чашмаи оби равон ва ширин ёфтем, ки аз зери кӯҳ берун меомад ва аз сари дигар кӯҳ ба зери он кӯҳ фурӯ мерафт. Пас дарҳол сокинони киштӣ ба ҷазира пароканда шуданд. Аз дидани моли бисьёр, ки дар канори дарьё буд, ақлашон бирафт ва монанди бешуурон ва девонагон буданд. Дар миёни чашма гуна-гуна гавҳарҳои хуб ва ёқутҳои рангоранг ва лӯълӯҳои бузурги бисьёр хуб дидам, ки монанди рег дар наҳрҳо рехта буданд ва тамомати замини он чашма ба сабаби он чизҳое, ки дар ӯ буданд, чун ситорагон медурахшид. Дар он макон боз чашмае дидам, ки аз вай анбар меҷӯшид ва монанди муми гудохта то ба соҳили дарьё равон мешуд ва дар он ҷо ҷонварон аз дарьё бадар омада, анбарро фурӯ мебурданд ва ба дарьё фурӯ мерафтанд. Он гоҳ он анбар дар шиками ҷонварон гарм мешуд ва ӯро аз даҳонашон ба об меандохтанд, вай филфавр дар рӯи об мунчамид[1] мегашт ва дигаргун мешуд, мавҷ ӯро ҷамъ мекард ва ба канори дарьё меандохт. Сайёҳон ва бозургонон онро ҷамъ карда мефурӯшанд. Аммо анбаре, ки холис бошад ва ҷонварон ӯро фурӯ набурда бошанд, дар замини ҳамон ҷазира мунчамид мешавад ва дар он макон, ки анбари холису хом аст, кас натавонад рафт, аз барои он ки ҷазира дар миёни кӯҳҳост, бар он кӯҳҳо кас боло рафтан наметавонад ва аз ҳеҷ сӯ роҳе ба ҷазира нест. Хуллас, мо дар он ҷазира мегаштем ва чизҳоеро, ки худои таоло офарида буд, тамошо мекардем ва дар кори хеш ҳайрон будем ва басе ҳарос дар дил доштем ва тӯшаи каме дар як сӯи ҷазира ҷамъ оварда ва дар ҳар рӯз ё ду рӯз баъд як дафъа

---

[1] Мунчамид шудан — сахт шудани чизҳои обакӣ.

хӯрданӣ мехӯрдем. Ҳар кас аз мо агар мемурд, ӯро ғусл дода, дар он хоку реге, ки дарьё онҳоро ба соҳил афканда буд, гӯр мекардем, то он ки бисьёре аз мо мурданд, ҷуз чанд нафар аз мо боқӣ намонданд. Ба сабаби дарьё ба нохушии шикам гирифтор мешудем.

Чун муддате бар ин бигузашт, ҳаман ёрони ман яке-яке бимурданд. Ҷуз ман касе намонд ва тӯшаи каме бо ман буд. Он гоҳ бар аҳволи худ бигиристам ва гуфтам:

— Эй, кош пеш аз ёрони худ мемурдам, ки маро ғусл дода, кафан мекарданд ва ба хокам месупуранд.

Синдбоди дарьёгард ба ёрони худ гуфт: чун ман ёрони худ ба хок супурдам, дар он ҷазира тани танҳо мондам. Пас аз он бархоста, худам дар як сӯи ҷазира як чуқурии гӯрмонанде аз барои худ бикандам ва ба худ гуфтам, ки ҳар вақт ранҷурии ман сахт шавад ва бидонам, ки марги ман даррасид, ба ин чуқурӣ дароям ва дар он ҷо бихобам, то бимирам, он гоҳ бодҳо рег бар ман рехта, маро бипӯшонанд. Пас бар сари он чуқурӣ нишаста, худро маломат мекардам, ки чаро аз шаҳри худ бадар омадам. Пас аз он ҳама ранҷҳо ва машаққатҳо ва меҳнату хатарҳо, ки барои ман дар сафарҳои пеш будааст, боз аз баҳри чӣ сафар кардам ва ҳол он ки ҳоҷат ба сафар надоштам ва аз мол бениёз будам. Маро чандон бизоат буд, ки ман ӯро то боқии умр наметавонистам тамом кард, балки нимаи онро сарф карда наметавонистам. Пас ба кори худ ба фикрат ва ҳайрат дармонда, ба худ гуфтам: «Ба худо савганд, ки ин наҳри обро оғозе ва анҷоме ҳаст ва ин наҳр ночор аз маконе берун хоҳад шуд ва хоҳу нохоҳ ба ободӣ хоҳад расид, фикри дуруст ин аст, ки аз чӯб чизе бисозам он қадар, ки дар вай тавонам нишаст. Пас, ӯро ба ин наҳр андохта, бар ӯ бинишинам, то ӯ маро бибарад, агар худои таоло халосиро ба ман тақдир карда бошад, халос хоҳам ёфт ва агар халос наёбам, дер зери кӯҳ ва миёни ин наҳр бимирам, беҳтар аст, ки дар ин макон бимирам.

Он гоҳ бо ҳасрату афсӯс бархоста, аз он ҷазира чӯбҳои уди қиморӣ ва уди чинӣе, ки рехта буданд, ҷамъ овардам ва бо ресмонҳе, ки аз киштиҳои шикас-

та афтода буданд, ба якдигар маҳкам бибастаму аз тахтаҳои паҳновари соф, ки аз киштиҳои шикаста рехта буданд, ба рӯи он чӯбҳо бигузоштам ва камтар аз паҳноии он наҳр завраке сохтам ва тамоми чӯбҳою тахтаҳои ӯро маҳкам бибастам. Аз он гавҳарҳою лӯълӯҳои бузург, анбари холис ва чизҳои дигар, ки дар он ҷазира буданд, бардошта, бар он заврақ бигузоштам ва аз тӯша он чӣ, ки боқӣ монда буд, бо худ гирифтам. Завракро ба он наҳр бияфкандам ва бар рӯи ӯ нишаста равон шудам.

Алқисса, бо он заврақ дар он наҳр равон шудам ва аз оқибати кори худ фикр меронам, аммо заврак бар рӯи об мерафт, то ин ки ба зери кӯҳе, ки наҳр аз он ҷо мегузашт, дохил шуд ва маро дар зери кӯҳ дар торикии сахт аз ҷойҳои танг ҳамебурд, ки паҳлуҳои заврақамро ба ин сӯ ва он сӯи наҳр ва сари ман ба сақфи наҳр месуд. Лекин бозгаштан наметавонистам ва аз кардаи худ пушаймон будам. Ман худро маломат мекардам ва мегуфтам:

— Агар ин макон ба ин заврақ танг ояд, бозгаштанам маҳол аст ва ночор ба меҳнат ва ранҷ хоҳам мурд.

Пас аз он аз тангии наҳр ман бар рӯ бияфтодам ва ҳамерафтам. Рӯзро аз шаб намедонистам, аз ҳолоки хештан бисьёр бим доштам ва ба ин сон ба рӯи об мерафтам ва он наҳр гоҳе танг ва гоҳе фарох мешуд, валекин шиддати торикӣ маро биёзурд ва сахт ранҷур шудам. Он гоҳ маро аз ғояти андӯҳ хоб бигирифт, вақте ки бедор шудам, худро дар равшанӣ дидам, чашм кушуда, маконе васеъ ва завракро ба дарахти ҷазира баста ёфтам.

Ҷамоате аз ҳиндиҳо ва ҳабашҳо бар ман гирд омада буданд. Чун диданд, ки ман чашм бикушодам, ба сӯи ман бархоста, бо забоне, ки ман онро намедонистам, сухан гуфтанд.

Ман аз шиддати тангӣ ва машаққате, ки дар зери кӯҳ дида будам, гумон бурдам, ки ман хоб мебинам.

Чун ман забони эшонро намедонистам ва ҷавоб ба эшон намедодам, он вақт марде аз эшон пеш омада, ба забони арабӣ маро салом дод ва ба ман гуфт:

— Эй бародар, ту кистӣ ва аз куҷоӣ ва сабаби омаданат ба ин ҷо чист?

Пас аз он гуфт:

— Мо соҳибони ҳамин киштзорем. Омада будем, ки киштзори худро обьёрӣ кунем, чун туро ин ҷо бар рӯи заврақ хуфта ёфтем, заврақро гирифта бибастем, то ту бархезӣ ва моро аз сабаби ба ин ҷо омаданат огоҳ кунӣ.

Ман ба ӯ гуфтам:

— Эй бародар, туро ба худо савганд медиҳам, ки аввал барои ман хӯрданӣ биёвар, ки аз гуруснагӣ тоби сухан гуфтан надорам. Пас аз он, ки таом бихӯрдам, ҳар чӣ хоҳӣ, савол кун.

Дарҳол бароям таом биёвард. Ман бихӯрдам, сер гаштам ва роҳат ёфтам. Бими ман бирафт ва равонам ба тан бозгашт. Ҳамди худо ба ҷо овардам ва аз берун омадан аз он варта хушвақт шудам ва тамоми моҷарои худро ба эшон гуфтам ва ранҷе, ки аз тангии он наҳр бурда будам, боз гуфтам.

Он гоҳ ҷамоат бо якдигар гуфтанд, бояд инро ба назди малик барем, то моҷарои худро ба малик боз гӯяд. Маро бо заврақ ва ҳар чӣ аз молу гавҳар ва лӯълӯ дар он буд, бардошта, пеши малик бурданд. Ман ҳикояти худро ба малик баён кардам. Маликро аз ҳикоятам аҷаб омад ва ба саломатӣ таҳният гуфт. Дар он вақт ман бархоста, аз он заврақам моли бисьёр аз гавҳару лӯълӯ ва уди хом оварда ба малик ҳадья кардам. Малик ҳадьяи маро қабул намуда ва маро азиз дошт ва дар маконе ба наздики худ маро хона дод, ман бо бозургонони эшон нағз робита кардам ва аз даргоҳи малик ҳеҷ гоҳ ҷудо нагаштам ва ҳар кас, ки ба он ҷазира меомад, хабарҳои шаҳри маро мепурсид ва ман низ хабари шаҳрҳои эшон мепурсидам, то ин ки рӯзе малики он ҷазира аз халифаи Бағдод боз пурсид ва аз саховату адлу доди ӯ ҷӯё гашт. Ман саховату инсофи халифаро ба ӯ гуфтам. Уро аз корҳои халифа аҷаб омад ва ба ман гуфт:

— Ба худо савганд, ки муҳаббати халифа дар дилам ҷой кард, қасди ман ин аст, ки аз барои ӯ ҳадья муҳайё карда, бо ту бифиристам.

Ман гуфтам:

— Эй малик, итоат кунам ва ҳадья ба халифа бирасонам ва дӯстии туро ба ӯ боз намоям.

Хуллас, ман дар назди малик дар ниҳояти иззат ба сар мебурдам, то ин ки рӯзе аз рӯзҳо дар назди малик нишаста будам, шунидам, ки ҷамоате аз аҳли шаҳр киштӣ тартиб дода, ихтиёри сафари Басра доранд. Ман бо худ гуфтам: «Маро беҳтар аст, ки бо ин ҷамоат сафар кунам». Он вақт шитобон назди малик рафта, дасти ӯро бӯса дода, ӯро огоҳ кардам, ки бо он ҷамоат, ки киштӣ тартиб додаанд, максади сафар дорам, ки басе шавқманди ватан ва фарзандону пайвандонам.

Малик гуфт:

— Ихтиёр дорӣ, вале агар дар назди мо бимонӣ, ҷо бар сару чашми мо дорӣ.

Гуфтам:

— Ё ҳазрат, ба худо савганд, ки ту маро ғарқи эҳсон кардай, вале иштиёқи ман ба аёлу ватан бисьёр гашта.

Чун малик сухани ман бишунид, бозургононро, ки касди сафар доштанд, ҳозир овард ва маро ба эшон бисупурд ва моли бешумор ба ман ато кард ва ҳадьяҳои лоиқ аз барои халифа Ҳорунаррашид бо ман бифиристод. Он гоҳ маликро видоъ карда ва бо дигар ёрону бозургонон ба киштӣ нишаста равон шудем. Боди мурод бивазид ва сафари мо некӯ шуд. Пайваста аз дарьё ба дарьё ва аз ҷазира ба ҷазирае равон будем, то ин ки саломат ба шаҳри Басра бирасидем.

Чанд рӯзе дар шаҳри Басра ба сар бурда, пас аз он ба Бағдод равон шудам ва ба дарбори халифа ҳозир омада, ҳадьяҳоеро, ки малик барои ӯ фиристода буд, арза доштам ва тамоми моҷаро ба халифа боз гуфтам.

Пас аз он ба хонаи хеш омада, молу матои худро ҷамъ овардам. Ёрону пайвандони ман назди ман омада, аз дидори якдигар фараҳнок шудем ва ҳадья ба ҳама кас фиристодам ва фақирону мискинонро садақа додам.

Пас аз чанд рӯз халифа маро бихост ва аз саба-

би ҳадья чӯё шуд. Пурсид, ки ин ҳадья аз кист ва аз куҷост?

Гуфтам:

— Эй халифа, номи шаҳре, ки ҳадья аз он ҷо овардам, намедонам ва роҳи онро намешиносам. Лекин, вақте ки киштии мо ғарқ шуд, ман ба ҷазира даромадам ва аз барои худ завраќе сохта, ӯро ба наҳре, ки дар миёни ҷазира буд, биандохтам, он наҳр маро аз он макони хатарнок берун бурд.

Пас тамомати он чизе, ки дар он сафар рӯй дода буд, баён кардам ва сабаби фиристодани ҳадья боз гуфтам. Халифаро басе аҷаб омад, фармуд, ки ҳикояти маро навишта ба хизона супоранд, то ибрати ояндагон шавад.

Пас аз он маро эҳтиром кард ва дар шаҳри Бағдод вақтро дар айшу нӯш мегузаронидам ва ранҷҳоеро, ки бурда будам, фаромӯш карда ва ҳамеша дар нишоту тараб будам. Моҷарои ман дар сафари шашумин ин буд, ки ҳикоят кардам. Фардо ҳикояти сафари ҳафтумро нақл хоҳам кард, ки вай аҷибтар аз ҳикояти сафарҳои пеш аст.

Пас аз он Синдбоди дарьёгад ба паҳн кардани суфра бифармуд. Чун хӯрданӣ бихӯрданд, як сад мисқол зари сурхро ба Синдбоди ҳаммол бидод, ӯ зарҳоро гирифта, бо ҷамоате, ки дар он ҷо буданд, бозгаштанд ва дар ғояти ҳайронӣ ва тааҷҷуб буданд.

Чун шабро ба рӯз оварданд, ҳангоми бомдод ба хонаи Синдбоди дарьёгард омада ва ёрони маҷлис ҳамагӣ ҷамъ омада, Синдбоди дарьёгард ба ҳикоят огоз намуд.

## САФАРИ ҲАФТУМ

— Эй ёрон! Бидонед, ки чун ман аз сафари шашум бозгаштам, ба айшу нӯш машғул шудам. Дергоҳе ба ин аҳвол будам ва айши ман нуқсоне надошт, то ин ки сафари дарьё ва маъракаи бозургононро шавқманд

шудам. Пас ман аз матоъҳои қиматбаҳо, ки муносиби дарьё бошад, бор бастам ва аз шаҳри Бағдод ба шаҳри Басра омадам. Дар он ҷо киштие дидам, ки ҷамоати бозургонон бар он нишаста, муҳайён сафар буданд ва ман низ дар он бо эшон ҳамроҳ шудам ва ҳамон рӯз равон шудем. Боди хуш бар мо бивазид ва киштии мо ба саломат ба шаҳре расид, ки ӯро шаҳри Чин мегуфтанд ва мо бисьёр хурсандӣ ва хушвақтӣ доштем ва дар корҳои бозургонӣ ва хариду фурӯш бо ҳамдигар дар гуфтугӯ будем, ки ногоҳ боди тунд аз пеши рӯи киштӣ вазидан ва борони сахт боридан гирифт. Борҳои мо аз борон тар шуданд. Намадҳо ва пардаҳо ҳар чӣ доштем, бар рӯи борҳо бикашидем, ки аз борон талаф нашаванд, дасти дуоюю тазаррӯъ ба даргоҳи худовандӣ бардошта, аз он ҳодисаи сахти ҳавлнок халосӣ хостем. Дар он ҳангом нохудо бархоста, остин барзаду доман ба миён маҳкам карда, бар фарози чӯби бодбон рафт. Вай ба чапу рост назар карда, тапонча бар сар зад ва риши худ биканд. Мо гуфтем:

— Эй нохудо, чӣ ҳодиса рӯй додааст? — Гуфт:

— Бар хештан бигирьед ва якдигарро дуо бикунед ва аз худои таоло наҷот талабед ва бидонед, ки бод бар мо ғалаба карда, моро ба охири дарьёҳо андохтааст.

Пас аз он нохудо фуруд омад ва сандуқе бикушуд ва халтаи карбосӣ берун овард ва сари халтаро боз кард ва аз ӯ хоке монанди хокистар бадар оварда, ӯро ба об тар карду соате сабр намуд. Пас аз он ӯро бибӯсид. Он гоҳ китоберо аз сандуқ бадар оварда, бихонд ва ба мо гуфт:

— Эй сокинони киштӣ, бидонед, ки дар ин китоб чизе дидам, ки ба ҳайрати ман бияфзуд ва он ин аст, ки ҳар кас ба ин макон бирасад, наҷот нахоҳад ёфт. Ночор ҳалок хоҳад шуд, ки ин заминро Иқлимулмулук гӯянд ва қабри Сулаймон бинни Довуди Алайҳиссалом дар ин макон аст ва дар ин ҷо моҳиёни бузурги бохайбатанд. Ҳар кас, ки бо киштӣ ба ин иқлим расад, яке аз моҳиёни дарьё бадар омада, киштӣ ва он чӣ дар ӯ бошад, фурӯ барад.

Чун мо аз нохудо ин суханон бишунидем, ҳайрон шудем. Ҳанӯз сухани нохудо ба анҷом нарасида буд, ки киштии мо аз об баланд шуд ва боз бар рӯи об фуруд омад. Он гоҳ фарьёди баланд монанди раъд баромад, ки аз он фарьёд сахт тарсидем, дар он вақт мо ҳалокро яқин кардем, ки ногоҳ аз дур як моҳии бузург чун кӯҳ рӯй ба киштӣ овард. Мо аз он моҳӣ битарсидем, бар худ бигиристем ва маргро омода гаштем, чашм бар он моҳӣ дӯхтем ва аз хилқати бузурги ӯ аҷаб доштем, ки моҳии дигар ба мо рӯ овард, аз ӯ бузургтар ва дарозтар махлуқе надида будем. Мо дар он ҳангом якдигарро видоъ карда, гирьён шудем, ба хештан ҳамеларзидем, ки моҳии дигар аз он ду моҳӣ бузургтар падид шуд. Аз ғояти биму ҳарос ақли мо бирафт. Пас, он моҳиён ҳар се ба даври киштӣ ҳамегаштанд ва моҳии сеюмин наздик буд, ки киштиро бо он чӣ дар ӯст, фурӯ барад! Ногоҳ боде тунд бархост, киштӣ баланд гашта, ба кӯҳи бузург бархӯрду дарҳол бишкаст ва тахтаҳои ӯ пароканда шуданд. Борҳою бозургонон ва сокинони киштӣ ба дарьё ғарқ гаштанд.

Ман ҷомае, ки дар бар доштам, бикандам, ҷуз як зерҷома дар танам либосе намонда буд, андаке шино карда, ба тахтае аз тахтаҳои киштӣ бирасидам ва бар он тахта баромадам. Мавҷҳо ва бодҳо маро дар рӯи об ба ҳар тараф меандохтанд, гоҳе ба боло ва гоҳе ба зер мебурданд ва ман аз бими гуруснагӣ дар бадтарин ҳолате будам ва худро маломат ҳамекардам, ки чаро пас аз роҳат худро ба меҳнату машаққат андохтам ва бо худ гуфтам:

«Эй Синдбоди дарьёгард, ту ҳар дафъа ранҷҳо ва машаққатҳо мебарӣ, боз аз сафари дарьё тавба намекунӣ ва агар тавба кунӣ, боз тавба бишканӣ, акнун ин ранҷҳоро бибар, ки ҳар чӣ бар ту рӯй диҳад, сазовори онӣ».

Пас аз он ба ақли худ бозгаштам ва гуфтам, ки дар ин сафар тавбаи нусӯҳ[1] мекунам, ки боқии умр

[1] Тавбаи нусӯҳ — тавбаи сахт.

дигар сафар накунам ва дар тамоми умрам номи сафар бар забон наёрам. Хуллас, то ду рӯз дар ҳамон ҳолат дар рӯи об будам ва мегиристам, то ин ки худо маро наҷот дода, ба ҷазираи бузурге даромадам, ки дарахтони бисьёр ва чашмаҳои равону хушгувор дошт. Аз меваҳои дарахтон хӯрда ва аз оби чашмаҳо нӯшида, равони рафта ба танам бозгашт ва хотирам бикшуд, нотавониям ба тавоноӣ бадал шуд. Он гоҳ дар ҷазира мегаштам ва тамошо менамудам, ки дар як сӯи он ҷазира наҳри бузургу равон ёфтам. Дар сари он наҳр истода, чашм бар он ниҳода будам, аз сурати киштие, ки дар сафари пеш сохта будам, ба ёдам омад, бо худ гуфтам: «Ночор аз баҳри худ ҳамон барин киштӣ бисозам, ки агар халосӣ ёбам, ба максуд бирасам ва агар ҳалок шавам, аз машаққату хастагӣ роҳат хоҳам ёфт».

Пас аз он бархоста, аз чӯбҳои он дарахтон ҷамъ карда, аз пӯсти шохҳо ва решаи гиёҳҳо монанди таноб тобидам ва он киштиро маҳкам бибастам, онро дар оби наҳр афканда, бар вай бинишастам ва ба рӯи наҳр мерафтам, то ин ки аз он ҷазира бадар шудам ва аз ҷазира дур гаштам. Се шабонарӯз, пас аз дур гаштан аз ҷазира, равон будам, вале дар он муддат бар рӯи киштӣ афтода, хӯрданӣ надоштам ва агар ташна мешудам, аз оби наҳр менӯшидам. Аз шиддати ранҷ ва бими гуруснагӣ ба ҳалокатам чизе намонда буд. Дар чунин ҳолат ба кӯҳи баланде бирасидам, ки об ба зери он кӯҳ дохил мешуд. Чун ӯро бидидам, наҳреро, ки дар сафари пеш дар он рафта будам, ба хотир овардам. Аз машаққатҳое, ки дар он ҷо кашида будам, ба ёдам омад. Ман бисьёр тарсидам, хостам, ки киштиро нигоҳ дошта аз наҳр бадар оям ва ба кӯҳ боло равам, об бар ман ғалаба карда, киштиро ба зери кӯҳ бурд.

Чун инро дидам, аз зиндагӣ навмед шудам, лекин киштичаам масофае дар зери кӯҳ рафта, пас аз он ба макони васеъ баромад. Он макон бодияи фарохе буд ва об дар он бодия сарозер мерафт ва овозаш монанди овози раъд буд, чун киштӣ тез мерафт, ман аз тарси он, ки аз болояш наафтам, киштиро бо ҳар ду даст

маҳкам гирифта будам. Киштӣ бар об сарозер мерафт ва ман наметавонистам, ки ӯро манъ кунам ва кудрати он, ки ӯро ба сӯи хушкӣ бигардонам, надоштам, то ин ки маро ба канори шаҳре некӯбино ва олиҳисор бирасонид. Халқи бисьёр дар он ҷо буд. Чун мардумони шаҳр маро дар рӯи киштӣ, дар миёни наҳр диданд, ки сарозер меравам, домҳо ва ресмонҳо ба сӯи киштӣ андохта, маро аз наҳр ба сӯи хушкӣ бикашиданд. Ман дар миёни эшон аз ғояти гуруснагию бедорӣ ва воҳима монанди мурдагон бияфтодам.

Аз миёни он ҷамоат марде солхӯрда ва шайхе бузургвор ба пеши ман омада, ба ман ҷомаҳои зебо бипӯшонид ва маро бардошта, ба гармоба бурд ва шарбатҳои ҷонпарвар ҳозир овард.

Чун аз гармоба берун омадем, маро ба хонаи худ бурду дар макони некӯ ҷо дод ва таомҳои нағз аз баҳри ман муҳайё кард.

Ман хӯрданӣ хӯрда, сер шудам, ҳамди худои таоло ва шукри халосӣ ба ҷо овардам. Он гоҳ ғуломони ӯ оби гарм оварданд, даст шустам ва канизаконаш дасторчаи ҳарир оварданд, дастҳои худ бихушконидам. Он гоҳ шайх бархоста, дар паҳлуи хонаи худ макони ҷудогона ва хилват аз баҳри ман тартиб дод ва ғуломону канизакон ба хизмат бигумошт ва пайваста ғуломону канизакон ба ман хизмат мекарданд. То се рӯз ба ҳамин ҳолат аз хӯрданиҳои лазизу гуворо бихӯрдам, то ин ки ҷони рафта ба қолибам бозгашта ва хотирам баросуд ва аз изтиробе, ки маро буд, роҳат ёфтам.

Чун рӯзи чорум шуд, шайх пеши ман омад ва маро таҳният кард ва эҳтиром намуд ва гуфт:

— Эй фарзанд, акнун, агар хоҳиш дорӣ, бархезу аз соҳили дарьё ба бозор рав ва бизоати худро фурӯхта қимат биситон ва агар матои дигар туро дар назар ояд, бихар, шояд, ки туро аз он суде расад.

Ман замоне сокит шудам ва ба худ гуфтам: «Маро кадом бизоат аст ва сабаби ин суханон чист». Шайх гуфт:

— Эй фарзанд, ғамгин мабош ва ба фикр фурӯ марав, бархез, бо ман ба сӯи бозор равем. Агар касе би-



зоати туро қимате диҳад, ки хушнуд шавӣ, бифрӯш ва агар баҳое, ки ризои ту дар он набошад, мадеҳ.

Ман дар кори худ фикр кардам ва бо худ гуфтам, ки «сухани ин шайхро қабул кунам ва ба ҳар чӣ гӯяд, итоат намоям, то маълум шавад, ки ин бизоат чист?».

Дарҳол бархоста ба ӯ гуфтам:

— Эй шайх, ҳар чӣ гӯӣ, муборак аст.

Пас аз он бо шайх ба бозор даромадам, дидам, ки киштиеро, ки ман бо ӯ омада будам, кушуда ва чӯбҳои онро гирд карда, чӯбҳояш аз дарахти сандал буданд, даллолон харидоронро бар ӯ далолат мекунанд ва андак-андак ҳамеафзуданд, то ба ҳазор динор расид, он гоҳ бозургонон аз фузудан бозистоданд. Шайх ба сӯи ман нигоҳ карда гуфт:

— Эй фарзанд, қимати бизоати ту дар ин рӯзҳо ҳамин аст, агар ба ин қимат мефурӯшӣ, пулаш гир, агар намефурӯшӣ, ман аз барои ту нигоҳ дорам, то ҳангоме, ки қиматаш афзун шавад.

Ман гуфтам:

— Эй шайх, фармон туростх ҳар он чӣ хоҳӣ, бикун.

Шайх гуфт:

— Эй фарзанд, ин чӯбҳоро ба ҳазору як сад динор мефурӯшӣ ё на?

Гуфтам:

— Бале.

Дарҳол ғуломони худро гуфт, чӯбҳоро бардошта, ба ҳуҷра бурданд ва маро ба хона бурда, пулро пурра бишумурд ва ҳамьёне ҳозир карда, зарҳоро дар ҳамьён гузошт ва сари ҳамьёнро ба қуфли оҳанин маҳкам карда, калиди қуфлро ба ман супурд. Пас аз чанд рӯз ба ман гуфт:

— Эй фарзанд, коре ба ту бознамоям ва хоҳиши ман ин аст, ки сухани маро қабул кунӣ.

Гуфтам:

— Эй шайх, он кор кадом аст?

Гуфт:

— Эй фарзанд, бидон, ки ман марди солхӯрдаам ва маро писаре нест. Духтаре дорам некӯшамоил ва худованди молу ҷамол, ҳамехоҳам он духтарамро ба

кобини ту оварам ва ту сокини ҳамин шаҳр шавӣ. Пас аз он тамоми моли худамро ба ту бахшам ва туро қоиммақоми худ гардонам.

Чун ман сухани ӯ бишунидам, гуфтам:

— Эй амаки меҳрубон, ба худо савганд, азбаски ранҷҳо бурда ва хатарҳои зиёд дидам, маро фикри дуруст намондааст. Акнун маро ту ба ҷои падарӣ ва амр амри туст.

Дарҳол шайх фармуд қозӣ ва шоҳидонро ҳозир оварданд, духтари худро ба ман ақд баст. Маро ба ҳуҷраи духтар фиристод. Ӯро накӯрӯй ва зебоҷамол ёфтам ва ӯро бо бисьёр чизҳои заррина ва иқдҳои гавҳарин зинату оро дода буданд ва аз сангҳои қиматбаҳо, ки ба ҳазор-ҳазор динор қимат доштанд, бар ӯ дидам. Маро меҳр ба ӯ биҷунбид, буньёни муҳаббат дар миёни мо маҳкам шуд, муддате бо ӯ дар айшу нӯш будам, то ин ки падари ӯ бимурд. Ман соҳиби молу мулк шудам, ҳамаи ғуломони ӯ дар зери ҳукми ман даромаданд, чунон ки бе иҷозати ман касе коре намекард. Пас, ман бо мардумони шаҳр муносибат кардам, дидам, ки дар сари ҳар моҳ ҳолати эшон дигаргун мешавад, аз онҳо пару бол пайдо мешавад, ки бо он парҳо ба сӯи осмон парвоз мекунанд. Ман ба худ гуфтам: «Чун сари моҳи нав шавад, аз яке аз аҳли шаҳр хоҳиш намоям, ки ба ҳар ҷо раванд, маро низ бо худ бибаранд». Чун сари моҳ даромад, гунаҳои эшон тағьир ёфт. Пеши яке аз эшон рафта, ба ӯ гуфтам:

— Туро ба худо савганд медиҳам, ки маро бо худ бибар, то тамошо кунам ва бо шумо бозгардам.

Вай даъвати маро қабул намуд, ман бар ӯ биёвехтам, маро бардошта, ба ҳаво бипарид ва чандон ба ҳаво баланд шуд, ки овози тасбеҳи малок аз фалак ба гӯш мерасид.

Ман аз ин кор дар аҷаб шудам ва қудрати худоро бовар карда, субҳонолло гуфтам. Ҳанӯз тасбеҳи ман тамом нагашта буд, ки оташе аз осмон фуруд омада, наздик буд, ки ҳамаи эшонро бисӯзонад, ҳама ба як бор ба замин омаданд ва маро дар кӯҳе баланд бияндохтанд ва бар ман бисьёр хашм карданд, маро дар ҳамон ҷо гузошта бирафтанд. Ман дар ҳамон кӯҳ би-

мондам ва аз кирдори худ пушаймон будам ва мегуфтам, ки субҳонолло аз мусибате халос мешавам, то ба меҳнати аз вай бузургтар гирифтор гардам. Ман ҳайрон мондам ва чӣ кор карданамро намедонистам. Ногоҳ ду писари хубсуратро дидам, дар он кӯҳ ҳамегаштанд ва дар дасти ҳар кадом аз онҳо асое буд аз зари сурх, ки ба ӯ такья мекарданд. Ман ба пеши онҳо рафта, саломашон додам, радди салом карданд.

Ба эшон гуфтам:

— Шуморо ба худо савганд медиҳам, бозгӯед, ки кистед ва кори шумо дар ин макон чист?

Гуфтанд:

— Мо аз бандагони худо ҳастем.

Он гоҳ яке аз эшон асои худро ба ман дод ва ба роҳи худ рафтанд, маро дар ҳамон макон бигузоштанд. Ман асоро ба даст гирифта, дар сари он кӯҳ мегаштам ва дар кори он ду писар ҳайрон будам, ки ногоҳ аз пои он кӯҳ море бузург фароз омад ва марде дар даҳон дошт, ки то ноф он мардро фурӯ бурда буд, он мард фарьёд мезад ва мегуфт:

— Ҳар кас маро халос кунад, худои таоло ӯро аз ҳар сахтӣ наҷот диҳад.

Ман пеш рафта, бо асо бар сари он мор задам, дарҳол мор он мардро аз даҳон биандохт. Он мард пеши ман омада гуфт:

— Чун аз ин мор маро ту халос кардӣ, ҳаргиз аз ту ҷудо нашавам ва дар ин кӯҳ бо ту хоҳам буд.

Ман бо ӯ ёр гашта, дар он кӯҳ мегаштем, ки ногоҳ тоифае рӯ ба мо оварданд. Дидам, ҳамон мард, ки маро ба дӯш гирифта, ба осмон парида буд, дар миёни эшон аст. Ман пеш рафта узр хостам ва ба ӯ гуфтам:

— Эй ёри дерин, ёрон ба ёрон чунин кунанд?

Гуфт:

— Ту на оне, ки маро бо тасбеҳи худ ҳалок кардӣ?

Гуфтам:

— Бале, эй ёри вафодор! Бар ман айб магир, ки аз ин кор ман огоҳ набудам. Лекин пас аз ин ҳаргиз сухан нагӯям ва тасбеҳ накунам.— Он гоҳ он мард бо ман шарт карда ва паймон баст, ки дигар номи худоро бар забон набарам ва тасбеҳ нагӯям. Чун ман аҳд

қабул кардам, он мард маро ба дӯш гирифту ба ҳаво бипарид ва маро ба манзилам расонид. Зани ман пеш омада, маро салом карду бар саломати ман шод гашта, ҳамди худо ба ҷо овард ва ба ман гуфт:

— Баъд аз ин бо ин тоифа муносибат макун ва аз берун рафтан бо эшон барҳазар бош, ки эшон аз дӯстони шайтонҳо ҳастанд ва ёди худои таоло накунанд.

Ман ба ӯ гуфтам:

— Пас, ҳоли падари ту бо эшон чун буд?

Гуфт:

— Падари ман бо эшон набуд ва мисли эшон намекард. Ҳоло, ки падарам вафот кард, фикри ман ин аст, ки тамоми моли худро бифурӯшӣ ва қимати онро бизоати тиҷорат харида, ба сӯи шаҳри худ сафар кунӣ ва маро низ бо худ бибарӣ, ки маро пас аз падару модар дар ин шаҳр нишастан лозим нест.

Фикри ӯ ба ман маъқул шуд. Чизҳои он шайҳро як-як бифурӯхтам ва дар интизори киштӣ будам, ки аз он шаҳр сафар кунам. Ногоҳ ҷамоате аз он шаҳр қасди сафар карданд ва киштӣ бисохтанд. Ман аз эшон кироя карда, пули кирояро додам. Зани худро бо бизоатҳо ва зару сим дар киштӣ гузошта, молу мулк ва хоку хонаро тарк кардам. Мо аз ҷазира ба ҷазира ва аз дарьё ба дарьё равон гашта ҳамерафтем, то ин ки ба саломат ба шаҳри Басра расидем ва дар он ҷо таваққуф накарда, ба шаҳри Бағдод омадем. Ман ба хонаи хеш омада, ёрону пайвандони худро мулоқот кардам ва аз дидори аёлу фарзандон шодмон гашта, моли худро дар анборҳо биниҳодам. Ёрони ман айёми ғайбати сафари ҳафтуминро шумурдаанд, ки бисту ҳафт сол будааст, эшон аз ман навмед гашта будаанд. Чун аз сафар бозгаштам ва моҷарои худ ба эшон ҳикоят кардам, ҳамагӣ дар корам ҳайрон ва дар ғояти тааҷҷуб монданд ва ба саломатии ман таҳният гуфтанд. Пас тавба кардам, ки дигар дар баҳру бар сафар накунам. Эй Синдбоди ҳаммол, ту ба корам назар кун, ки чӣ ранҷу хатарҳо ба ман рӯй дод, бубин, ки чӣ меҳнатҳоеро дидаам, то ин замон осуда нишастаам.

Синдбоди ҳаммол аз Синдбоди дарьёгард узр хост ва ба ӯ гуфт:

— Туро ба худо савганд медиҳам, ки чизе, ки аз ман сар зад, бар ман айб магир.

Синдбоди дарьёгард узри ӯ қабул кард ва ӯро ба худ дӯст интихоб намуд, онҳо пайваста бо якдигар дӯстони наздик буданд ва бо айшу нишот ба сар мебурданд, то барҳамзанандаи лаззатҳо ва пароканда-кунандаи ҷамъиятҳо бар эшон битохт.



## Мундарича


Ҳикояти аспи аҷоиб . . . . . 3
Ҳикояти шаҳзодаи якчашма. 27
Ҳикояти моҳигир . . . . . 38
Ҳикояти Синдбоди дарьёгард.. 61
Сафари якум . . . . . . . . 63
Сафари дуюм . . . . . . . . 72
Сафари сеюм . . . . . . . . 80
Сафари чорум . . . . . . . . 89
Сафари панҷум . . . . . . . 102
Сафари шашум . . . . . . . 111
Сафари ҳафтум . . . . . . . 117





*Барои бачагони синни миёна ва калони мактабӣ*

**ПУТЕШЕСТВИЕ СИНДБАДА**

(на таджикском языке)

*Переиздание по выпуску издательства «Ирфон», Душанбе, 1967.*

Муҳаррир *Ӯ. Холиқов*
Рассом *В. Безушко*
Муҳаррири расмҳо *В. Будный*
Муҳаррири техникӣ *Т. Любицкая*
Мусаҳҳеҳ *А. Бердиев*

Ба матбаа 25/II-1976 супурда шуд. Ба чопаш 26/V-1976 имзо шуд. Коғази № 1. Формати 60×90¹/₁₆. Ҷузъи чопӣ 8. Ҷузъи нашриию ҳисобӣ 6,4.
Адади нашр 50000. Супориши № 2638. Нархаш 33 тин.

Нашриёти «Маориф», Душанбе, кӯчаи Попов, 9.

Комбинати полиграфии Комитети давлатии Совети Вазирони РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб, Душанбе, хиёбони Ленин, 37.

33 тин

НАШРИЁТИ
„МАОРИФ“



• مقدمة

• كنوز الإخلاص و المحبة

• من الإنسان الحر إلى استقلال الدولة

• الحكمة تاج الملوك

• الواضح البين

• الخطابات المبشرة ببناء المستقبل

• في رحاب العالم

• رفع اليدين بالدعاء